Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода,
Б. Ғаниева, С. Куйбекова

# ЗАБОНИ МОДАРӢ 2

**Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**Душанбе**
**Маориф**
**2017**

**ББК 81.2 тоҷик - 922**
**З - 13**

**З - 13**. Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода, Б. Ғаниева, С. Куйбекова. **Забони модарӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 2-юм. Душанбе. Маориф. 2017. 328 саҳ.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаб | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-444-5**

**© Маориф, 2017**
**Моликияти давлат**

Бачаҳои азиз!

Шумо баъд аз хатми синфи якум як зина боло, ба синфи дуюм қадам ниҳодед. Агар имсол ҳам хубу аъло хонед, дар роҳи дониш як қадам ба пеш мегузоред. Орзуи мо, азизон, ин аст, ки ҳама фанҳоро нағз омӯзед, ба сухану насиҳатҳои омӯзгорон ва падару модарон гӯш кунед, зеро онҳо ҳамеша хайрхоҳи шумо ҳастанд. Мехоҳанд, ки шумо хубу аъло хонда, соҳиби маълумот гардед ва ба халқу Ватани азизамон содиқона хизмат кунед. Ин китоб барои шумо навишта шудааст. Хонед ва аз панду ҳикматҳояш баҳраманд гардед. Онро покиза нигоҳ доред. Фаромӯш накунед, ки соли оянда ин китобро хоҳар ё додарони шумо мехонанд.

## Аломатҳои шартӣ


**Хонед**


**Бозӣ**


**Суҳбат**


**Нависед**



**Чистон**


**Вазифаи хонагӣ**


**Супориш**


**Кори дунафарӣ**


**Савол**


**Кори гурӯҳӣ**


**Ба хотир гиред**


**Имло**

**Луғат**

**Панд**

**Қоида**

# 1. ҶУМЛА. АЗ МАТН ҶУДО КАРДАНИ ҶУМЛА

## ДАРСҲОИ 1-2

1. Дар тобистон ба кадом корҳо машғул шудед?
2. Кадом китобҳоро хондед?

### КИТОБ – ДӮСТИ МО

Китоб дӯсти ҷонӣ ва раҳнамои зиндагӣ аст. Аз китоб мо бисёр чизҳоро меомӯзем. Мо китоб мехонем ва дунёро мешиносем.

Китоб сарчашмаи илму дониш аст. Ба мо дар бораи олам, одамони машҳур, ҳайвонот, рустаниҳо, одатҳои нек маълумот медиҳад.

Мо барои он китоб мехонем, ки доно шавем. Барои он ки бисёр донем, бояд ҳар рӯз китоб хонем.

Китобҳо гуногун мешаванд: китоби дарсӣ, ки мо аз он дониш мегирем, китоби бадеӣ, ки мо аз он афсона, ҳикоя, шеър ва нақлу ривоятҳо мехонем. Шахсе, ки бисёр китоб мехонад, донишманд мешавад.



Матни «Китоб – дӯсти мо» аз чанд ҷумла иборат аст? Ҷумлаи якум кадом аст? Ҷумлаи охир кадом аст?

Шеърро ифоданок хонед.

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ
Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*



Якҷоя муҳокима карда, дар бораи китоб ду ё се ҷумла нависед.
**Намуна:** Мо аз китоб дониш меомӯзем.

Нақшаи ҷумларо ба хотир меорем!
_____ _____ _____ _____ _____.

Дар ин нақша калимаи аввали ҷумларо нишон диҳед. Ҷумла аз чанд калима иборат аст? Дар охири ҷумла кадом аломат омадааст?



Аз матни «Китоб – дӯсти мо» ҷумлаеро интихоб кунед. Нақшаи онро кашед. Аз матн нақшаи ҷумлаи кашидаи якдигарро ёбед.

1. Тарзи буррову равон хондани матни «Китоб – дӯсти мо»-ро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!» **Намуна:** Ҷумлаи сеюми матн кадом аст?
4. Бо ҳарфҳои калимаи «китоб» калимаҳои нав созед.

Ду ҷумларо аз матн интихоб кунед. Онҳоро нависед. Нақшаи ҷумлаҳоро кашед. _____ _____ _____ _____ _____.

## ДАРСҲОИ 3-4

Ба фикри шумо, шахс бояд танҳо ба хешонаш ёрӣ расонад? Чаро? Дар кадом фасли сол замин яху лағжонак мешавад?

Матнро хонед ва маънои калимаҳои ишорашударо аз мазмуни матн муайян кунед.

### ЯК ПИРАЗАНИ ОДӢ

Ду мактаббача – як писару як духтар, аз мактаб баромада ба хонаашон мерафтанд. Дар кӯча пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Замин яху **лағжонак** буд. Пиразан **лағжида** афтид.



– Китобҳои маро дошта ист, – гуфта писарак **ҷузвдонашро** ба духтарча доду ба ёрии пиразан давид.

Вақте ки писарак гашта омад, духтарак аз ӯ пурсид:

– Ин пиразан модаркалони туст?

– Не, – гуфт писарак.

– Модарат?

– Не!

– Амма ё холаат?

– Не, охир, не! – гуфта хандид писарак.

Ман ӯро намешиносам, вай як пиразани **одӣ** аст, барои ҳамин ёрӣ расондам.

**Гӯед, ки ҷумлаҳои поён дурустанд ё не?**

А. Ду мактаббача – як писару як духтар, аз хонаашон баромада ба мактаб мерафтанд.

Б. Дар кӯча пиразане пеш-пеши онҳо мерафт.

В. Замин лой буд ва пиразан лағжид.

Г. Духтарак ҷузвдонашро ба писарча доду ба ёрии пиразан давид.

Матни «Як пиразани одӣ» аз чанд ҷумла иборат аст? Ҷумлаи якум кадом аст? Ҷумлаи охир кадом аст?

1. Тарзи буррову равон хондани матни «Як пиразани одӣ»-ро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!» **Намуна:** Ҷумлаи дуюми матн кадом аст?

Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаи мувофиқ гузоред.

А. Фасли ______________ буд. Ҳаво хеле сард буд.
Б. Баъд аз боридани ______________ замин лағжонак мешавад.
В. Дар фасли ______________ дарахтон гул мекунанд.
Г. Замира себи кашидаашро бо ______________ сурх ранг кард.

Савол тартиб диҳед. **Намуна:** Мактаббачагон дар роҳ киро диданд?

Бозии «Курсии сеҳрнок».

Ба монанди намуна ҷумла нависед.
Намуна: Як рӯз ману хоҳарам ба мактаб мерафтем. Дар роҳ дугонаамро дидем.

**Имлои дунафара.**
Калимаҳо: дӯст, гӯша, ҷонӣ, зиндагӣ, рӯз, дарсӣ, одӣ

Ду ҷумларо аз матн интихоб кунед. Онҳоро нависед.
Нақшаи ҷумлаҳоро кашед. ____ ____ ____ ____ ____.

# ДАРСҲОИ 5-6



Шумо кадом меваро дӯст медоред? Номи меваҳои зерин-ро медонед? Дар бораи онҳо нақл кунед.





Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.
Матн дар бораи кӣ аст?
Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод?

## ЧАРО МАЙМУН ГУРУСНА МОНД?

Буд, набуд, як маймунча буд. Вай се дона банан дошт. Аз кучое як филча омаду гуфт:



– Салом, маймунча! Гурусна ҳастам. Як бананатро ба ман намедиҳӣ?

– Намедиҳам, – гуфт маймунча ва бананҳоро дар пушташ пинҳон кард. Филча хартумашро мор барин дароз карду аз пушти маймун ҳар се бананро гирифт ва ба даҳонаш партофт. Маймунча гирякунон ба назди очааш рафт. Очааш сабаби гиряи вайро фаҳмиду гуфт:

– Агар ба филча як дона банан медодӣ, дутояшро худ мехӯрдӣ. Ту баднафсӣ кардӣ, барои ҳамин ҳам, ҳатто ҳаққи худро хӯрда натавонистӣ! Фаромӯш накун, ки баднафс ҳамеша гурусна аст ва ҳеҷ гоҳ сер намешавад.



1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»



Савол тартиб диҳед. Аз калимаҳои зерин истифода баред: Кӣ? Кай? Дар куҷо? Бозии «Курсии сеҳрнок».



Матни зеринро хонед ва мазмуни онро бо матни «Банан» муқоиса кунед.

## БАРОИ ЧӢ НИГОРА БАҲОИ ДУ ГИРИФТ?

Рӯзе дар дарси "Санъат ва меҳнат" омӯзгор аз хонандагон хоҳиш кард, ки расми баргро бикашанд. Ҳама расми баргро кашиданд. Заррина қалами сабз надошт. Нигора ду қалами сабз дошт. Заррина аз Нигора хоҳиш кард, ки як қалами сабзашро бидиҳад. Нигора қалами сабзашро надод. Заррина бо қалами кабуд барги кашидаашро ранг кард.

Омӯзгор барги кашидаи Зарринаро дида, ҳайрон шуд. Пурсид: "Чаро ранги барги кашидаат кабуд аст?" Заррина воқеаро нақл кард. Омӯзгор ба Нигора баҳои ду гузошт.





Дар асоси мазмуни матнҳои «Банан» ва «Чаро Нигора баҳои ду гирифт?» саволу ҷавоб кунед.



**Имлои дунафарӣ.**

Калимаҳо: аъло, аъзо, баъд, ваъда, даъво, машъал, суръат, таълим, таъриф, таъсир, ҷамъ, эълон, меъда, маълум, маъно, маърака, лаъл, шеър.



Дар асоси нақша ду ҷумла нависед.

|____ ____ ____ ____.

# ДАРСҲОИ 7-8

Ҳикояро хонед. Калимаҳои **ганҷ, гарон**ро шарҳ диҳед. Гӯед, ки калимаҳои **ҷавоҳирот**, **сарват** чанд садонок доранд?

## ҶАВОҲИРОТИ ШОҲ

Дар як замон шоҳи золиме буд. Ӯ ба мамлакатҳои ҳамсоя ҳамла мекард. Бойигарии онҳоро ба ғорат мебурд.

Рӯзе аҳволи шоҳ бад шуд. Ҳис кард, ки мемирад ва тамоми дороии худро дар сандуқе ҷамъ кард. Сандуқро дар чоҳе пинҳон кард. Аз ин воқеа солҳо гузаштанд. Рӯзе чӯпонбачае ба сари чоҳ омад. Сандуқи пур аз ҷавоҳиротро ёфт. Дар миёни он чанд нусха китоб низ буд.

Вақте сандуқро ба хонааш овард, падараш гуфт:

– Писарам, бузургтарин сарвати ин сандуқ китоб аст. Боқӣ ҳама ҳеҷ! Бигир, ин ҳама симу зарро ба мардум деҳ. Аммо китобҳоро бигзор. Китоб ганҷи бебаҳо аст. Он аз симу зар гаронтар аст.

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*



1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»

**анис** – дӯст, рафиқ
**ҷавоҳирот** – тиллою танга
**сарват** – бойигарӣ
**гаронтар** – боарзиштар

Чаро шоҳро золим мегуфтанд? Шоҳ чаро тамоми сарваташро дар сандуқ пинҳон кард? Сандуқро кӣ ёфт? Чӯпонбача бо сандуқ чӣ кор кард? Чаро падари чӯпонбача китобро аз сарват гаронтар гуфт?

Аз маводди пешниҳодшуда се чизро интихоб кунед. Интихоби худро шарҳ диҳед.
**Намуна:** Мо китобро интихоб кардем. Он барои доно шудани мо зарур аст.





**Имлои дунафарӣ.**
Калимаҳо: ҳамсоя, бойигарӣ, рӯз, ҷамъ, чӯпонбача, боқӣ, аммо, танҳоӣ, фурӯғ, доноӣ.

**Як ҳарфи калимаҳоро иваз карда, калимаҳои нав нависед.**
Калимаҳо: шоҳ, бад, дар, пур, кор, бар.
**Намуна:** шоҳ – шох, роҳ, моҳ, шод.

## ДАРСҲОИ 9-10

Шумо дар бораи хирс чӣ медонед? Нақл кунед.

Матнро хонед ва маънои калимаҳои ишорашударо аз мазмуни матн муайян кунед.

### ХИРС

Дар ҷангал хирс бо бадкирдорӣ ном баровард. Вай ба ҳайвонҳо садояшро баланд мекард. Ҷонварони хурдро зери по мегирифт. Дарахтонро шикаста лонаи парандаҳоро вайрон мекард. Ҳайвонҳо чандин бор кӯшиш карданд, ки **соҳиби ҷангалро** ақлу одоб ёд диҳанд, аммо хирс гӯш кардан нахост. Он гоҳ қарор доданд, ки ӯро ҷазо бидиҳанд. Ҷонваракони хурду калон ба назди хирс омаданд. Азобу **азияти** аз дасти ӯ кашидаашонро гуфтанд. Хирс ин хел суханҳоро дар умраш нашунида буд. Вай худро **лӯнда** кард. Ба як ҳайвони бечораву хурд табдил ёфт. Ман **гуноҳ** надорам гуфт. Ҳайвонҳо медонистанд, ки хирс онҳоро фиреб додан мехоҳад. Аз ин сабаб чунин **ҳукм** баровrouted: Хирс то охири зимистон дар лонааш маҳкам карда шавад!



Аз ҳамон вақт хирси каҷпо бар ивази бадкирдориҳояш ҳамчун **ҷазо** дар фасли зимистон хоб меравад.

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»

Савол тартиб диҳед. **Намуна:** Хирс дар ҷангал чӣ кор мекард?

Бозии «Курсии сеҳрнок».



Алоқаи байни ҷумлаҳои матнро муайян кунед. Нигаред ба намунаи зерин:

Дар ҷангал **хирс** бо бадкирдорӣ ном баровард. **Вай** ба ҳайвонҳо садояшро баланд мекард.

Хирс ба кадом корҳои бад машғул буд? Чаро хирсро соҳиби ҷангал меномиданд? Рафтори хирс хуб буд ё бад?

Хирс гунаҳгор буд ё не? Ҳайвонҳо чӣ ҳукм баровар-данд?

Ҷумлаҳои сутуни якум ва дуюмро ба ҳам мувофиқ гузоред.

| | |
|---|---|
| 1. Модарам духтур аст. | а. Он афсонаҳои зиёд дорад. |
| 2. Падарам ба ман китоб овард. | б. Ӯ хеле ғамгин шуд. |
| 3. Рустам то шаб телевизор тамошо кард. | в. Барои ҳамин вазифаи хонагиро тайёр накард. |
| 4. Хоҳарам бозичаашро гум кард. | г. Ӯ дар беморхона кор мекунад. |

Ду ҷумлаи ба ҳам алоқаманд нависед.

**Намуна:** Хоҳарам бозичаашро гум кард. Ӯ хеле ғамгин шуд.

## ДАРСҲОИ 11-12

Дар бораи Истиқлолияти давлатӣ ва рамзҳои давлатӣ шунида ва хондаатонро ба ёд биёред.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.



### ПАРЧАМИ МО

Парчами хушранги мо,
Ҷилваат шодифизо.
Мо сӯйи фардо равем
Тахти ту, эй раҳнамо.

Ранги басо сурхи ту
Лоиқи сад гуфтугӯ.
Рамзи дифои Ватан–
Омили бахти наку.

Ранги сафедат хушо,
Ҳаст чу субҳи сафо.
Мисли дили тоҷик аст
Равшану оинасо.

Сабз чу тозабаҳор –
Пайки хушиву баҳор.
Манзили ободи мост,
Сулҳ дар он пойдор.

*Абдулло Қодирӣ*

**омил –** сабаб
**оинасо –** мисли оина
**пайк –** хабаррасон

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Фарқи матни шеърро аз дигар навъҳои матн муҳокима кунед.
4. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.

Матнро хонед. Гӯед, ки рангҳои парчам чӣ маъно доранд.

Ранги сурх рамзи мубориза ву ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлол, ранги сафед нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз нишони сарсабзиву шукуфоӣ, сарбаландиву хуррамӣ ва абадият мебошад. Дар байни парчам тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Ранги сурхи парчам чӣ маъно дорад? Ранги сафеду сабз-чӣ? Тоҷ ва ҳафт ахтар ба чӣ ишора мекунад?

**Имлои дунафарӣ.**

Калимаҳо: ҷоннисорӣ, озодӣ, сарсабзӣ, шукуфоӣ, сарбаландӣ, хуррамӣ, абадӣ, таърихӣ, давлатдорӣ.

**Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.**

мубориза, парчам, ҷоннисорӣ, озодӣ, сарсабзӣ, шукуфоӣ, сарбаландӣ, хуррамӣ, абадӣ, таърихӣ, давлатдорӣ, нишона

**Намуна:** мубориза – му-бо-ри-за

**Ба тарзи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳои зерин диққат диҳед: озодӣ, ободӣ, оромӣ, абадӣ, азалӣ. Ба ҳиҷоҳо ин тавр ҷудо мекунем: о-зо-дӣ. Аммо ҳангоми аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷо калимаро чунин ҷудо мекунем: озо-дӣ**

## ДАРСҲОИ 13-14

Дар мавзӯи «**Ватанам – Тоҷикистон**» суҳбат кунед.

### ОЛИ СОМОН, ОЛИ ТОҶИК



Оли Сомон, оли тоҷик –
Ахтари хушфоли тоҷик.
Гавҳаре аз баҳри Сомон
Давлати навболи тоҷик.
Оли Сомон, ахтари
машриқзамин – ту,
Саргузашти дилнавозу
дилнишин – ту.

Ахтари Сомон дурахшон
Дар Хуҷанду Рашту Хатлон.
Ёди Сомон, ёди ширин
Дар Ҳисору дар Бадахшон.
Саргузашти моҳпора,
Оли Сомон,
Мешавад рӯшан дубора
Оли Сомон.

*Зулфия Атоӣ*

**ахтар –** ситора
**навбол –** навпарвоз
**ол –** хонавода

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Фарқи матни шеърро аз дигар навъҳои матн муҳокима кунед.
4. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.



1. Мо дар бораи Исмоили Сомонӣ чӣ медонем?
2. Шеър дар бораи кӣ навишта шудааст?
3. Ахтар, яъне ситораҳои Сомон дар куҷо медурахшанд?
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Фарқи мисраъ аз ҷумла дар чист?



Шеърро бори дигар хонед. Гӯед, ки чаро ҳарфи аввали баъзе калимаҳо бо шакли калон навишта шудаанд?



Калимаҳои зеринро ба гурӯҳҳо муттаҳид кунед:

Тоҷикистон, Сомон, Фирӯз, Хуҷанд, Ҳисор, Гулбаҳор, Рашт, Хатлон, Бадахшон, Рустам, Замира, Душанбе.

| **Шаҳр, ноҳия, мамлакат** | **Номи одам** |
|---|---|
| | |



Калимаҳои ҳамқофияро ёфта, бари ҳам нависед.

Бадахшон, хушо, моҳпора, дурахшон, дубора, сафо



Матнро хонед ва ғалатҳоро ислоҳ кунед.

Ин оилаи мо аст. ман ду бародар ва як хоҳар дорам. Номи бародаронам рустам ва Ҷамшед аст. Номи хоҳарам гулбаҳор аст. Падарам Духтур ва модарам Ронанда аст. Номи падарам фаррух ва номи модарам Нигора аст. Мо дар деҳаи Бостони шаҳри ваҳдат зиндагӣ мекунем.



Дар бораи оилаатон нависед. Аз матни боло истифода кунед.

## ДАРСҲОИ 15-16



Ҳодисаеро ба хотир оред, ки дар он кӯдаки хурдсол ба калонсол ёрӣ расонда бошад. Онро ба аҳли синф накл кунед.

### ХУБӢ



Шер хобида буд. Як муш аз рӯйи бадани ӯ давида гузашт. Шер аз хоб бедор шуд ва мушро дошта гирифт. Муш ба вай зорию тавалло кардан гирифт, ки ӯро сар диҳад. Муш ба шер гуфт:

– Агар ту маро сар диҳӣ, ман ҳам ба ту нағзӣ мекунам.

Шер хандид, ки муш ба ӯ ваъдаи хубӣ карда истодааст. Пас мушро сар дод.

Рӯзе шикорчиён шерро дастгир карда, бо арғамчин ба танаи дарахт сахт бастанд.

Муш наъраи шерро шунида давида омад. Арғамчинро бо дандонҳояш хоида гуфт:

– Дар хотират ҳаст, хандида будӣ, ки ман – мушак ба ту некӣ карда метавониста бошам. Акнун дидӣ, ки аз дасти мушон ҳам хубӣ меомадааст.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*



1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»

Савол тартиб диҳед. **Намуна:** Чаро шер аз хоб бедор шуд?

Бозии «Курсии сеҳрнок».

**Имлои дунафарӣ.**
Хонандаи А: хубӣ, танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ.
Хонандаи Б: зорӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ.

Ба мазмуни ҳикояи «Хубӣ» такя карда, ҳикояи нав эҷод кунед. Яке аз мавзӯъҳои зеринро истифода баред.

Фил ва мӯрча. Уқоб ва гунҷишк. Ҷӯҷа ва рӯбоҳ.
Шапарак ва хирс. Кабӯтар ва мӯрча.







Ҷумларо идома диҳед. Рӯзе ...
**Намуна:** Рӯзе мӯрча дона мекофт.

# ДАРСҲОИ 17-18

Ду нишонаи боадабӣ ва ду нишонаи беадабиро муайян кунед.

| **Нишонаи боадабӣ** | **Нишонаи беадабӣ** |
|---|---|
| Намуна: ростгӯйӣ | |

## КӢ БАОДОБ?

Набераҳои Расулбобо – Нигораву Шараф, машғули шоҳмотбозӣ буданд. Бобо рӯзнома мехонд. Нигора бозиро бурд, Шараф аз бозӣ даст кашид. Нигора ба шавқ омада, хоҳиш кард, ки бозиро давом диҳанд, зеро умед дошт, ки дафъаи дуюм ҳам ғолиб мебарояд. Шараф бо якравӣ рад мекард. Нигора ба бародараш сухани дағал гуфт. Бобояш инро шунида, ба Нигора гуфт:



– Ҷони бобо, ҳарфи беҷо нагӯ, аз рӯйи одоб нест.

Нигора аз гапаш хиҷолат кашида, ба гӯшае рафта, хомӯш нишаст.

Шараф назди бобояш омаду гуфт:

– Бобоҷон, ман баодоб-а?

Бобо табассум карду чизе нагуфт. Ӯ набераҳояшро санҷидан хост.

– Канӣ, кӣ ба ман ёрӣ медиҳад? – хам шуда пойафзол пӯшиданӣ шуд бобо. Шараф аз ҷо наҷунбид. Нигора хесту бо латтаи тар пойафзоли боборо тоза карда, ба пӯшидани он ёрӣ дод.

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»
4. Чаро ҳарфҳои аввали калимаҳои Расулбобо, Шараф ва Нигора калон навишта шудаанд?

Мувофиқ гузоред.

| Ибораҳо | Ҳаммаъно |
|---|---|
| аз бозӣ даст кашидан<br>умед доштан<br>сухани дағал<br>хиҷолат кашидан | сухани қабеҳ<br>бозиро бас кардан<br>шарм доштан<br>бовар кардан |

Ҷумлаҳои поёнро хонед. Онҳоро бо матни “Кӣ баодоб?” муқоиса кунед. Дуруст ва нодуруст будани онҳоро муайян кунед.

1) Набераҳои Расулбобо Нигораву Шараф машғули футболбозӣ буданд.
2) Бобо рӯзнома мехонд.
3) Шараф бозиро бурд, Нигора аз бозӣ даст кашид.
4) Нигора ба бародараш сухани нарм гуфт.
5) Нигора пойафзоли боборо бо латтаи хушк пок кард.

**Бозии «Кӣ зудтар?»**
Калимаҳо: танҳоӣ, доноӣ, раҳоӣ, ошноӣ, бобоӣ, шиносоӣ, гуфтаӣ, кардаӣ. Намунаи ҷадвал:

| | | |
|---|---|---|
| танҳоӣ | ошноӣ | гуфтаӣ |
| кардаӣ | раҳоӣ | доноӣ |

Ба ҷойҳои холӣ ҳарфи «и» ё «ӣ» гузоред.
1) Ман аз фанн__ “забон__ модар__” баҳо__ “5” гирифтам.
2) Сафар пинҳон__ қалам__ сабз__ Ҳалимро гирифт.
3) Дурушттиву дағал__ кун__, меҳрубон__ намебин__.
4) Ҳеҷ гоҳ бад__ накун, ки бад__ хислат__ хуб нест.
5) Рӯбоҳе ба чоҳе фуруд омад ва сер__ об нӯшид.

# ДАРСҲОИ 19-20



Хашм нишонаи кадом хислат аст? Ростгӯйӣ нишонаи кадом хислат аст? Дурӯғгӯйӣ нишонаи кадом хислат аст? Хуб ё бад?



## ХИСЛАТҲОИ НЕК ВА БАД

Китоби қадимаи тоҷикон «Авесто» бо шиори «Пиндори нек, кирдори нек, гуфтори нек» машҳури дунё шудааст. Ҳар он чизе, ки мухолифи ин шиор аст, бад аст. Хислатҳои бад хашм, рашк, суханчинӣ, дурӯягӣ, нопокӣ ва монанди инҳо мебошанд. Аз ҳама бадтар ҳарисӣ ва хасисӣ мебошад. Меваи бадӣ ҳамеша талх аст. Бинобар ин, инсон бояд мудом аз бадӣ дурӣ ҷӯяд ва некию накукориро пешаи худ созад.

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

**пиндор –** андеша, фикр
**мухолиф –** зид, муқобил
**ҳарисӣ –** баднафсӣ
**пеша –** касб, ҳунар



1. Тарзи бурровy равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»



Ба монанди намуна якчанд ҷумла нависед.
**Намунаҳо:**
1) Ман бояд калонсолонро ҳурмат кунам.
2) Ман набояд бо дигарон ҷанҷол кунам.



Озмуни "Кӣ бештар!" Калимаҳоеро, ки ҳарфи "ӣ" доранд, ба хотир оварда, нависед.

Аз сканворд калимаҳоро ёфта, онҳоро ба сутуни мувофиқи ҷадвал нависед.

| Хислатҳои нек | Хислатҳои бад |
|---|---|
| | |

Муаммо: дар як калима як ҳарф намерасад. Он кадом аст?

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| р | с | т | й | д | у | р | ӯ | ғ | н |
| х | у | х | а | р | и | с | й | а | е |
| а | х | ш | и | р | и | н | х | м | к |
| с | а | о | з | о | д | а | а | х | й |
| и | н | д | а | ғ | а | л | ш | о | и |
| с | ч | й | м | е | х | р | м | р | ф |
| й | и | г | а | п | г | и | р | й | л |
| и | н | с | о | н | д | ӯ | с | т | о |
| и | й | х | у | б | б | а | д | й | с |
| д | у | р | ӯ | я | г | й | о | л | й |

ъ

аъло шеър Саъдӣ

# ДАРСҲОИ 21-22



Дар бораи ҳамсинфатон нақл кунед.

**Намуна:** Салима рӯзи шанбе ба хонаи бибиаш рафтааст. Ӯ дар он ҷо бо дугонаҳояш бозӣ кардааст. Ин ҳафта ба боғи ҳайвонот рафтанӣ аст.



## ҲИКОЯ



Сайфиддин ва Саид ном ду бародар буданд. Ҳар ду дар як мактаб мехонданд. Сайфиддин ҳамеша чизҳои худро парешон мекард. Рӯзе дафтари худро ба рӯйи хона беparвоёна партофта буд. Саид дафтари бародари худро сиёҳ кард. Рӯзи дигар дар мактаб муаллима дафтари чиркини Сайфиддинро дида ӯро танбеҳ дод.

Шабона Сайфиддин ба модари худ аз Саид шикоят карда гуфт:



– Ба сабаби бадкирдории ӯ ман бисёр хиҷолат кашидам.

Модараш гуфт:

– Дар ин кор на танҳо бародарат, балки худат ҳам гунаҳгорӣ. Чаро ту ҳамеша чизҳои худро парешон мепартоӣ ва саришта намекунӣ? Агар дафтару китоб ва асбобу

анҷоми мактабиро бо дасти худ тартиб кунӣ, касе ба чизи ту даст намерасонад. Масал аст, ки «чизи худро эҳтиёт кун, ҳамсояатро дузд магир».

*Садриддин Айнӣ*

**саришта –** саранҷом
**хиҷолат –** шарм доштан

Мазмуни матнро бонавбат нақл кунед.

Ҷумлаҳои поёнро хонед. Онҳоро бо ҳикоя муқоиса кунед.

1) Сайфиддин ва Саид ду ҳамсинф буданд.
2) Сайфиддин ҳамеша чизҳои худро парешон мекард.
3) Дар мактаб муаллима китоби чиркини Сайфиддинро дида ӯро танбеҳ дод.
4) Модар танҳо Саидро танбеҳ дод.
5) Шабона Саид ба модари худ аз Сайфиддин шикоят кард.
6) Дар ин кор танҳо Саид гунаҳгор аст.
7) Агар дафтару китоб ва асбобу анҷоми мактабиро бо дасти худат тартиб кунӣ, касе ба чизи ту даст намерасонад.

Калимаҳоро хонед, ба тарзи талаффузи овози “ӯ” диққат диҳед.

мӯй, бӯй, рӯй, дӯст, дурӯғ, дӯғ, дӯзанда, дӯхтан, буд, бузург, кабуд.

Имлои дунафарӣ.
**Хонандаи 1**: хомӯш, ҷӯшон, рӯбоҳ, занбӯруғ, сӯрох, кӯча, хурӯс.
**Хонандаи 2**: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон.

Се номи одам, ду номи шаҳр, ду номи деҳа ва ду номи ҳайвони хонагиро нависед.

## ДАРСҲОИ 23-24



Шаҳр, шаҳрак ё деҳаи шумо чӣ ном дорад? Ба фикри шумо чаро деҳаатонро чунин ном мондаанд?



### ДЕҲАИ ЛОЛАГӢ

Боре ҳамроҳи падарам ба Ҳисор, ба деҳаи Лолагӣ сафар кардем. Ин номро бори аввал шунидам, ки ба назарам хеле аҷиб намуд. Ман аз падарам пурсидам:

– Чаро деҳа Лолагӣ ном гирифтааст? Оё дар он лолаи бисёр мерӯяд?

– Падарам андаке андеша карду гуфт:

– Ривояте ҳаст, ки замоне лашкари муғулҳо ба водии Ҳисор ҳуҷум карда, хостаанд, ки халқи онро ба худ ғулом кунанд. Марду зан, пиру ҷавони Ҳисор бар муқобили лашкари муғул қаҳрамонона ҷангиданд. Лашкари душман беҳисоб буд. Дар майдони ҷанги нобаробар муҳофизони хоки Ҳисор ҳамагӣ кушта шуданд. Аз ҳамон замон то имрӯз ҳар сол дар атрофи ин деҳа ҳазорҳо лола мерӯяд. Аз ин рӯ, деҳа Лолагӣ ном гирифтааст.

**андеша** – фикр
**муҳофиз** – ҳимоятгар
**лашкар** – артиш, сипоҳ



1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафара ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»



Савол тартиб диҳед. Калимаҳои «Кӣ?», «Кай?», «Дар куҷо?»-ро истифода баред.



Бозии «Курсии сеҳрнок». Як нафар дар нақши яке аз симоҳои ҳикоя бозӣ карда, ба саволҳои ҳамсинфон ҷавоб мегӯяд.



Барои чӣ ҳарфи аввали калимаҳои **Лолагӣ** ва **Ҳисор** бо ҳарфи калон навишта шудааст? Номи вилоят, шаҳр, деҳа, маҳалла ва кӯчаатонро нависед.



Матнҳоро хонед ва номи мувофиқи деҳаҳоро муайян кунед.
Номҳои деҳаҳо: Камонгарон, Косатарош, Кабкрез

Дар давраҳои қадим дар деҳаи мо устоҳои маъруф зиндагӣ мекарданд. Онҳо асосан аз чӯб коса, табақ ва чумча месохтанд. Овозаи косаву табақҳое, ки дар деҳаи мо сохта мешуданд, дар тамоми мамлакат паҳн шуда буд.

Деҳаи мо дар байни водӣ воқеъ шудааст. Дар фасли зимистон, вақте ки кабкҳо гурусна мемонданд, аз як тарафи водӣ ба тарафи дигар парвоз мекарданд. Чун масофаи водӣ дароз буд, кабкҳо монда мешуданд ва ба деҳаи мо мефаромаданд. Онҳо ба монанди барф мерехтанд.

Дар давраҳои қадим дар деҳаи мо устоҳои камонсоз зиндагӣ мекарданд. Онҳо барои шикорчиён ва аскарон камон месохтанд. Ҳатто мардуми минтақаҳои дурдаст аз деҳаи мо камон мехариданд.



Бозии «Кӣ зудтар!»
Калимаҳо: дӯст, кӯдак, дӯстрӯй, рӯз, хӯрдан, рӯбардор, гӯш, сӯй, чӯпон, хомӯш, ҷӯшон, рӯбоҳ, занбӯруғ, дукон, сӯрох, кӯча, хурӯс, кухна



Якҷоя бо аҳли синф дар бораи шаҳр, шаҳрак ва деҳаатон бинависед.

## ДАРСҲОИ 25-26



Падару модаратон ва дигар калонсолони хона аз кадом корҳои шумо хурсанд мешаванд?



### ШОДИИ УМРБОДӢ



Бо чору панҷ оям
Ҳар гаҳ зи мактаби худ,
Гул мекунад табассум
Дар рӯйи модарам зуд.

Ҳар гоҳ, ки зи дукон
Орам панир ё нон,
Болида очаҷонам
Гӯяд: – бале, писарҷон!

Дина ба Аслибобо
Овардам аз канал об.
– Умрат дароз бодо, -
Гуфто: – чу оби Варзоб.

Ҳамсоязан бигуфто
Бар модарам парерӯз:
– Қадрас шудасту қобил
Фарзандатон Фаромӯз.

Дидам, ки менағунҷад
Дар куртааш зи шодӣ ...
Кӯшам, ки бошад ӯро
Ин шодӣ умрбодӣ.

*Бобо Ҳоҷӣ*



1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Фарқи матни шеър ва дигар навъҳои матнро муҳокима кунед.
4. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.



Аз кадом корҳои мо падару модарамон хурсанд ё ғамгин мешаванд. Ҷумлаҳоро ҷамъбаст кунед.

1) Агар мо баҳои чору панҷ гирем, падару модарамон (хурсанд/ ғамгин) мешаванд.
2) Мо дағалӣ карда, ба гапашон гӯш надиҳем...
3) Саҳар барвақт аз хоб хезем ва ба онҳо ёрӣ расонем...
4) Калонсолонро ҳурмат кунем...
5) Дурӯғгӯйӣ кунем...
6) Дуздӣ кунем...
7) Бо бародару хоҳаронамон ҷанҷол кунем...
8) Либосҳоямонро тоза нигоҳ дорем...



Калимаҳои муқобилмаъноро мувофиқ гузошта нависед.
**Намуна:** некӣ – бадӣ

| | |
|---|---|
| некӣ | нармӣ |
| рост | ҷанҷол |
| сафед | вазнинӣ |
| шаб | бадӣ |
| сабукӣ | пастӣ |
| дағалӣ | рӯз |
| равшанӣ | душманӣ |
| дӯстӣ | дурӯғ |
| сулҳ | сиёҳ |
| баландӣ | торикӣ |



Бо калимаҳои муқобилмаъно ҷумла сохта нависед.
**Намуна:** Некӣ аз бадӣ беҳтар аст.

## ДАРСҲОИ 27-28



Байти зеринро шарҳ диҳед. Чаро шоир Ватанро “модари ҷонпарвар” гуфтааст.

Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман, модари ҷонпарвари ман.



## ВАТАН ҲОМИИ ҲАМАИ МОСТ!



Имсол барои мо мактаби нав сохтанд. Мактаби duoшёнаи барҳаво. Ҳамаи мо хеле хурсанд шудем. Аммо хурсандии апаам Гуландом беҳаду канор буд. Зеро дар мактаби навамон барои ӯ ҳамаи шароитҳоро муҳайё карданд. Акнун апаам бе малол ба мактаб меояд.

Чор сол пеш апаам ба садамае дучор шуда, дигар бо пойҳояш роҳ гашта наметавонист. Бо вуҷуди ин, ӯ ба мактаб мерафт ва бо ҳамсинфонаш дарс мехонд. Имсол кори ӯ хеле осон гашт. Зеро дар мактаби навамон барои апаам роҳрав сохтанд.

Ҳафтаи гузашта дар мактаб мусобиқаи варзишӣ баргузор гардид. Ман дар ин мусобиқа ғолиб шудам. Апаам ба тамошои ман омада, аз ғолиб шудани ман хеле хурсанд шуд. Ӯ низ ҳафтаи оянда ба маркази ноҳия меравад. Ӯ дар мусобиқаи шоҳмотбозӣ иштирок мекунад. Гуландом дар мактаб шоҳмотбози беҳтарин аст.

Падарам мегӯяд, ки дар вақтҳои таҳсили онҳо чунин шароитҳо набуданд. Хонандагоне, ки ба монанди апаам мактаб рафта наметавонистанд, дар хона дарс мегирифтанд. Аҳли хонаводаамон бовар доранд, ки апаам мактабро хатм карда, соҳиби касби хуб мешавад. Зеро ӯро на танҳо мо, балки Ватани ҷоноҷонамон пуштибонӣ мекунад!

Матнро хонед ва маънои калимаи "ҳомӣ"-ро шарҳ диҳед. Чаро ба матн “Ватан ҳомии ҳамаи мост” ном гузоштаанд?



Ватан ба мо ғамхории зиёд мекунад, мо бар ивази ин ғамхорӣ кадом корҳоро бояд анҷом диҳем. Рӯйхати корҳое, ки шумо ҳамчун хонанда иҷро карда метавонед, тартиб диҳед.

**Намуна:**

1. Мо бояд хубу аъло хонем ...

Имлои дунафарӣ.
дуошёна, варзишӣ, ноҳия, оянда, шоҳмотбозӣ

Барои хонандаи хуб шудан, мо бояд чӣ кор кунем? Ду ҷумла нависед. **Намуна:** Мо бояд ҳар рӯз китоб хонем.
Калимаҳо: китоб хондан, дарс тайёр кардан, ба дарс дер намондан, калонсолонро ҳурмат кардан, ба дигарон ёрӣ расондан.

Дар зиндагӣ барои ин-
сон омӯхтани илму ҳу-
нар хеле зарур аст. До-
нишманд ва ҳунарманд
дар ҳаёт хор намешавад.
Мардуми мо донишман-
дон ва ҳунармандонро
ҳамеша қадрдонӣ меку-
нанд.

# ДАРСҲОИ 29-30



Калимаи “Ватан”-ро шарҳ диҳед. Аз харита Ватани азизамонро ёбед.

## ВАТАН

Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯйи Ватанам оинаи рахшони ман аст.
Нури Ватанам офтоби тобони ман аст,
Меҳри Ватанам дар дили ҷӯшони ман аст.
Манро Ватанам тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд.
Дарвозаи иқбол ба рӯям бикушод,
Пас хизмати ӯ хитоби виҷдони ман аст.

*Ашӯр Сафар*



1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Дар мисраи якум шоир чиро васф кардааст? Дар мисраи дуюм-чӣ?



Калимаҳои зерин оё ҳамқофияанд? Чаро?
чашмон, рахшон, тобон, ҷӯшон.



Ҳарчи бештар калима созед.
**Намуна:** ватандор

| | |
|---|---|
| Ватан | дор<br>дӯст<br>дӯстӣ<br>дӯстона<br>параст<br>парастона<br>парвар<br>хоҳӣ |

Ҳисор водии обод ва зе-
бо аст. Дар Ҳисор Қалъ-
аи таърихӣ мавҷуд аст.
Шаҳри Душанбе низ дар
водии Ҳисор ҷойгир шуда-
аст. Душанбе пойтахти
Ватанамон мебошад.



Ба ҷойҳои холӣ ҳарфи “ӯ” ё “ӣ” гузошта, калимаҳоро кӯчонед.
д__ст, к__дак, ваҳш__, д__стр__й, р__з, х__рдан, г__ш, с__й, ч__пон, хом__ш, ҷ__шон, р__боҳ, с__рох, к__ча, хур__с, танҳо__, доно__, раҳо__, ошно__, бобо__, шиносо__, моҳ__, роз__, зиндаг__, синф__, сомон__, давлат__, тоҷик__, дашт__, ширин__, мусиқ__, қайч__, боз__, д__ст__, гандум__, мардум__, р__бардор.

## ДАРСҲОИ 31-32

Матнро хонед. Мазмуни онро нақл кунед.

### ҚАДРИ ПАДАР
(Ҳикоят)

Мегӯянд, ки рӯзе шахсе аз хона берун баромад. Дар роҳ мардеро дучор шуд. Мардро ба хонааш бурда, бисёр эҳтиром кард. Он мард дар ҳайрат монду гуфт:

– Эй бародар, ман туро тамоман намешиносам ва ба ту ҳаргиз некӣ накардаам. Сабаби чунин эҳтиром чист?

Он мард гуфт:

– Аз баҳри он ки ту ба падарам монанд ҳастӣ, ҳурмату икром аз барои он кардам.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда бо фарзанд монад номи мард.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Бозии «Ҷумларо ёб!»



Савол тартиб диҳед. Калимаҳои «Кӣ?», «Кай?», «Дар куҷо?»-ро истифода баред.

Бозии «Курсии сеҳрнок». Хонандае дар нақши яке аз симоҳои ҳикоят бозӣ карда, ба саволи ҳамсинфон аз номи ӯ ҷавоб мегардонад.

Калимаҳоро хонед ва муқоиса кунед.

**инъом** – тухфа, ҳадя

**дирам** – танга, пул

**ба ҳайрат мондан** – ҳайрон шудан

**дучор шудан** – вохӯрдан бо касе

**ҳаргиз** – ҳеҷ вақт, ҳеҷ гоҳ

Калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз кунед.

1) Падарам ба ман китоби шавқовар **инъом** кард.
2) Падарам суханони додарамро шунида, **дар ҳайрат монд.**
3) Дар бозор ман бо амакам **дучор шудам.**
4) Ман **ҳаргиз** заррофаро аз наздик надидаам.

Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.

1. Дар роҳ бо марде ______________ шуд.
2. Ба ӯ чаҳор ҳазор ______________ дод.
3. Мардро ба ______________ бурд.
4. Он мард ӯро ______________ намешинохт.
5. Марди ҷавон мӯйсафедро_______ ва _________ кард.

Дар асоси ҷадвал ҷумла тартиб диҳед.
**Намуна:** Падарам кордон аст.

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Бародарам<br>Хоҳарам<br>Бибиям | меҳрубон<br>ҳалим<br>кордон<br>зебо<br>доно<br>аълохон<br>далер<br>ҷасур | аст. |

## ДАРСҲОИ 33-34



Дар бораи рӯбоҳ ягон афсона медонед? Ба аҳли синф нақл кунед.
Дар бораи буз ягон афсона медонед? Нақл кунед.

### РӮБОҲ ВА БУЗ



Рӯбоҳе ба чоҳе фуруд омад ва серӣ об нӯшид, вале аз чоҳ баромада натавонист.



Бузаке барои обнӯшӣ омад. Вай рӯбоҳро дида пурсид:

– Ҳамсоячон, оби чоҳ ширин аст?

Рӯбоҳи маккор гуфт:

– Ман дар умрам чунин оби ширин нахӯрда будам. Барои ҳамин, чунон ки мебинӣ, аз ин ҷо баромадан намехоҳам. Бузак ҳам ба чоҳ фуруд омад ва серӣ об нӯшид. Хост аз чоҳ барояд, вале натавонист. Рӯбоҳ гуфт:

– Аз об хуб сер шудӣ? Биё, акнун сари ду по рост шав, ман боло бароям ва баъд туро ҳам кашида мебарорам.

Бузи сода сари ду по рост шуд. Рӯбоҳи маккор ба китфи буз баромада, берун ҷасту рафтан гирифт. Бузи бечора зорию тавалло кард: “Ба ман ёрӣ деҳ!” Рӯбоҳ гуфт:

– Эй бузи беақл, пеш аз фуромадан ба чоҳ бояд илоҷи баромаданро фикр мекардӣ. Акнун, чӣ хел ки тавонӣ, ҳамон тарз берун баро!



1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.



Савол тартиб диҳед. Калимаҳои «Кӣ?», «Кай?», «Дар куҷо?»-ро истифода баред.

1. Чаро рӯбоҳ ба чоҳ даромад?
2. Буз ба рӯбоҳ чӣ гуфт?
3. Рӯбоҳ чӣ ҷавоб дод?
4. Баъд чӣ воқеа рӯй дод?
5. Рӯбоҳ ба зорию тавallои буз чӣ ҷавоб гардонд?
6. Ба афсона чӣ ном мегузоред?
7. Шумо кадомашро ҷонибдорӣ мекунед? Барои чӣ?

Имлои дунафарӣ.

| Хонандаи А | Хонандаи Б |
|---|---|
| **неъмат** | нашъунамо |
| **инъом** | эътибор |
| **таълим** | эътино |
| **ваъда** | аъзо |
| **маъно** | яъне |
| **баъд** | дафъа |

Афсонаро ба ҳамдигар нақл кунед.

Афсонаро аз рӯйи расм нақл кунед.



Аз рӯйи расм ду ҷумла нависед.

## ХОРАКУ ХАСАК

Буд, набуд, Хораку Хасак ном ду хорпуштаки дӯстони ҷонӣ буданд. Рӯбоҳе ба дӯстии онҳо ҳасад бурд ва хост ҳар дуро ҷудо кунад. Аввал ӯ назди Хорак омад. Хорак дар теппачае занбӯруғ мечинд. Рӯбоҳ гуфт:

– Хорак, ҳой Хорак! Медонӣ, Хасак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд?

– Медонам, – ҷавоб дод Хорак.



Рӯбоҳ гаранг шуд. Вай ин ҷавобро интизор набуд, зеро ӯ ба Хорак гапи дурӯғу бофтаи худро гуфтанӣ буд.

– Ин гапҳоро ҳоло касе намедонаду ту аз куҷо медонӣ? – пурсид Рӯбоҳ.

Хорак дигар ба сухани Рӯбоҳ гӯш нadоду ба тӯби кулӯлаи пур аз сӯзан табдил ёфта, ғелон-ғелон аз теппа фуромад. Рӯбоҳ, ки ҳилааш нагузашт, сахт ба ғазаб омад ва ба хонаи Хасак рафт.

– Хасакҷон, медонӣ, Хорак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд? – айёрона пурсид Рӯбоҳ.

– Медонам, – ҷавоб дод Хасак ва ба Рӯбоҳ эътибор надода, ба раҳаш рафт.

Зоғи пире, ки дар шохи дарахт нишаста рафтори Рӯбоҳро тамошо мекард, гуфт:

– Худатро ин қадар азоб надеҳ. Наход як чизи одиро нафаҳмӣ: дӯсти ҳақиқӣ медонад, ки дӯсташ дар бораи вай ягон гапи бад намегӯяд.

Чаро калимаҳои **Хорак**, **Хасак** ва **Рӯбоҳ** бо ҳарфи калон навишта шудаанд? Матн аз чанд сархат иборат аст? Тире дар матн чӣ маъно дорад? Ба тарзи хондани омӯзгор диққат диҳед. Дар куҷо ист мекунад? Дар кадом ҷумла овозаш баландтар аст? Матнро ба монанди омӯзгор хонед.

1. Хораку Хасак чӣ гуна дӯст буданд?
2. Рӯбоҳ чӣ мақсад дошт? Вай ба Хасак чӣ гуфт?
3. Хасак чӣ кор кард?
4. Зоғ ба Рӯбоҳ чӣ гуфт?

Рафтори рӯбоҳро аз афсонаи дарси пешин бо рӯбоҳи афсонаи «Хораку Хасак» муқоиса кунед.

Имлои дунафарӣ. Калимаҳоро бонавбат хонед ва нависед: ҷонӣ, дурӯғ, айёрона, сӯзан, рӯбоҳ, эътибор, дӯстӣ.

Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки онҳоро кӣ гуфтааст. Барои ин афсонаи «Хораку Хасак»-ро бори дигар хонед.

**(1) Рӯбоҳ (2) Хорак (3) Хасак (4) Зоғи пир**

1. Худатро ин қадар азоб надеҳ.
2. Ин гапҳоро ҳоло касе намедонаду ту аз куҷо медонӣ?
3. Медонам
4. Наход як чизи одиро нафаҳмӣ: дӯсти ҳақиқӣ медонад, ки дӯсташ дар бораи вай ягон гапи бад намегӯяд.
5. Хорак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд?
6. Хорак, ҳой Хорак! Медонӣ, Хасак дар ҳаққи ту чиҳо мегӯяд?

Ҷумлаҳои болоро бо нишон додани шахси гӯянда нависед.
**Намуна.** Зоғи пир гуфт: “Худатро ин қадар азоб надеҳ.”

## ДАРСҲОИ 37-38

Ҳоло кадом фасл аст? Ин фасл аз фаслҳои дигар бо чӣ фарқ мекунад?

Ба расмҳо нигоҳ карда гӯед, ки дар тирамоҳ чиро мушоҳида кардан мумкин аст.





### ТИРАМОҲ

Кӯҳу камар зарнигор,
Теппаву чар зарнигор,
Деҳаи хушбаҳри мо
Сар то ба по зарнигор,
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!
Шамоли серун вазид,
Ранги сабзаҳо парид.
Деҳаи мо аз дигар
Пур шуд аз бӯйи санҷид.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Ҳар ҷо хирман пайдо шуд,
Кӯҳи пахта боло шуд.
Роҳи калони деҳа
Ҷойи серрафтуо шуд,
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!
Аз сари кӯҳу камар
Ҳар сӯ мекунам назар.
Бо деҳаи зарринам
Деҳе бошад баробар?
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

*Гулчеҳра Сулаймонова*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Дар мисраи якум шоира чиро васф кардааст? Дар мисраи дуюм-чӣ?



Матнро хонед ва дар бораи тирамоҳ нақл кунед. Ба матн ном гузоред.

Дар фасли тирамоҳ баргҳои дарахтон зард мешаванд. Ба назар чунин мерасад, ки ҳамаи баргҳо тиллоӣ шудаанд. Ба мисли арӯс зебо шудаанд.

Дар фасли тирамоҳ меваҳо мепазанд. Анор, дӯлона, себ, ангур, мурӯд ва нок меваҳои тирамоҳ мебошанд.

Ҳарчанд дар тирамоҳ дарахтон гул намекунанд, ҳама ҷо рангин аст.



Ҷумла нависед.

| | |
|---|---|
| Дар фасли тирамоҳ | баргҳои дарахтон зард мешаванд.<br>меваҳо мепазанд.<br>баъзе парандаҳо ба ҷойҳои гарм парвоз мекунанд.<br>ҳаво абр мешавад ва борон меборад.<br>ҳаво сард мешавад.<br>одамон либоси гарм мепӯшанд.<br>одамон ба зимистон тайёрӣ мебинанд. |



Халқи тоҷик ҳамеша дӯстиро тарафдорӣ ме-
кунад. Зеро хуб медонад,
ки меваи дӯстӣ ширин
аст. Меваи аз ҳама ши-
ринии дӯстӣ сулҳу амонӣ
мебошад.

## ДАРСҲОИ 39-40

Шеърҳои дар бораи Ватан аз ёд кардаатонро ба хотир биёред.

### ТОҶИКИСТОН

Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
Пур аз дурр кӯҳсори обшорат.
Табиат, ҳар чӣ хоҳӣ, туҳфа кардаст,
Ба ҳар як ганҷ конам, Тоҷикистон.



Шавӣ сарсабзу хуррам дар баҳорон
Мисоли боғу бӯстон баъди борон.
Ба тобистон чӣ ширин меваҳоят,
Ки ҷон роҳат кунад аз лаззати он!

Ба зинат тирамоҳат ҳам баҳор аст,
Баҳори бехазонам, Тоҷикистон.
Ту озод ҳастию ман зинда бо ту,
Азизӣ мисли ҷонам, Тоҷикистон!

*Абдусалом Деҳотӣ*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Дар мисраи якум шоир чиро васф кардааст?

Имлои дунафарӣ. Калимаҳо: лаззат, хуррам, дурр, теппа, барра, кӯҳсор, туҳфа, бӯстон, рӯзнома

Озмуни «Мушоира». Дар бораи Тоҷикистон ва Ватан шеърҳо қироат кунед. Ба тарзи қироати шеър баҳо диҳед.

Ватани мо – Тоҷикистон, мамлакати хеле зебо аст. Дар он кӯҳсорон, водиҳо, чашмаву дарёҳои софу ширин мавҷуданд. Ватани мо дар ҳамаи фаслҳо зебо аст. Дар баҳорон шукуфону сарсабз. Дар тобистони гарм обҳои чашмаву дарёҳои сарди яхобаш ташнагиро мешикананд ва гармиро мебароранд. Дар тирамоҳ меваҳо пухта ширину болаззат мешаванд. Дар зимистон кӯҳсорон сербарф шуда, боиси хурсандиву нишоти одамон мегарданд.

Мардуми Тоҷикистон бо меҳмоннавозиву меҳрубонӣ машҳур гаштааст. Дастархони мардум ҳамеша кушода ва пурнозу неъмат аст.

Ватани мо чӣ ном дорад? Тоҷикистон дар баҳор чӣ гуна аст? Тобистону тирамоҳи Ватанамон чӣ гуна аст? Меҳмоннавозии мардуми Тоҷикистонро чӣ гуна мефаҳмед?

Ба монанди намуна ҷумла нависед.
**Намуна:** Тоҷикистон макони меваҳои ширин аст.

| | |
|---|---|
| Тоҷикистон макони | меваҳои ширин аст. |
| | одамони меҳмоннавоз аст. |
| | кӯҳҳои баланду осмонбӯс аст. |
| | сулҳу ваҳдат аст. |
| | мардуми покдил аст. |
| | сарсабзу шукуфон аст. |
| | обҳои ширину шифобахш аст. |

## ДАРСҲОИ 41-42

Дар бораи омӯзгор ҳикоя кунед.

### ОМӮЗГОР

Омӯзгор шахсест, ки илму адаб меомӯзонад. Роҳи бахту саодат ва ҳаётро нишон медиҳад. Омӯзгор мураббӣ ва раҳнамои зиндагист. Бузургон гуфтаанд:

Ҳаққи устод аз падар беш аст
В-аз падар устод дар пеш аст.




Омӯзгор ба мо хондан, навиштан, ҳисоб кардан ва фикр карданро ёд медиҳад. Моро бо китоб, ки ганҷи бебаҳост, ошно мегардонад. Ин дӯсти ғамхор моро бо оламу одам шинос мекунад ва мо ҳам оламро ва ҳам худро мешиносем.

Барои шогирд бузургтарин шахс омӯзгор аст. Обрӯйи омӯзгор шогирди хуби ӯст.

**тавсиф** – таъриф
**беш** – бисёр, зиёд
**ҳидоят** – раҳнамоӣ, роҳ нишон додан

Ба тарзи хондани омӯзгор диққат диҳед. Дар куҷо ист мекунад? Чаро? Матнро ба монанди омӯзгор хонед.

Омӯзгор чӣ гуна шахс аст? Ӯ чиро меомӯзонад? Ба фикри шумо чаро шоир "Ҳаққи устод аз падар беш аст" гуфтааст? Омӯзгор ба мо чӣ ёд медиҳад? Кӣ обрӯйи омӯзгорро баланд мегардонад?

Ба монанди намуна ҷумла нависед.
**Намуна:** Омӯзгор шахси меҳрубон аст.

| | | |
|---|---|---|
| Омӯзгор шахси | меҳрубон<br>ҳалим<br>мушфиқ<br>ғамхор<br>доно<br>меҳнатдӯст | аст. |

Ребусҳоро ёбед.

4 +  = ?

 +  = ?

 +  + а = ?

3 +  + а = ?

ч
Ч
чӯб чистон чарх

# ДАРСҲОИ 43-44

Мо дар бораи омӯзгор чӣ медонем?

## МЕҲРНОМА

Ташаккур бар ту бодо, устодам,
Ман аз ғамхорият бисёр шодам.
Туро як умр хоҳам кард таъзим,
Ки бар ман додаӣ бо сидқ таълим.
Зи ту омӯхтам дарси шуҷоат,
Зи ту омӯхтам азму рафоқат,
Зи ту омӯхтам ман росткорӣ,
Зи ту омӯхтам ман устуворӣ.
Ба номи ту бувад ин меҳрнома,
Кунад умри ту чун дарё идома.

*Нарзулло Тилло*

**сидқ –** аз тахти дил
**шуҷоат –** далерӣ, нотарсӣ
**рафоқат –** дӯстӣ, ҳамдилӣ

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Дар мисраи якум шоир чиро васф кардааст? Дар мисраи дуюм-чӣ? Ҳамаи мисраъҳоро якҷоя шарҳ диҳед.



Имлои дунафарӣ.

Калимаҳо: ташаккур, таъзим, бисёр, омӯхтан, росткорӣ, устуворӣ, таълим, дарё.

Мактубро хонед ва бо мазмуни шеър муқоиса кунед. Кадом ҷумла ба кадом сатр мувофиқ меояд? Чӣ хел муайян кардед?

Ассалому алайкум, устоди гиромӣ.

Салому паёми шогирдатон Маҳинро қабул фармоед. Ҳоло ман дар донишгоҳ мехонам. Устоди гиромӣ, ба шумо ташаккур, ки барои мо ғамхорӣ кардед. Аз сидқи дил ба мо дарс гуфтед. Мо аз шумо дарси шуҷоат, рафоқат, росткориву устувориро омӯхтем.

Ман низ мехоҳам дар оянда ба мисли шумо омӯзгор шавам. Кӯдаконро аз сидқи дил таълим бидиҳам.

Бо эҳтиром, Маҳин.

Ба монанди намуна ҷумла нависед.

**Намуна:** Мо аз омӯзгор дарси шуҷоатро меомӯзем.

| | | |
|---|---|---|
| Мо аз омӯзгор | дарси шуҷоат<br>дарси рафоқат<br>росткорӣ<br>ростгӯйӣ<br>китобхонӣ<br>фикррронӣ<br>одоби хуб<br>навиштан<br>дуруст сухан гуфтан | меомӯзем. |

Ҷҷ Ҷҷ

ҷорӯб ҷав ҷӯй

## ДАРСҲОИ 45-46

### БОҒУ БАҲОР ДОРЕМ

Қиматтар аз Ватан нест
Чизе ба рӯйи олам.
Роҳат ба ҷону тан нест
Бе рӯйи он ягон дам.

Бар хоки ганҷрезаш
Озод по гузорем
Дар домани азизаш
Авҷу барор дорем.





Маҳсулу сарвати мост
Маҳсулу сарвати он.
Иқболу шуҳрати мост
Иқболу шуҳрати он.

Аз мулки худ ба дунё
Мо ифтихор дорем.
Дар паҳноаш саропо
Боғу баҳор дорем.

*Бобо Ҳоҷӣ*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Дар мисраи якум шоир чиро васф кардааст? Дар мисраи дуюм-чӣ? Ҳамаи мисраъҳоро шарҳ диҳед.

Барои чӣ аз Ватан қиматтар дар олам чизи дигар нест? Шумо Ватанамонро дӯст медоред? Чаро? Ватани азизи мо чӣ ном дорад? Чаро мо бояд аз Ватанамон ифтихор дошта бошем?



Дар бораи Ватан суҳбат кунед. Аз ҷадвали зерин истифода баред. **Намуна:** Ватан сарвати мо аст.

| | | |
|---|---|---|
| Ватан | сарвати<br>ганҷи бебаҳои<br>шуҳрати<br>фахри<br>модари азизи<br>мулки ободи<br>орзую умеди | мо аст. |



Дар бораи Ватан ҷумлаҳо нависед. Аз ҷадвали боло истифода баред. **Намуна:** Ватан ганҷи бебаҳои мо аст.

## ВАТАН

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам, агар каси туям,
Хасам, агар хаси туям.
Вуҷуди туст аз ду тан
Тани замину ҷисми ман.
Ману туем ҳамбадан,
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.

*Бозор Собир*



Шеърҳои "Боғу баҳор дорем" ва "Ватан"-ро муқоиса кунед. Чӣ монандӣ ва чӣ фарқро мушоҳида кардед?



Калимаҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кунед. (1) номи мамлакатҳо, шаҳру ноҳияҳо; (2) номи одам; (3) номи ҳайвонот

Тоҷикистон, Суҳроб, Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Таҳмина, Гуландом, Мошон, Полвон, Карашма, Панҷакент, Аҳмад, Кӯлоб, Қирғизистон, Сафина, Чин, Ҳиндустон

## ДАРСҲОИ 47-48

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНАМ
### (Кори лоиҳавӣ)

Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шавед. Номи кори лоиҳавиатонро муайян кунед.
**Намунаҳо:** Ватан – сарвати бебаҳо! Ватанам, нури дидагонам!



Дар бораи Ватан матн омода кунед. Ҳангоми омода намудани матн ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед:
1. Ватани мо чӣ ном дорад?
2. Муқаддасоти миллии Ватанамон кадомҳоянд?
3. Қаҳрамонони Ватанамон киҳоянд?
4. Пойтахти Ватанамон чӣ ном дорад?
4. Шумо дар кадом вилоят, шаҳр, ноҳия зиндагӣ мекунед?
4. Вилоят, шаҳр ё ноҳияи шумо бо чӣ машҳур аст?
5. Шумо барои чӣ Ватанамонро дӯст медоред?
6. Як шеър дар бораи Ватанамон интихоб кунед.



Матнро дар варақи алоҳида нависед. Онро бо расм оро бидиҳед.



Кори лоиҳавиатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед. Кори лоиҳавии якдигарро баҳо бидиҳед.

# ДАРСҲОИ 49-50



Барои чӣ шаб мешавад? Офтоб шабона куҷо мешавад?

## БАРОИ ЧӢ ШАБ МЕШАВАД?



Рӯз ба шаб иваз мешавад. Шаб ба рӯз табдил меёбад. Мо ба ин одат кардаем. Дар бораи он ки Офтоб шаб ба куҷо меравад, фикр ҳам намекунем. Ба назарамон чунин мерасад, ки Офтоб дар осмон ҳаракат мекунад. Саҳар аз паси кӯҳҳо мебарояд ва бегоҳ ба паси кӯҳҳо панoҳ мешавад. Барои ҳамин шабу рӯз мешавад. Аммо дар асл чунин нест.

Сайёраи мо – Замин, дар гирди меҳвари худ давр мезанад. Вай инчунин ҳамроҳи сайёраҳои дигар дар гирди Офтоб давр мезанад. Он курашакл аст. Ба он тарафаш, ки нури Офтоб мерасад, рӯз аст. Он вақт ба тарафи дигараш нури Офтоб намерасад, бинобар ин шаб аст.






Мавзӯи асосии матн чист? Як ҷавобро интихоб кунед.

1) Ҳодисаи ивазшавии шабу рӯз.
2) Паноҳшавии Офтоб.
3) Ҳаракати Офтоб.

Ҷумлаҳоро хонед ва онҳоро ба расмҳо мувофиқ гузоред.













1. Хирс тимсоҳро тарсонд. Тимсоҳ Офтобро раҳо кард.
2. Ҳайвонҳо аз хирс илтимос карданд, ки Офтобро озод кунад.
3. Ҳайвонҳо аз дидани Офтоб хурсанд шуданд ва ба хирс ташаккур гуфтанд.
4. Харгӯш хирсро ба назди тимсоҳ овард.
5. Харгӯш аз тиреза нигоҳ кард. Ӯ абри тимсоҳмонандро дида, фикр кард, ки тимсоҳ Офтобро фурӯ бурда истодааст.
6. Осмонро абрҳо пӯшонданд. Офтоб паси абрҳо монд.

Афсонаро дар асоси расмҳо нақл кунед. Мазмуни афсонаро бо мазмуни матни аввал муқоиса кунед. Оё тимсоҳ Офтобро фурӯ бурда метавонад?

## ДАРСҲОИ 51-52



Дар фасли тирамоҳ кадом идҳо ҷашн гирифта мешаванд? Оё шумо дар бораи ҷашни Меҳргон шунидаед? Меҳргон чӣ гуна ҷашн гирифта мешавад?



### МЕҲРГОН – ИДИ ДЕҲҚОН ВА РАМЗИ ФАРОВОНӢ

Меҳргон яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми тоҷик аст. Меҳргон иди ҷамъоварии ҳосили рӯёндаи деҳқон, иди фаровонӣ, шодию нишот, дӯстию рафоқат, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру садоқат аст.

Ниёгони мо дар ин рӯз сарулибоси идонаи арғувонӣ мепӯшиданд ва ҳамдигарро табрик мекарданд. Дастархони ҷашни Меҳргонро низ аз матое, ки ранги арғувонӣ дорад, густурда мекарданд. Дар рӯйи дастархони ҷашнӣ шамъ, ширинӣ, хӯрданиҳои маҳаллӣ ва чизҳои хушбӯй, монанди гулоб, ҳазориспанд, анбар ва заъфарон мегузоштанд. Ин ҳама аз фарҳанги бойи халқи тоҷик дарак медиҳад.



**анбар** – маводди хушбӯй
**арғувонӣ** – сурхи баланд
**гулоб** – оби хушбӯй, ки аз гули садбарг омода мешавад
**заъфарон** – гиёҳе, ки гулҳои зарди сурхчатоби хушбӯй дорад



Ба тарзи хондани омӯзгор диққат диҳед. Дар куҷо ист мекунад? Чаро? Матнро ба монанди омӯзгор хонед. Ҷумлаи дарозтарини матнро ёбед. Он аз чанд калима иборат аст?



Меҳргон чӣ гуна ид аст? Дар рӯзи ид ниёгони мо чӣ гуна либос мепӯшиданд? Дар дастархони идона чиҳоро мегузоштанд? Ин идро дар кадом фасл ҷашн мегиранд? Чаро маҳз дар ҳамин фасл ҷашн мегиранд?



Чистонҳоро ёбед.

Як каллаю сад дандон,
Дандон ёқути хандон.

Номи ду ҳайвон,
Бошад номи он.

Аз дур дидам – аранг-аранг,
Ҷомакабуди сабзранг.









**Имлои дунафарӣ.**
Калимаҳо: ҷамъоварӣ, фаровонӣ, дӯстӣ, ягонагӣ, арғувонӣ, ҷашнӣ, ширинӣ, маҳаллӣ, бӯй, рӯй, бой.



Калимаҳоро мувофиқи тартиби алифбо нависед.
дастархон, ҳазориспанд, фарҳанг, либос, деҳқон, арғувонӣ, анбар, шамъ, нишона, гулоб, фаровонӣ, шодӣ, нишот.



Дар бораи ҷашнгирии иди Меҳргон ба аҳли синф нақл кунед.



Аз калонсолони хона хоҳиш кунед, ки дар бораи чӣ тавр аз пахта омода кардани матоъ ба шумо нақл кунанд.



## ДАРСҲОИ 53-54

Дар фасли тирамоҳ мо ба кӯҳсор барои дӯлоначинӣ, чормағзчинӣ, ҳезумҷамъкунӣ меравем. Оё шумо медонед, ки чӣ гуна хавфу хатарҳо моро дар кӯҳ интизоранд?

### ХУДРО АЗ ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ МУҲОФИЗАТ НАМО!
### (Қисми якум)




Аслан ҳайвоноти ваҳшӣ кӯшиш мекунанд, ки бо одамон вонахӯранд. Баногоҳ шумо бо ҳайвоноти ваҳшӣ рӯ ба рӯ шудед, натарсед! Ҳайвоноти ваҳшӣ дар ҳолате ба одам ҳамла мекунанд, ки агар онҳо маҷрӯҳ шуда бошанд ё фарзандонашонро муҳофизат кардан хоҳанд. Барои ҳамин наҷунбед ва ба ҳайвон ҳамла накунед, то вай худаш ба ягон тараф равад. Агар ҳайвон худро хашмгин нишон диҳад, он гоҳ барои муҳофизати худ оташро истифода баред. Агар дар наздатон оташ набошад, баланд дод занед, ба танаи дарахт ё ашёи оҳанин бо чӯб сахт-сахт занед. Дар хотир гиред, ки ба ҳайвон пушти худро гардонда гурехтан тамоман мумкин нест. Ба чашмони ҳайвон нигоҳ карда, оҳиста-оҳиста пуштнокӣ равед. Агар шумо бо гург ё хуки ёбоӣ рӯ ба рӯ шуда бошед, он гоҳ ба дарахт бароед ё агар дар назди кӯл ё дарёча бошед, ба об дароед.




Ба тарзи хондани омӯзгор диққат диҳед. Калимаҳои нофаҳморо дар хотир гиред ва аз омӯзгор пурсед.

**Савол ба омӯзгор.** Аз омӯзгор дар бораи матни шунидаатон савол диҳед. Намунаи саволҳо: Кадом ҳайвонҳои ваҳшӣ дар талу теппаҳо ва кӯҳҳои атрофи маҳали шумо зиндагӣ мекунанд? Оё онҳо хатарноканд? Чӣ тавр худро аз чунин ҳайвонҳо муҳофизат кардан лозим аст?



Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳои зеринро муайян кунед.

1. Ҳайвоноти ваҳшӣ тамоман ба одам ҳамла намекунанд.
2. Ҳангоми бо ҳайвони ваҳшӣ рӯ ба рӯ шудан, шахс бояд наҷунбида истад ва ба ҳайвон ҳамла накунад.
3. Гург ва хуки ёбоӣ аз оташ наметарсанд.
4. Баланд дод задан ё ба танаи дарахт сахт-сахт бо чӯб задан ҳайвони ваҳшиatро метарсонад.



Имлои дунафарӣ.
ҳайвон, ваҳшӣ, кӯшиш, вохӯрдан, рӯ ба рӯ, маҷрӯҳ, чӯб, ашё, ёбоӣ, дарёча.



Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
Калимаҳо: фарзандон, ҳайвонот, муҳофизат, рӯ ба рӯ, маҷрӯҳ, дарёча.



Дар асоси ҷадвал ба шахсоне, ки ба кӯҳ мераванд, тавсияҳо диҳед. **Намуна:** Агар бо ҳайвоне дар кӯҳ вохӯред, надавед.

| | |
|---|---|
| Агар дар кӯҳ бо ҳайвоне вохӯред ... | надавед. |
| | ба вай ҳамла накунед. |
| | оташ даргиронед. |
| | ба танаи дарахт бо чӯб занед. |
| | дод занед. |
| | пушти худро нагардонед. |
| | ба чашмони вай нигоҳ кунед. |
| | пуштнокӣ равед. |
| | ба дарахт бароед. |
| | ба кӯл ё дарё дароед. |



Дар асоси ҷадвал ҷумла нависед. **Намуна:** Агар бо ҳайвоне дар кӯҳ вохӯред, ба вай ҳамла накунед.

## ДАРСҲОИ 55-56

Дар дарси гузашта дар бораи хатари вохӯрӣ бо гург ва хуки ёбоӣ маълумот гирифтед. Боз кадом ҳайвонҳо метавонанд хатарнок бошанд?

### ХУДРО АЗ ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ МУҲОФИЗАТ НАМО!

**(Қисми дуюм)**











Дар кӯҳсорони мо мор ва хирс зиндагӣ мекунанд. Ҳангоми бо одам рӯбарӯ шудан морҳо асосан ба як тараф мехазанд.

Дар Тоҷикистон гурза ва мори афъӣ дида мешаванд. Ин морҳо хеле хатарноканд. Вақте ки ба теппаву кӯҳҳо меравед, бодиққат бошед! Морҳоро дар тарқиши хонаҳои вайрона, ғорҳо ва байни буттаҳо дидан мумкин аст. Барои худро аз газидани мор эмин доштан, ҳангоми ба кӯҳ рафтан мӯзаи баланд пӯшед.

Дар ҳолати газидани мор чӣ бояд кард? Шахси моргазидаро дар соя хобонед. Сари ӯ бояд аз сатҳи баданаш поёнтар бошад. Яъне, дар зери сари ӯ ягон чиз нагузоред. Баъд ҷойи моргазидаро бо йод тоза карда, печонед. Ҳеҷ гоҳ ҷойи моргазида ё аз он поёнтар ва болоро сахт набандед. Дар ин ҳолат зиёд нӯшидан (чой ё қаҳва) фоидаовар аст. Аз ҳама хубтар, шахси моргазидаро ҳар чи зудтар ба духтурхона бурдан аст. Дар он ҷо духтурон ба ӯ ёрӣ мерасонанд!

Ба тарзи хондани омӯзгор диққат диҳед. Калимаҳои нофаҳмоstart дар хотир гиред ва аз омӯзгор пурсед.

**Савол ба омӯзгор.** Аз омӯзгор дар бораи матни шунидаатон савол диҳед.

Матнро хонед. Дунафарӣ саволу ҷавоб кунед.
Саволҳо:
1. Морҳои хатарнок кадомҳоянд? Барои чӣ онҳо хатарноканд?
2. Морҳо асосан дар куҷо пинҳон мешаванд?
3. Чаро мӯзаи баланд пӯшидан лозим аст?
4. Дар ҳолати газидани мор чӣ бояд кард?

**Ҳарфи ъ дар таркиби ҳиҷои пеш мемонад. Таъ-бир, маъ-ри-фат, маъ-лу-мот.**
**Дар калимаҳое, ки ҳамсадои такрор доранд, як ҳарф дар сатри аввал ва ҳарфи дуюм ба сатри дигар мегузарад.**

Калимаҳоро мувофиқи қоидаи боло ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед: маъдан, инъом, вазъият, пурмаънӣ, минбаъд, муаллим, мураббӣ, баққол, таваллo

Аз матн ба ин савол ҷавоб ёфта нависед. Савол: Дар ҳолати газидани мор чӣ бояд кард?

Калимаҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Аз рӯйи кадом хусусиятҳо онҳоро ҷудо кардед?
Калимаҳо: минбаъд, маънӣ, думаънидор, баъдтар, пурмаъно, баъдан, бемаънӣ, бомаънӣ, маъно, баъдина, сермаъно, маънавӣ.

1. Матнро дар хона се маротиба хонед. Ба аҳли хонаводаатон онро нақл кунед.
2. Калимаҳои болоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. **Намуна:** мин - баъд

# 2. ҲИҶО.
# ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲО БА ҲИҶОҲО

## ДАРСҲОИ 57-58

### ҶОНИ НОДОН ДАР АЗОБ

Рӯзе муаллиме ҳамроҳи шогирдонаш ба саҳро мерафт. Дар роҳ ду сагро диданд, ки бо ҳам ҷанг доштанд. Онҳо чунон якдигарро маҷрӯҳ карда буданд, ки қуввати рафторашон намонда буд.

Муаллим аз шогирдонаш пурсид, ки ба фаҳми шумо, кадоме ин сагҳо гунаҳкор аст? Шогирдон ҷавоб доданд, ки ҳар ду ҳам нодонанд. Агар яке аз инҳо хаёли ҷанг намедошт, аз ҷанги он дигар халос мешуд. Ин қадар маҷрӯҳ намешуданд.

Муаллим дар ҷавоби шогирдон таҳсин карда гуфт, ки агар шумо ҳам бо якдигар ҷанг кунед, мардум шуморо нодон мегӯянд. Ҳар ду тарафи ҷангро гунаҳкор медонанд ва айб мекунанд.

*Садриддин Айнӣ*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.

Муаллим ва шогирдонаш дар саҳро чӣ ҳодисаро мушоҳида карданд? Муаллим аз шогирдон чӣ пурсид? Шогирдон чӣ ҷавоб доданд? Барои чӣ ҷавоби хонандагон ба муаллим маъқул афтод? Шумо чӣ фикр доред? Рафтори сагонро ба рафтори баъзе одамон муқоиса кунед? Оё чунин шахсон доноянд?

Инсон бо хирад, яъне ақлу зеҳни худ фарқ мекунад. Касе ки ба қадри хирад намерасад, хору зор мешавад. Зеро инсон бе мадади ақлу хирад наметавонад роҳи дурусти зиндагиро пайдо кунад. Ҳар коре, ки бе раҳнамоии хирад анҷом дода мешавад, ҳатман боиси пушаймонӣ мегардад.



**Калимаҳоро таҳлил кунед.**

боақл, беақл, хирадманд, бехирад



Ба монанди намуна як ё ду ҷумла нависед.

| | |
|---|---|
| Шахси боақл<br>Шахси беақл<br>Шахси хирадманд<br>Шахси бехирад | калонсолонро ҳурмат мекунад.<br>сухани қабеҳ мегӯяд.<br>бо дигарон ҷанг мекунад.<br>ба калонсолон салом медиҳад.<br>сарулибосашро тоза нигоҳ медорад.<br>дашном намедиҳад.<br>дарсҳоро тайёр мекунад.<br>китоб мехонад.<br>сухани падару модарро гӯш намекунад. |



Шахси бохирад чӣ гуна шахс аст?
Шахси бохирад, касест, ки ...



Ҳиҷо чист? Калимаҳои зерин аз чанд ҳиҷо иборатанд?
бохирад, хирадманд, боақл, калонсол, Тоҷикистон, муаллим, мактаб, шогирд, ҳурмат, хирад, омӯзгор, одам.



Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.
таҳсин, рафтор, одоб, хирад, чашмасор, эълон, абадӣ, чойхона, ботамкин, боэҳтиром, падар, модар.

Калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо мешаванд. Дар ҳар ҳиҷо як овоз садонок аст. Дар калима чанд овози садонок бошад, ҳамон қадар ҳиҷо мешавад.

Инсон ба шарофати ақлу
хиради худ хушбахтона
зиндагӣ мекунад. Вай ақ-
лу хирад ва илмро аз ки-
тобҳо, устодон ва аз таҷ-
рибаи зиндагӣ меомӯзад.
Кас бисёр хонад, бисёр ме-
донад. Одамони донишманд
ва хирадмандро халқ эҳти-
ром мекунад.

## ДАРСҲОИ 59-60

Фарқи байни хуб ва бадро медонед? Корҳои хуб ва бад кадомҳоянд?

Ба расмҳо назар кунед. Кадом кор хуб аст ва кадом кор бад аст? Чаро?






## ҚАВЛИ МАРД

Фарқи неку бадро ман
Хурдам, аммо медонам.
Кори гандаро аз нағз
Ҷудо карда метонам.

Нағз чист? Агар одам
Қобилу доно бошад.
Ҳурмат кунад калонро,
Доим гапдаро бошад.

Ганда чист? Агар одам
Бошад аз китоб безор.
З-ин хел каси бесавод
Бошад ба ҳама озор,

Ганда чист? Агар одам
Гапро нагирад ба гӯш.
Модараш ҳар чӣ гӯяд,
Зуд кунад фаромӯш...

*Мавҷуда Ҳакимова*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?



Шоира дар шеъраш кадом корҳои хубро номбар кардааст? Кадом амалҳои бадро таъкид кардааст? Кадом қисми шеър ба шумо маъқул шуд? Чаро?



Бонавбат дар асоси ҷадвал ҷумла гӯед.
**Намуна:** А. Ниҳолшинонӣ. Б. Ниҳолшинонӣ кори хуб аст. Бо дигарон ҷанг кардан. В ...

| | |
|---|---|
| Ниҳолшинонӣ<br>Бо дигарон ҷанг кардан<br>Сухани қабеҳ гуфтан<br>Ба калонсолон салом додан<br>Гапи падару модарро гирифтан<br>Китоб хондан<br>Дашном додан<br>Сарулибосро тоза нигоҳ доштан<br>Дар дарс хӯрок хӯрдан<br>То нисфи шаб телевизор тамошо кардан | кори хуб аст.<br>кори бад аст.<br>одати хуб аст.<br>одати бад аст.<br>рафтори хуб аст.<br>рафтори бад аст. |



Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.
тамошо – та-мо-шо

ниҳолшинонӣ, телевизор, одат, хӯрок, ҳурмат, қобил, рӯзнома



Якҷоя бо калонсолони хона калимаҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки маънии калимаҳоро ба шумо гӯянд.

ҳасадхӯр, раҳмдил, ғайбатчӣ, бадхашм, беозор, бадгумон, оқил, пурсабр, дурӯғгӯй, ростгӯй, ҳалолкор, хиёнаткор, меҳрубон, гапгир

| **Хуб** | **Бад** |
|---|---|
| | |

# 3. АЗ ЯК САТР БА САТРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

## ДАРСҲОИ 61-62



Суҳбат дар бораи рамзҳои давлатӣ.



### НИШОНИ ДАВЛАТӢ

Рӯйи нишон мудаввар,
Пахта чу рамзи давлат.
Аз гандум аст, оре,
Рушду бақои миллат.

Кӯҳ аст дар миёна
Рамзе зи кӯҳсорон.
Ҳар қуллааш гувоҳест
Аз роҳи бахту армон.

Аз пушти қулла бо меҳр
Хуршед сар кашида,
Ин мулкро чу модар
Нураш ба бар кашида.

Маънист дар китобаш,
Илми замон ба сад ранг.
Моро ҳидояте з-ӯст
Дар шоҳроҳи фарҳанг.

*Халифабобо Ҷумъазода*

**армон** – орзу
**рамз** – аломат, нишон
**рушд** – инкишоф, пешравӣ, нумӯъ
**бақо** – доиман, ҳамешагӣ, ҷовид, поянда
**мудаввар** – давра, даврашакл, доира
**фарҳанг** – илм, маданият

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

Сохти Нишони давлатии мо чӣ гуна аст? Дар он чиҳо тасвир ёфтаанд? Шумо дар бораи **Офтоб (хуршед), кӯҳҳо, пахта, ғалла, китоб** чӣ медонед?

**Офтоб** – нишон аз ҳаёти абадӣ, осоишта ва офтобрӯя будани Тоҷикистон.
**Тоҷ** – нишон аз соҳибдавлатӣ ва мустақилият.
**Гандум** – асоси ҳаёт нон (гандум) аст.
**Кӯҳ** – Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст.
**Пахта** – бойигарии кишвар.
**Китоб** – тоҷикон аз қадим ҳамчун мардуми хирадманду бомаърифат шинохта шудаанд.
**Ҳафт ахтар** (ситора) – ҳафт иқлим, ҳафт табақаи осмон, ҳафт рӯз, ҳафт минтақаи асосии ҷумҳурии мо – Бадахшон, Зарафшон, Хуҷанду Ҳисор, Хатлону Вахшон ва Раштонзамин.

Саволу ҷавоб. Офтоб дар нишон чиро ифода мекунад?

Нишони давлати мо дав-
рашакл мебошад. Дар он
расмҳои пахта, гандум,
куллаи кӯҳ, тасвир ёфта-
анд. Аз пушти куллаи
кӯҳ офтоб мебарояд.
Расми китоб рамзи ил-
му фарҳанги миллати
мо аст.

## ДАРСҲОИ 63-64



Пеш аз ба меҳмонӣ рафтан падару модаратон шуморо чӣ насиҳат мекунанд?



### ОДОБИ МЕҲМОНӢ ВА ХӮРОКХӮРӢ

Дар меҳмонӣ ботамкин бошед. Дар сари дастархон ба ҳар тараф нигоҳ накунед.

Хӯрок ё меваро саросема нахӯред. Луқмаро калон нагиред. Бо даҳони пур аз хӯрок гапназанед.



Боз ҳангоми меҳмонӣ ва хӯрокхӯрӣ кадом қоидаҳоро бояд риоя кард? Номбар кунед.
**Намуна:** Пеш аз хӯрок дастонро бо собун шустан.



Калима созед ва онҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.
**Намуна:** боодоб – бо-о-доб

| | |
|---|---|
| бо | одоб<br>ақл<br>тамкин<br>хирад |

| | |
|---|---|
| бе | одоб<br>ақл<br>тамкин<br>хирад |

Калимаҳо аз як сатр (хат) ба сатри дигар ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, гузаронида мешаванд.

Як ҳарфро дар сатри боло мондан ва ё ба сатри дигар гузарондан мумкин нест.



Барои хоҳар ё додари хурдатон қоида нависед.
**Намуна:** Бо дастони чиркин хӯрок нахӯр. Меваро шӯста бихӯр.

Даҳ калима нависед. Онҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

# ДАРСҲОИ 65-66

Аз Луқмони Ҳаким пурсидаанд, ки адаб аз кӣ омӯхтӣ? Гуфт: аз беадабон. Ҳар рафтори ношоистае, ки аз онҳо дидам, аз он худдорӣ кардам.



Панди болоро маънидод кунед.



## ЭРКАТУЛФОР

Нимарӯз аз дарвоза
Дарояд Даврон,
Шимаш олудаи хок,
Бинӣ овезон.

Ҷузвдонро партояд
Ба рӯйи долон,
Ҳар сӯ китобу қалам
Гардад парешон.

Гарданбанди ранголуд
Ба киса монад,
Тоқӣ гирифта аз сар
Ба саг пӯшонад.

Бониро овезад
Ба шохаи нок,
Куртаи сафедашро
Ба навдаи ток.

Мӯзаи чиркини худ
Сӯе андозад,
Дигар накарда шимро,
Ба кӯча тозад.

Аз ҳоли Даврон пурсед
Ба вақти саҳар,
Дар ҷевон аз либосаш
Наёбад асар...

*Маҳбуба Неъматзода*

**эркатулфор** – пурнозу нуз
**боронӣ** – ҷомаи сабуки боронногузар

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

Шеърро бори дигар хонед ва Давронро насиҳат кунед.
**Намуна**: Шимаш олудаи хок, – Даврон шиматро тоза нигоҳ дор. Онро хоколуд накун.

Мазмуни шеърро бо суханони худ нақл кунед.

Дар асоси расмҳо ҷумла нависед.
**Намуна:** Даврон куртаашро ба дарахт овехтааст.



Имло.
Калимаҳо: нимарӯз, мӯза, сӯ, кӯча, пӯшондан, рӯй, сӯй, майса, чойник, пайғом, найза, тойча, лой.

Худ ва Давронро муқоиса кунед. Ду ҷумла нависед.
**Намуна:** Даврон шимашро хоколуд мекунад. Ман шимамро тоза нигоҳ медорам.

й
Й

## ДАРСҲОИ 67-68

Манзараҳои деҳа ё маҳали худро ба ин деҳа муқоиса кунед, монандӣ ва фарқро ёбед.

### МЕҲРИ ДЕҲА

Мо деҳаи хурдакаки худро хеле дӯст медорем. Деҳаи моро аз чор тараф кӯҳҳои осмонбӯс печонидаанд. Баҳору тобистони деҳаи мо назаррабост. Кӯҳу ёла ҳама гулпӯш, аз дашту даман навои кабку булбул ба гӯш мерасад. Дар поёнии деҳа дарёи пурмавҷ – Зарафшон ҷорист.



Кӯҳу дамани деҳаи мо низ зебо аст. Дар кӯҳҳои Сангистон рустаниҳои шифобахш хеле зиёданд. Мо, бачагон, ҳамин ки моҳҳои май, июн фаро расид, ба кӯҳҳо баромада, рустаниҳои шифобахш ҷамъ меоварем. Мо кӯшиш мекунем, ки ин гуна рустаниҳо нобуд нашаванд. Мо тамоми фасли сол ин рустаниҳоро эҳтиёт ва парвариш мекунем. Пеш аз гул ва нопухта кандани гулу гиёҳҳоро қатъиян манъ кардем. Вақти ҷамъоварӣ ҳеҷ гоҳ гиёҳҳоро бо реша намеканем. Мо дигаронро даъват менамоем, ки дар ғунучини гиёҳҳо эҳтиёткор бошанд.

**даман** – домани кӯҳ, майдон
**ганҷ** – хазинаи тилло, нуқра ва ҷавоҳирот
**наво** – садо, овоз; нағмаи кабку булбул, навои асбобҳои мусиқӣ
**шифобахш** – давобахш
**гиёҳ** – рустанӣ

1. Чаро бачаҳо деҳаашонро дӯст медоранд?
2. Кадом рустаниҳои доруевориро медонед?
3. Чаро нопухта ва бо реша кандани гиёҳҳо қатъиян манъ аст?
4. Чаро ҳарфи аввали баъзе калимаҳо калон аст?

**Имлои дунафарӣ.**
Калимаҳо: дӯст, кӯҳ, осмонбӯс, рӯйпӯш, гӯш, кӯшиш, ёла, дарё, гиёҳ, ҷамъ, манъ, ҷамъоварӣ, даъват, қатъиян, эҳтиёт

**Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.**
Калимаҳо: осмонбӯс, тобистон, назаррабо, пурмавҷ, Зарафшон, Сангистон, рустанӣ, шифобахш, парвариш, ғунучин, эҳтиёткор, даъват, қатъиян, ҷамъоварӣ, фаъол.

Ҳангоми аз сатр ба сатри дигар кӯчонидани калима ҳарфи **ъ** дар сатри боло монда, ба сатри дигар намегузарад. Калимаҳое, ки ҳарфи **ъ** доранд, ба сатри дуюм ин тавр гузаронда мешаванд: фаъ-ол, даъ-ват, ҷамъ-оварӣ...

Дар асоси ҷадвал ва матн ибораҳо созед. Онҳоро шарҳ диҳед.
**Намуна:** кӯҳҳои осмонбӯс.

| | |
|---|---|
| кӯҳҳои | бебаҳо |
| қолини | булбул |
| ғарқи | осмонбӯс |
| навои | сабз |
| оби | гул |
| рустаниҳои | зулол |
| ганҷинаи | шифобахш |

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.
Калимаҳо: эътибор, маърака, масъул, шуъба, таърих, анъана, босуръат, суръатнок, масъала, неъмат, таъсирнок, маърифат.

# МАШҚҲОИ ИЛОВАГӢ

Калимаҳои ғалатро муайян кунед. Онҳоро дуруст нависед.

рӯз, эътибор, шоди, мӯй, дурӯғгӯйи, муза, хурсандӣ, кӯза, рӯзона, омузгор, аъло, дуредгарӣ, тоҷикӣ, маълумот, саломати, ростгӯйӣ, бозӣ, элон, фаол.



Аз сканворд калимаҳоро ёбед. Гӯед, ки ҳарфи аввали ин калимаҳо бояд калон бошад ё хурд. Чаро?

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| т | о | ҷ | и | к | и | с | т | о | н |
| о | ф | т | о | б | н | о | р | а | к |
| ҷ | о | н | и | б | е | к | а | ш | т |
| и | т | о | ҷ | и | к | о | б | о | д |
| н | и | г | о | р | а | ш | т | м | а |
| и | м | у | ҳ | а | м | м | а | д | р |
| с | а | б | о | ҳ | а | т | с | с | в |
| с | х | а | т | л | о | н | к | у | о |
| о | б | и | д | п | у | р | и | ғ | з |
| б | а | д | а | х | ш | о | н | д | у |

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

муътабар, саросема, устувор, Қӯрғонтеппа, Гулдара, истиқлолият, субҳидам, камонварон, ободӣ, омӯзгор, мураттаб, Гулбаҳор, вилоят, кайҳоннавард, сабзӣ, олим.

# 4. АЛИФБО. ОВОЗ ВА ҲАРФҲО

## ДАРСҲОИ 69-70

Дар бораи Ватан чӣ медонед? Ватани мо чӣ ном дорад? Оид ба Ватан шеъреро ифоданок қироат кунед.

### ВАТАН

Боре як дӯстам пурсид:

– Ватан чӣ маъно дорад? Ман гуфтам:

– Ватан ҷойи таваллуди кас, зодгоҳи ӯст. Ватан ҳамон ҷоест, ки кас дар он зиндагӣ мекунад, бахти худро меёбад, аз обаш менӯшад, ниҳоят, дар хокаш хок мешавад.

Дӯстам боз пурсид:

– Байни зодгоҳу Ватан чӣ фарқ аст?

Ман гуфтам:

– Зодгоҳ ҳамон ҷоест, ки кас дар он ҷо таваллуд шудааст ва хуни нофи ӯ рехтааст. Ватани ҳамаи мо Тоҷикистон аст.

Дар Ватани мо ҳамаи нозу неъмат ва бойигариҳои табиӣ мавҷуданд. Обу ҳавои Тоҷикистон форам, табиаташ зебост. Одамонаш ҳалиму хоксор, меҳнатдӯст, меҳмоннавозанд. Ватани мо – Тоҷикистон, таърихи бой дорад. Мо бо номи бузургонамон – Исмоили Сомонӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ифтихор дорем.

Мо дар Ватани худ озодона, хурраму хушбахтона зиндагонӣ мекунем.

*Ҷалол Икромӣ*

1. Тарзи бурров равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.
3. Матнро таҳлил кунед. Чаро ҳарфи аввали баъзе калимаҳо калонанд? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

Ватан чӣ маъно дорад? Байни зодгоҳу Ватан чӣ фарқ аст? Обу ҳавои Тоҷикистон чӣ гуна аст? Мардуми Тоҷикистон чӣ гунаанд? Шумо Тоҷикистонро аз рӯйи кадом хусусияташ дӯст медоред?

Калимаҳои зерин аз чанд ҳарф ва чанд овоз иборатанд: **Тоҷикистон, таваллуд, меҳмоннавоз, хуррам, бойигарӣ, ҳидоят, ёрдамчӣ, ёдгор, ғаюр.**

Бо тартиб гузоштани ҳарфҳоро алифбо меноманд. Ҳарфҳо калон (А, Б, В, Г,…) ва хурд (а, б, в, г,…) мешаванд. Дар алифбои забонамон 35 ҳарф мавҷуд аст. Ҷойгиршавии ҳарфҳо чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аа** | **Бб** | **Вв** | **Гг** | **Ғғ** | **Дд** | **Ее** |
| *а* | *бэ* | *вэ* | *гэ* | *ғэ* | *дэ* | *йэ* |
| **Ёё** | **Жж** | **Зз** | **Ии** | **Ӣӣ** | **Йй** | **Кк** |
| *йо* | *жэ* | *зэ* | *и* | *и-и<br>дароз* | *йот* | *ка* |
| **Ққ** | **Лл** | **Мм** | **Нн** | **Оо** | **Пп** | **Рр** |
| *қэ* | *эл* | *эм* | *эн* | *о* | *пэ* | *эр* |
| **Сс** | **Тт** | **Уу** | **Ӯӯ** | **Фф** | **Хх** | **Ҳҳ** |
| *эс* | *тэ* | *у* | *у-и<br>дароз* | *эф* | *ха* | *ҳэ* |
| **Чч** | **Ҷҷ** | **Шш** | **Ъъ** | **Ээ** | **Юю** | **Яя** |
| *чэ* | *ҷэ* | *ша* | *сакта* | *э* | *йу* | *йа* |

Калимаҳоро бо тартиби алифбо нависед:
Айнӣ, бобо, гул, Воҳид, ғайрат, дил, Ёдгор, ёр, Ҳайрат, Икром.

Номҳои ҳамсинфонатонро бо тартиби алифбо нависед.
**Намуна:** Абдулло, Асрор, Барно ...

Номҳои аҳли оилаатонро бо тартиби алифбо нависед.

## ДАРСҲОИ 71-72

Мазмуни байти зеринро таҳлил кунед.

Нон бувад чун ҷони одам,
Қуввату дармони одам.



Номи ҳикояро хонед. Ба фикри шумо, дар он сухан дар бораи чӣ меравад?

### ГАНҶ ДАР КИСА

Фирдавс ҳангоми бозӣ аз зери пой чизеро ёфту зуд ба киса андохт.

– Танга ёфтӣ? – давон омада пурсид ҷӯрааш Рустам.

– Не, – ҷавоб дод Фирдавс ва табассум кард, – чизе ёфтам, ки аз танга қиматтар аст.

– Ёфтам, ту як сомонӣ ёфтӣ?! – кунҷковӣ кард Рустам.

– Не, наёфтӣ! Зиёдтар!

– Даҳ сомонӣ? – чашмони сиёҳашро калон кушода, бо ҳаяҷон гуфт Рустам.

– Қимати чизи ёфтаам аз ҳазор сомонӣ ҳам болотар аст.

– Ҳа, ёфтам! – фарёд зад Рустам, – ту ҳалқаи тилло ёфтӣ! Дирӯз духтари ҳамсояи мо як пойи ҳалқаи тиллояшро гум кард. Канӣ, нишон деҳ, бинам.

– Наёфтӣ, – гуфт Фирдавс ва аз киса нонрезаи ёфтаашро баровард.

*Маҳбуба Неъматзода*

1. Матнро аз рӯйи нақшҳо хонед.
2. Матнро таҳлил кунед. Номи ҳикоя чист? Ҳикояро кӣ навиштааст? Чаро ҳарфи аввали баъзе калимаҳо калонанд? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд? Тире чӣ маъно дорад?

1. Фирдавсу Рустам чӣ кор мекарданд?
2. Фирдавс чиро ба киса андохт?
3. Рустам чӣ фикр кард?
4. Чаро Фирдавс қимати чизи ёфтаашро аз ҳазор сомонӣ болотар донист?

Калимаҳои зерин аз чанд ҳарфу овоз иборатанд.
**ёфт, табассум, қиматтар, зиёдтар, сиёҳ, тилло, нонреза, як.**

Оё миқдори ҳарф ва овозҳои калимаҳои зерин баробаранд?
**ёфт, зиёд, сиёҳ, як, Қаюм, зиёфат, яхдон, Юнус.**

Калимаҳоро ба тартиби алифбо мувофиқи ҳарфҳои дуюм ва сеюм нависед.
**абр, афсона, азим, авлод, ангур, аҷиб, аҷаб, аждаҳо, арғувонӣ, атлас, афлесун, армуғон, анъана, ароба.**

Оё шумо медонед, ки нон дар рӯйи дастархони шумо чӣ тавр пайдо мешавад? Аз рӯйи расмҳо суҳбат кунед.



Дар асоси расмҳо ду ё се ҷумла нависед.
**Намуна:** Заминро шудгор мекунанд.

## ДАРСҲОИ 73-74

Оё сагу гурба бо ҳам дӯст буда метавонанд? Чаро? Мисол биёред.



### КОРНАМОИИ ЗАНГӮЛАК

Ҷӯраам ба ман як сагча тақдим кард. Сагча майдаяк, фарбеҳак ва ниҳоят дилкаш буд. Дар хонаамон гурбачаи ҳамсинни он сагча мезист. Гурба Мошон ном дошт ва ба сагча Зангӯлак ном ниҳодем. Онҳо бо ҳамдигар наздик шуда, меҳр бастанд, унс гирифтанд. Мошону Зангӯлак аксар ба кӯча ҳамроҳ мебаромаданд ва дар алафзори майдонча бозӣ мекарданд.

Рӯзе дар канори майдонча як саги калони чӯпонӣ пайдо шуд, ки бо соҳибаш гардиш мекард. Саг ногоҳ аз банди дасти соҳибаш раҳо ёфту ба сари Мошону Зангӯлак давида омад ва аввал ба гурба ҳамла кард. Зангӯлак дид, ки Мошон дар чанголи саги чӯпонӣ дасту по мезанад. Вай ба тарафи саги калон мисли тир давид ва ба сару рӯяш ханҷол кашид. Саги чӯпонӣ аз ин ҳуҷуми ногаҳонӣ дасту по хӯрд ва Мошонро раҳо кард. Гурба аз фурсат истифода бурда, болои девор ҷаҳид.

Саги калони чӯпонӣ сар бардошт ва чашм кушода дид, ки ҳарифаш сагчаест. Шармаш омад магар, ки малул шуд ва сӯйи соҳибаш рафт.





1. Матнро буррову равон хонед.
2. Маънои калимаҳои мураккабро муайян кунед.
3. Таҳлили сохтори матн. Матн чӣ ном дорад? Ин кадом навъи матн аст? Аз чанд сархат иборат аст? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд? Онҳо чиро ифода мекунанд?



Сагчаро кӣ тақдим кард? Сагча чӣ гуна буд? Мошону Зангӯлак дар кучҷо бозӣ мекарданд? Саги чӯпонӣ чаро даступо хӯрд? Агар Зангӯлак ба саги чӯпонӣ ҳуҷум намекард, чӣ мешуд? Чаро саги чӯпонӣ малул шуд?



Зарбулмасалеро интихоб кунед, ки ба мазмуни ҳикоя мувофиқ бошад.

1. Саг дар кӯчааш шер аст.
2. Бо саг унс бигир, аммо чӯбро аз дастат магузор.
3. Сагро барои он нигоҳ медоранд, ки аккос занад.
4. Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
   Дар парешонҳоливу дармондагӣ.
5. Саги ором намеҷакад, балки мегазад.
6. Дӯсту душманро дар бадбахтӣ мешиносанд.



Калимаҳои зерин аз чанд ҳарфу чанд овоз иборатанд?
фарбеҳак, алафзор, чӯпонӣ, майдонча, сагча, майдаяк, ёфт.



**Имлои дунафарӣ.**
Калимаҳо: чӯпонӣ, рӯз, рӯй, сӯй, Зангӯлак, бозӣ, ҷӯра, майдаяк, кӯча, раҳоӣ.



Дар асоси ҷадвал ду ё се ҷумла нависед.
**Намуна:** Зангӯлак сагчаи ҳушёр аст.

| | | |
|---|---|---|
| Зангӯлак сагчаи | ҳушёр<br>майдаяк<br>дилкаш<br>зирак<br>далер<br>доно | аст. |

Ҳарфи аввали номи ҳайвонҳо калон навишта мешавад. Мисол, Мошон, Зангӯлак



Номҳоро ба тартиби алифбо нависед.
Мошон, Полвон, Зангӯлак, Рашид, Юсуф, Мансур, Гулбаҳор, Барно, Ҷамшед, Ёдгор, Шамсия, Марзия, Сарвиноз, Наргис.

## ДАРСҲОИ 75-76



Дар бораи ҳайвонҳои зерин чӣ медонед?












Матнро хонед ва аз рӯйи расм номи ҳайвонҳоро гӯед.

### МАМНУЪГОҲИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

(Қисми якум)

«Бешаи палангон» аввалин мамнуъгоҳи Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷо сарватҳои табиии бешазори соҳили дарёи Вахш муҳофизат карда мешавад.

Тӯқайзорон ва буттазорони он барои зисти гавазнҳо, хукҳои ёбоӣ, харгӯш, ҷайра, шағол, гурбаи ёбоӣ, гург ва дигар ҳайвонҳо мувофиқ аст.

Олами нататоти атрофи ин мамнуъгоҳ асосан аз алафҳои майдаи баҳорӣ ва буттаҳои ба хушкӣ тобовар иборатанд. Ин алафу буттаҳо барои хукҳои ёбоӣ, гавазнҳо ва харгӯшҳо хӯрок мебошанд.

**мамнуъгоҳ** – мавзеи махсус барои парвариш, афзоиш ва муҳофизати рустанӣ, ҳайвонот ва парандаҳои нодир
**набототт** – гиёҳ, рустаниҳо
**тӯқайзор** – бешазор, ҷангалзор; буттазор, найзор

Мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» дар куҷо воқеъ шудааст? Дар мамнуъгоҳ чиҳо муҳофизат карда мешаванд? Дар тӯқайзор кадом рустаниҳо мерӯянд? Дар мамнуъгоҳ кадом ҳайвонҳо зиндагӣ мекунанд? Алафу буттаҳо хӯроки кадом ҳайвонҳо мебошанд? Оё дар мамнуъгоҳ ҳайвонотро шикор кардан мумкин аст? Дар мамнуъгоҳ рустаниҳоро шикастан мумкин аст? Чаро?

Калимаҳоро мувофиқи тартиби алифбо нависед.
гавазн, хуки ёбоӣ, харгӯш, ҷайра, шағол, гурбаи ёбоӣ, гург, гов, асп, хар, саг, буз, гӯсфанд.

Дар асоси ҷадвал ҷумла гӯед.
**Намуна:** Гавазн ҳайвони ваҳшӣ аст.

| | | |
|---|---|---|
| Гавазн<br>Асп<br>Саг<br>Ҷайра<br>Харгӯш<br>Шағол<br>Буз<br>Гург | ҳайвони ваҳшӣ<br>ҳайвони хонагӣ | аст. |

**Муҳокима.** Ҳайвонҳо худро дар "Боғи ҳайвонот" хуб ҳис мекунанд ё дар мамнуъгоҳ? Чаро?




Дар асоси ҷадвали боло чор ҷумла нависед.
**Намуна:** Ҷайра ҳайвони ваҳшӣ аст.

## ДАРСҲОИ 77-78

Баъзе парандаҳо дар зимистон ба ҷойҳои гарм парвоз мекунанд. Ба фикри шумо, чаро онҳо чунин мекунанд?

Дар бораи ин парандаҳо чӣ медонед? Ягон бор онҳоро дидаед? Дар куҷо?







## МАМНУЪГОҲИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

### (Қисми дуюм)

Дар кӯлҳои мамнуъгоҳ ба миқдори зиёд зағорамоҳӣ дучор мешавад. Дар ин ҷо лаққамоҳӣ низ мавҷуд аст.

Дар тӯқайзори ин мамнуъгоҳ морҳои айнакдор ва гурза, дар регзорҳояш мори афъӣ зиндагӣ мекунанд. Ин морҳо барои одам хавфноканд.

Дар ин мамнуъгоҳ аз хазандагон сусмор вомехӯрад, ки дарозиаш ба 120 - 150 сантиметр мерасад. Ин калтакалоси тимсоҳшакл одатан дар лонаҳои зеризаминии ҳайвоноти дигар зиндагӣ мекунад.

Дар фасли зимистон дар кӯлҳои ин ҷо миқдори зиёди парандаҳои обӣ ҷамъ мешаванд. Дар охири моҳи октябр селаи аввали қозҳо меоянд. Дар зимистони ин ҷо лаклаки сафед ва намудҳои бисёри мурғобиҳо ва мурғҳои даштӣ ҳастанд.

Дар кӯлҳои мамнуъгоҳ чиҳо зиндагӣ мекунанд? Морҳои айнакдор ва гурза дар куҷо зиндагӣ мекунанд? Сусмор ба чӣ монанд аст? Сусмор лона месозад? Чаро дар фасли зимистон дар кӯлҳои мамнуъгоҳ парандаҳо зиёд мешаванд?

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. Бигӯед, ки онҳо аз чанд ҳарфу овоз иборатанд.
мамнуъгоҳ, миқдор, заѓорамоҳӣ, лаққамоҳӣ, регзор, zеризаминӣ, калтакалос, тимсоҳшакл, сусмор

**Имлои дунафарӣ.**
афъӣ, зиндагӣ, айнакдор, тӯқайзор, кӯл, ҷамъ, бисёр

Дар асоси маълумоти ҷадвал гӯед, ки чӣ дар куҷо зиндагӣ мекунад? **Намуна:** Гавазн дар куҷо зиндагӣ мекунад? Гавазн дар тӯқайзор зиндагӣ мекунад.

| | | | |
|---|---|---|---|
| Гавазн<br>Хуки ёбоӣ<br>Харгӯш<br>Ҷайра<br>Шаѓол<br>Гурбаи ёбоӣ<br>Гург<br>Заѓорамоҳӣ | Лаққамоҳӣ<br>Мори афъӣ<br>Мори айнакдор<br>Мори гурза<br>Сусмор<br>Қоз<br>Лаклаки сафед<br>Мурѓобӣ | кӯл<br>тӯқайзор<br>регзор | зиндагӣ мекунад. |

Дар асоси маълумоти ҷадвал панҷ ҷумла нависед.
**Намуна:** Харгӯш дар тӯқайзор зиндагӣ мекунад.


кӯл


тӯқайзор


регзор

# ДАРСҲОИ 79-80



Шумо дасти худро дуруст мешӯед? Тарзи дастшӯйии худро ба тартиби дар расмҳо омада муқоиса кунед.






Қоидаҳои дастшӯйиро бо расмҳо мувофиқ гузоред.
**Намуна**: 1ё

а. Шустани паси ангуштон.
б. Шустани банди даст.
в. Шустани паси даст.
г. Шустани ангуштон дар алоҳидагӣ.
ғ. Пок кардани даст бо дастмол.
д. Шустани нохунҳо дар кафи даст.
е. Шустани байни ангуштон.
ё. Собун задани кафи даст ба кафи даст.



## Насиҳат

Модарам аз пеши дарвозахона садо кард:

– Шербой! Ҳой Шербой! Зуд биё. Бибиат омаданд, самбӯсаи алафӣ оварданд.

Бибиҷонам барои ман фақат самбӯсаи алафӣ меоранд. Медонанд, ки ман дӯсташ медорам. Аз дар даромадаму бӯйи иштиҳоовари самбӯса ба димоғам зад. Самбӯса куҷост?

– Дастатро шӯй, – гуфтанд бибиам аз пешониам бӯсида. Баъд, ҳамроҳ самбӯса мехӯрем.

Саросема худро ба тарафи дастшӯяк кашидам. Дастамро тар кардаму баргаштам. Бибиам гуфтанд:

– Бибиат садқа, дастро камаш се бор об гардондан даркор!

Боз ба тарафи дастшӯяк давидам, дастамро се бор об гардондаму афшонда-афшонда омадам ва хостам нишинам. Бибиам гуфтанд:

– Ҷони бибӣ, дасти тарро афшондан мумкин нест!

Ноилоҷ рафтаму ба дастам собун задам, се маротибаи дигар шустам, бо дастмол пок кардам, баъд ба сари дастархон нишастам.

– Офарин, бачаякам, – гуфтанд бибиам, – ин насиҳати маро ҳаргиз фаромӯш накун.

*Гулназар*

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Маънои калимаҳои мураккабро муайян кунед.
3. Таҳлили сохтори матн. Матн чӣ ном дорад? Ин кадом навъи матн аст? Аз чанд сархат иборат аст? Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд? Онҳо чиро ифода мекунанд?

Модараш писарбачаро барои чӣ ба хона ҷеғ зад? Кӣ омада буд? Бибӣ чӣ оварда буд? Чаро бибӣ писаракро якчанд маротиба барои дастшӯйӣ гардонд? Бибӣ чӣ насиҳат кард? Чаро писарак насиҳати бибиро бояд фаромӯш накунад?



Дастҳоро дар кадом вақт ҳатман шустан лозим аст.
Мисол:
Дастонро пеш аз хӯрок хӯрдан шустан даркор.

Агар даст нашӯйӣ, чӣ ҳодиса мешавад? Ду ё се ҷумла нависед. Аз расмҳо истифода баред.





## ДАРСҲОИ 81-82

Номи афсонаро хонед? Ба фикри шумо дар он сухан дар бораи чӣ меравад?

## ҚАЛАМҲОИ РАНГА

Буд, набуд, як марди саховатманд буд. Рӯзе вай аз сафари кадом як мамлакат баргашт. Вақте ки ба деҳаи худаш расид, ду бачаро дид, ки ба мактаб мерафтанд. Даст ба хӯрҷин бурду ду қалам берун овард. Яке сурх, дигаре сабз буд. Қаламҳоро яктогӣ ба бачаҳо туҳфа кард.

Ин ду бача бародарон буданд. Дар мактаб онҳо барои қалам ҷанҷол бардоштанд.

– Қалам ба ту чӣ даркор,– гуфт яке. – Ту ба хондан завқ надорӣ. Он мард ҳар ду қаламро бояд ба ман медод. Вай саҳв кард.

Бародараш гуфт:

– Оре, мард саҳв кард, вай бояд қаламҳоро ба ман медод! Чунки ман, агарчи ба хондан завқ надорам, ба расм кашидану наққошӣ кардан ҳушу ҳавсалаи зиёд дорам!

Бародарон ба якдигар дарафтоданд. Муаллим аз моҷаро огоҳ шуд. Вай онҳоро ба хонаи марди саховатманд бурд ва қиссаро баён карда пурсид:

– Кадоме аз ин ду бародар ҳақанд?

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.

Ба фикри шумо, марди саховатманд чӣ ҷавоб дод? Киро ҳақ баровард? Чаро?

Давоми афсонаро хонед ва бо пешгӯии худ муқоиса кунед.



## ДАВОМИ АФСОНА

– Ҳар ду ноҳақанд, – ҷавоб дод марди сахӣ ва қаламҳоро аз дасти онҳо гирифту гуфт: – Ҳамин гуна ду қаламро ман ба писарони ҳамсоя низ додаам. Онҳоро биёреду пурсед, ки бо қаламҳо чӣ кардаанд.

Писарони ҳамсояро даъват карданд. Марди саховатманд аз онҳо пурсид:

– Ҳар кадоми шумо яктогӣ қалам доред. Яке сурх, дигаре сабз. Қаламҳо аз они кадоми шумоянд?

Яке аз бародар чунин посух дод:

– Қаламҳо на аз они мананд, на аз они бародарам. Онҳо қаламҳои шумоянд. Вақте ба ман қалами сурх даркор мешавад, бародарам онро ба ман медиҳад, вақте ба бародарам қалами сабз даркор мешавад, ман онро ба вай медиҳам.

Мард он ду қалами аввалаоро низ ба онҳо туҳфа кард.

*Азизи Азиз*

**саховатманд, сахӣ –** кушодадаст, хайркунанда
**саҳв кардан –** иштибоҳ кардан
**ҳавсала –** майл, хоҳиш
**посух додан –** ҷавоб додан

Рафтори ҳар ду бародарро муқоиса кунед? Амали кадом бародар хуб аст? Чаро?

Шумо ба кадом корҳо майлу рағбат доред? Якчанд ҷумла нависед. Аз ҷадвал истифода баред.

| | | |
|---|---|---|
| Ман | китобхониро<br>расмкаширо<br>навиштанро<br>футболбозиро | дӯст медорам. |

Дар оилаатон кӣ ба кадом корҳо завқ дорад? Пурсед ва ҷумла нависед.
**Намуна:** Бародарам ошпазиро дӯст медорад.

## ДАРСҲОИ 83-84

Борон аз куҷо меояд? Шумо боронро дӯст медоред ё не? Чаро?

### БОРОН АЗ КУҶО МЕОЯД?

Бо таъсири гармии Офтоб оби кӯлҳо, ҷӯйҳо, дарёҳо, баҳру уқёнусҳо гарм шуда, ба буғ табдил меёбад. Буғ хеле сабук буда, ба зудӣ ба ҳаво меравад. Дар он ҷо зарраҳои хурди буғ ба абр табдил меёбанд. Зарраҳои буғ чунон хурданд, ки дар ҳаво парвоз мекунанд.

Агар ҳаво гарм шавад, абрҳо нест мешаванд. Зарраҳои об боз бухор шуда, ноаён мегарданд. Агар ҳаво сард шавад, зарраҳо ба ҳам ҷамъ мешавад ва аз садҳо ҳазор зарра як қатра ҳосил мешавад. Қатраҳо вазнин мешаванду дигар дар ҳаво парвоз карда наметавонанд ва ба замин меафтанд. Ин ҳодисаи табиатро борон мегӯянд.



Шамол абрҳоро ба ҳар тараф мебарад ва онҳо ба рӯйи замин оби ҳаёт мерезанд. Борон фоидаи калон дорад, агар борон наборад, дарахтон, гулҳо ва алафҳо намесабзанд.

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.

Об барои чӣ бухор мешавад? Барои чӣ буғ ба осонӣ ба ҳаво меравад? Абрҳо чӣ тавр ҳосил мешавад? Барои чӣ қатраҳо ба замин меафтанд? Чӣ абрҳоро ба ҳар тараф мебарад? Борон чӣ фоида дорад?

Калимаҳоро таҳлил кунед. Калимаҳои зерин чанд ҳарфи ҳамсадо, садонок ва йотбарсар доранд?

| Калима | Ҳамсадо | Садонок | Йотбарсар |
|---|---|---|---|
| кӯл<br>ҷӯй<br>дарё<br>уқёнус<br>зарра<br>ноаён<br>ҳаёт | 2 | 1 | 0 |

Матнро бори дигар хонед ва қисмҳои онро ба расмҳо алоқаманд кунед. Сипас аз рӯйи расмҳо нақл кунед.




Бо таъсири гармии Офтоб оби кӯлҳо, ҷӯйҳо, дарёҳо, баҳру уқёнусҳо гарм шуда, ба буғ табдил меёбад.

Аз рӯйи расм ҷумла тартиб диҳед. **Намуна:** Офтоб оби дарёро гарм мекунад.

# ДАРСҲОИ 85-86

Об ба инсон чӣ фоида дорад? Панҷ фоидаи обро гӯед.
Намуна: Об ташнагии одамро мешиканад.

## САФОИ ОБ



Бод ларзон,
Сабза рақсон,
Ғунча хандон,
Абр гирён –
Аз сафои оби тоза,
Аз навои оби тоза.
Боғ рангин,
Роғ рангин,
Рӯйи лола
Доғ рангин –
Аз сафои оби тоза,
Аз навои оби тоза.
Ашки борон,
Чашмасорон,
Рудбори
Рӯзгорон –
Аз сафои оби тоза,
Аз навои оби тоза.

*Латофати Кенҷа*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро алоқаманд кунед.



Калимаҳои ҳамқофияро муайян карда, сатрро идома диҳед. Миқдори ҳарфу овози калимаҳоро бигӯед. Чанд садонок? Чанд ҳамсадо?

1. китоб,
2. бор,
3. саҳар,
4. калом,

тамом, хитоб, хор, магар, мор, хатар, салом, шитоб

Дар бораи аҳамияти об ҷумлаҳо бигӯед. Аз ҷадвал истифода баред. **Намуна:** Аз сафои оби тоза ғунча хандон мешавад.

**сафо** – покӣ, беғуборӣ

| | |
|---|---|
| Аз сафои оби тоза | ғунча хандон мешавад.<br>сабза рақсон мешавад.<br>боғ рангин мешавад.<br>абр гирён мешавад.<br>гулҳо мешукуфанд.<br>одам роҳат мекунад.<br>ташнагӣ гум мешавад.<br>даштҳо ободъ мешаванд. |

Хусусиятҳои обро нависед.

об: ширин, мечӯшад, ях мекунад, бухор мешавад, ташнашикан, ҷорӣ мешавад, шаффоф

Дар бораи аҳамияти об ҷумлаҳо нависед. Аз ҷадвал истифода баред. **Намуна:** Аз сафои оби тоза гулҳо мешукуфанд.

# ДАРСҲОИ 87-88



Хусусиятҳои обро ба хотир биёред. Ба ҷадвали поён иловаҳо ворид кунед.

| Ном | Хусусият | Амал/ҳолат | Ҳаммаъно |
|---|---|---|---|
| об | шаффоф ... | ҷорӣ мешавад ... | ҳаётбахш ... |



Ба монанди намуна дар асоси ҷадвали пуркардаатон "шеър" эҷод кунед. **Намуна:**

Об
Шаффоф, ширин, гуворо
Ҷорӣ мешавад, ях мекунад, ташнагиро мешиканад
Об ҳаётбахш аст.



Манбаъҳои обро номбар кунед ва онҳоро шарҳ диҳед. **Мисол:** Дарё – оби дарёҳо аз кӯҳҳо меояд.



## ИСКАНДАРКӮЛ

Искандаркӯл дар мавзеи ҷангалзори қаторкӯҳи Ҳисор воқеъ шудааст. Искандаркӯл дар замонҳои хеле қадим дар натиҷаи фурӯ омадани кӯҳпораҳо ва пешбанд шудани дарёи Саратоғ ба вуҷуд омадааст.

Шакли кӯл секунҷа мебошад. Ба Искандаркӯл дарёҳои Саратоғ, Ҳазормеш, Сарима ва якчанд чашмаобҳо омада мерезанд. Лекин аз ин кӯл танҳо дарёчаи Искандар ҷорӣ шуда, ба Фондарё ҳамроҳ мешавад. Оби Искандаркӯл софу ширин (ошомиданӣ) аст. Зимистон қисми шарқии кӯл аз хунукиҳои сахт ях мебандад. Атрофи кӯл манзараи зебо ва иқлими салқин дорад.

Искандаркӯл дар куҷо воқеъ шудааст? Искандаркӯл чӣ хел пайдо шудааст? Шакли кӯл ба чӣ монанд аст? Кадом дарёҳо ба Искандаркӯл мерезанд? Оби Искандаркӯлро нӯшидан мумкин аст? Чаро?

Калимаҳои зерин аз чанд ҳарфу овоз иборатанд? Ҳамсадоҳо, садонокҳо ва йотбарсарҳоро муайян кунед.

| Калима | Ҳамсадо | Садонок | Йотбарсар |
|---|---|---|---|
| қаторкӯҳ | 5 | 3 | 0 |
| Фондарё | | | |
| дарёча | | | |
| секунҷа | | | |
| воқеъ | | | |
| ҷангалзор | | | |

Дар бораи расм суҳбат кунед. Дар расм чиҳоро мебинед? Ба шумо манзараи кашидаи рассом маъқул шуд? Рассом кадом рангҳоро истифода бурдааст? Ба фикри шумо ин расмро рассом дар кадом фасл кашидааст?



Кӯл дар кӯҳсор.
Искандаркӯл.
Рассом Ҷ. Абдурауфов

Дар асоси расм ду-се ҷумла нависед.

## Худро месанҷем



Матни афсона аз дигар навъи матнҳо чӣ фарқ дорад? Дар афсона чӣ бисёр аст? Кадом афсона ба шумо маъқул аст? Чаро?



### НАСИҲАТИ ПАДАР
### (Афсона)

Буд, набуд, як деҳқон буд. Деҳқон токзори калоне дошт. Вай ҳар сол ангури онро фурӯхта, зиндагиашро мегузаронид. Рӯзе аз рӯзҳо деҳқон бемор шуд. Писарашро ба наздаш даъват карду гуфт:

– Ман ба ту як насиҳат мекунам. Дон, ки аз меҳнат тилло ҳосил мешавад. Дар байни токзори мо ду хумчаи тилло гӯронида шудааст. Ту онҳоро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонӣ.

Фасли тирамоҳ расид. Писари деҳқон белро гирифта, бехи токҳоро кофт, аммо чизе наёфт. Он сол токҳои ангур аз ҳарвақта зиёдтар бор оварданд. Писари деҳқон онҳоро бо пули зиёд фурӯхт.



**бор** – ҳосил



Ба фикри шумо писари деҳқон хумҳои тиллоро меёбад? Кӣ ба ӯ ёрӣ мерасонад?



Давоми афсонаро хонед. Бо ақидаи худ муқоиса кунед.

Рӯзе ба наздаш як рафиқи падараш омад. Писари деҳқон ба ӯ воқеаро ҳикоя кард. Рафиқи падараш ин гапро шунида, қоҳ-қоҳ зада хандид ва гуфт:

– Писарам, тиллои падарат гуфтаро ёфтӣ-ку?!
– Не, ман аз токзор чизе наёфтаам, – гуфт писари деҳқон.

– Барои чӣ ту дурӯғ мегӯйӣ? Набошад, ин қадар бойигариро аз куҷо ёфтӣ?

– Ман ин бойигариро аз меҳнати ҳалоли худам ёфтам.

– Ту барои ҳосили зиёд гирифтан не, – гуфт рафиқи падараш, – балки барои ёфтани тилло ин қадар кор кардӣ. Падарат бисёр одами оқил буданд. Барои ҳамин он кас ба ту «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад» гуфтаанд.

Деҳқон чӣ дошт? Деҳқон писарро чӣ насиҳат кард? Писар чӣ кор кард? Барои чӣ деҳқон таъкид кард, ки вай тиллоро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонад? Насиҳати падар «Аз меҳнат тилло ҳосил мешавад»-ро чӣ тавр мефаҳмед?



Дар калимаҳои зерин чанд ҳарфи ҳамсадо ҳаст. Ду ҳамсадои пайиҳамомадаро чӣ тавр талаффуз мекунем. Машқ кунед

**алла, пилла, теппа, фаввора, диққат, бутта, омӯзгор, аввал, таваллуд, қуттӣ, тилло, аммо, барра**

**Имлои дунафарӣ.**
Калимаҳои болоро бонавбат ба ҳамдигар хонед ва нависед.

Ба саволҳои зерин аз матн ҷавоб ёфта нависед.
Рафиқи падар ба писари деҳқон чӣ гуфт?
Писари деҳқон ба ӯ чӣ ҷавоб дод?

# ДАРСҲОИ 1-2

Сифатҳои хуби модарро номбар кунед. **Намуна:** Модари меҳрубон **...**

## МОДАРИ МЕҲРУБОНИ МАН



Ҳар саҳарӣ чу офтоб
Аз ҳама пештар зи хоб
Чашм кушода сӯйи ман
Мекунад инчунин хитоб:
“Рӯз шудаст, Азизҷон,
Хез, зи мактабат намон!”
Бо дили шоди пурумед.
Мекунадам ба раҳ равон.

Модари меҳрубони ман!
Роҳати ҷисму ҷони ман!

Тоза либос дар барам,
Дилкашу гарм бистарам.
Соф мисоли оина
Беғаму ғусса хотирам.
Меҳру навозишат чӣ хуш!
Хандаю хоҳишат чӣ хуш!
Гар, ки ягон хато кунам,
Ранҷишу коҳишат чӣ хуш!

Модари меҳрубони ман!
Роҳати ҷисму ҷони ман!

*Абдусалом Деҳотӣ*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.
4. Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?


Хислатҳои модарро ба хотир оред. Ба ҷадвали поён иловаҳо ворид кунед.

| Ном | Хусусият | Амал/ҳолат/ | Ҳаммаъно |
|---|---|---|---|
| Модар | меҳрубон ... | алла мегӯяд ... | оча |


Ба монанди намуна дар асоси ҷадвали пуркардаатон "шеър" эҷод кунед. **Намуна:**

Модар
Ҳалим, меҳрубон, ягона
Алла мегӯяд, хӯрок мепазад, афсона мегӯяд
Очаҷонамро дӯст медорам


Гӯед, ки модари кӣ чӣ кор мекунад?
**Намуна:** Модари Зебо Фирӯза ном дорад. Ӯ муҳандис аст ва дар неругоҳи барқ кор мекунад.

| Номи фарзанд | Номи модар | Касб | Ҷойи кор |
|---|---|---|---|
| Зебо  | Фирӯза | муҳандис | неругоҳи барқ |
| Фарҳод  | Салима | духтур | беморхонаи марказӣ |
| Заррина  | Гуландом | рӯзноманигор | телевизиони Сафина |
| Рустам  | Робия | муҳосиб | хоҷагии деҳқонӣ |


Ба монанди намуна дар асоси ҷадвали боло якчанд ҷумла нависед.
**Намуна:** Модари Фарҳод Салима ном дорад. Ӯ духтур аст. Ӯ дар беморхонаи марказӣ кор мекунад.

# ДАРСҲОИ 3-4

Шумо бо кадом забон гап мезанед? Бо забони тоҷикӣ боз дар кадом мамлакатҳо одамон гап мезананд?

## Забони тоҷикӣ

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо.

*Муъмин Қаноат*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Калимаҳои ҳамқофияро дар шеър муайян кунед.

Кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд?

Шоир забони тоҷикиро бо чӣ муқоиса кардааст? Баҳри беканор ва гавҳари беҳисобро чӣ тавр мефаҳмед?

Имлои дунафарӣ.
А. гӯйӣ, бигӯ, чӣ, меҷӯйӣ, биҷӯ
Б. моҳӣ, шолӣ, дӯстӣ, некӣ, қуттӣ

Шеърро аз ёд кунед.

## Машқҳои иловагӣ

Аз сканворд калимаҳоро ёбед ва ба сутуни мувофиқ нависед.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| с | а | м | б | ӯ | с | а | г | ӯ | ш |
| ф | а | р | о | м | ӯ | ш | к | ӯ | ҳ |
| а | м | м | о | х | ӯ | р | о | к | б |
| в | у | и | м | р | ӯ | з | о | х | у |
| в | д | л | к | ӯ | ш | и | ш | ӯ | т |
| о | а | л | л | а | к | ӯ | л | р | т |
| р | в | а | т | е | п | п | а | д | а |
| а | в | т | ч | ӯ | п | о | н | а | ҷ |
| т | а | в | а | л | л | у | д | н | ӯ |
| а | р | р | а | х | у | ш | р | ӯ | й |

**Намуна:**

| Калимаҳое, ки ҳарфи ӯ доранд. | Калимаҳое, ки ду ҳарфи ҳамсадои пайиҳам доранд. |
|---|---|
| самбӯса | аммо |

## ДАРСҲОИ 5-6



Байтҳои зеринро хонед ва мазмуни онҳоро муҳокима кунед.

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

Забони модариро пос доред
Ва аз модар варо мерос доред.



### ЗАБОНИ МО – ҶАҲОНИ МО

Яке аз нишонаҳои муҳимми ҳар як халқу миллат забони ӯст. Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ин забонест, ки модарони мо меҳри онро бо қатраҳои шири софашон ба ҷисму ҷони мо ҷо кардаанд. Аз ин рӯ, мо онро забони модарӣ мегӯем. Забони модарии мо ширину гӯшнавоз аст. Бо ин забон шеърҳо, ҳикояҳо, афсонаҳо ва таронаҳои зиёде навишта шудаанд. Мо бояд забони модариро хуб биомӯзем. Онро муқаддас дорем ва бо он ифтихор кунем.



1. Дар матн сухан дар бораи чӣ меравад?
2. Дар бораи забони модарӣ чӣ гуфта шудааст?
3. Мо бояд ба забони модариамон чӣ гуна муносибат кунем?
4. Барои чӣ онро омӯзем?



Дар бораи забони тоҷикӣ якчанд ҷумла бигӯед.
**Намуна:** Забони тоҷикӣ ширину гуворо аст.

| | | |
|---|---|---|
| Забони тоҷикӣ | азиз<br>ширин<br>гуворо<br>гӯшнавоз<br>баҳри беканор | аст. |

**шоир** – шахсе, ки шеър менависад.
**нависанда** – шахсе, ки ҳикоя менависад.
**ҳофиз** – шахсе, ки суруд мехонад.



Ба монанди намуна суҳбат кунед.
А: Садриддин Айнӣ.
Б: Садриддин Айнӣ нависанда аст. Ӯ бо забони тоҷикӣ роману ҳикоя навиштааст.

| | | |
|---|---|---|
| Садриддин Айнӣ | нависанда | забони тоҷикӣ |
| Мирзо Турсунзода | шоир | забони тоҷикӣ |
| Сотим Улуғзода | нависанда | забони тоҷикӣ |
| Аҳмад Бобоқулов | ҳофиз | забони тоҷикӣ |
| Одина Ҳошим | ҳофиз | забони тоҷикӣ |
| Зафар Нозим | ҳофиз | забони тоҷикӣ |



Дар асоси ҷадвал ба монанди намуна ду ҷумла нависед.
**Намуна:** Мирзо Турсунзода шоир аст. Ӯ бо забони тоҷикӣ шеър навиштааст.

## ДАРСҲОИ 7-8



Шумо ба падару модар ва бибию бобоятон ёрӣ мерасонед? Ба онҳо чӣ гуна ёрӣ мерасонед?

### МАДАДГОРОНИ БОБО
**(Қисми якум)**

Шодӣ нав панҷсола шуда бошад ҳам, ба бисёр корҳо сарфаҳм мерафт. Шодӣ бобои ҳафтодсолае дошт. Ӯро Салим-бобо меномиданд. Бобо барои Шодӣ ҳикояҳои аҷоибу ғароиб мегуфт, ӯро ҳамеша ҳамроҳаш гирифта мегашт. Аз ин кори бобо Шодӣ беҳад хурсанд буд.

Боре, вақте ки мавсими ҷамъоварии ҳосили чормағз фаро расид, Шодӣ назди бобо омад ва дарахти калони чормағзро нишон дода, гуфт:

– Бобо, шумо чӣ хел ба ин дарахт мебароед?

– Чаро ба дарахт мебаромадаам? – пурсид дар ҷавоб бобо.

– Пас, чормағзро чӣ тавр меафшонед?

– Дар ин кор ба ман ту ёрӣ медиҳӣ, дигарон ёрӣ медиҳанд. Ба дарахт баромадан шарт нест.

– Чӣ хел?

– Баъд мефаҳмӣ, – гуфт бобо ва ҳамроҳи набераааш ба соҳили дарёе, ки деҳаро ҳалқа зада мегузашт, рафт. Бобо аз буттаҳо химча мебурид, Шодӣ онҳоро ҷамъ мекард.

Бобо аз химчаҳо сабади бетаг бофт, ки ин Шодиро ба ҳайрат овард.

– Чаро сабади бетаг бофтед, бобо? – пурсид Шодӣ.

– Баъд мефаҳмӣ, – номуайян гуфт бобо ва сабадро ба таги дарахти чормағз, ки он дар канори деҳа, дар наздикии хонаашон буд, монд.

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.



Ба фикри шумо давоми ҳикоя чӣ мешавад? Чаро бобо сабади бетаг бофт?

Калимаҳоро хонед ва онҳоро ба сутуни мувофиқ нависед. Бигӯ- ед, ки барои ҷудо кардани калимаҳо чӣ ба шумо ёрӣ расонд?

**Калимаҳо:** корҳо, Шодӣ, бобо, набера, Салимбобо, чормағз, дарахт, дигарон, деҳа, дарё, сабад, хона, ҳикояҳо, одамон, парандаҳо

| Кӣ? | Киҳо? | Чӣ? | Чиҳо? |
|---|---|---|---|
| | | | |

Барои ҳар як савол ду калима нависед.
Кӣ?
Киҳо?
Чӣ?
Чиҳо

## ДАРСҲОИ 9-10

Қисми якуми ҳикоя дар хотиратон ҳаст? Чаро бобою набера сабади бетаг бофтанд? Давоми ҳикояро хонед ва муқоиса кунед.

### МАДАДГОРОНИ БОБО
### (Қисми дуюм)

Нисфи шаб ба ин ҷо хирс омад. Вай ба дарахти чормағз баромада, муддате чормағзро афшонд. Сипас ба поён фуромад ва чормағзҳои афшондаашро ба сабад андохт. Ин кори ӯ то пагоҳӣ давом кард. Вақте ки бобою набера сӯйи дарахти чормағз мерафтанд, Шодӣ баногоҳ хирсеро дид, ки сабади холиро пуштора карда мерафт.

– Хирс! – қариб буд фарёд кунад Шодӣ, вале дар пуштораи ӯ сабадро дида, тааҷҷуб кард: – Ин сабади мо, чаро ӯ ...?

– Баъд мефаҳмӣ, – гуфт бобо сухани Шодиро бурида ва зуд-зуд қадам монд. Онҳо ба назди дарахти чормағз омаданд. Ба ҷойи сабад як тӯб чормағз буд.

– Ана, акнун фаҳмидӣ, – гуфт бобо ба наберааш, – хирс ба ман чӣ хел мадад мерасондааст: чормағзҳоро афшонд, баъд тӯб карда ба сабад андохт, аммо чормағзҳоро монду сабади холиро гирифта рафт.

Шодӣ бо завқ хандид.



Мададгорони бобо киҳо будаанд? Шодӣ чӣ тавр ба бобо ёрӣ расонд? Хирс ба бобо чӣ мадад расонд? Оё хирс дар асл мехост ба бобо ёрӣ расонад?

Рафтори бобо, Шодӣ ва хирсро муҳокима кунед.

Шакли ҷамъи калимаҳоро нависед.
**Намуна:** набера – набера**ҳо**
чормағз – чормағз**ҳо**

набера, чормағз, сабад, дарахт, бутта, модар, падар

**Калимаҳо:** бисёр, ӯро, ҳикоя, ҷамъоварӣ, дарё, бутта, номуайян, ёрӣ, тӯб, пагоҳӣ, баъд.

Шакли танҳо ва ҷамъи даҳ калимаро нависед.
**Намуна**: гул – гулҳо

# ДАРСҲОИ 11-12



Шумо масали «қатра-қатра ҷамъ шавад, дарё банд шавад»-ро чӣ хел мефаҳмед?



## Чашмаяки хушбахт
### (Афсона)

Рӯзе як чашмаяки кӯҳӣ аз зери харсанги бузурге баромад. Ба оҳанги дилнишин шилдирросзанон ба поён ҷорӣ шуд.

Қад-қади роҳ чашмаяк ҷорӣ мешуду сабзаҳо сар мекашиданд, гулҳо мешукуфтанд. Вале чашмаяк ниҳоят хурд буд, бинобар ин, вай наметавонист, ки тамоми оламро сабзу хуррам созад.

– Чашмачаи кӯҳӣ! Ба куҷо шитоб дорӣ? – пурсид аз вай чашмаяки даштӣ, ки аз пешаш баромада буд.

– Мехоҳам дашту биёбонро сабзу хуррам гардонам. Аммо ман ниҳоят хурдам, қудратам намерасад, – оҳ кашид чашмаяки кӯҳӣ.

– Чӣ орзуи наҷиб! Биё, ба ту ёрӣ диҳам, шояд якҷоя коре карда тавонем ...

Ду чашмаяк якҷо шуда шилдир-шилдир, бо оҳанги гуворо ба поён шитофтанд.

Оби онҳо зиёд шуда, ба рӯди шӯхе табдил ёфт. Аз оби рӯд як қисм дашту саҳро шодоб шуд.

Лекин рӯд ҳам натавонист тамоми оламро сероб гардонаду орзуи чашмаяки кӯҳӣ амалӣ шавад.

– Ҳой, ба куҷо шитоб доред? – ногоҳ чашмаяки водӣ рӯ ба рӯяшон пайдо шуд.

– Мехоҳем оламро сарсабзу хуррам карда, ба боғу чаман табдил диҳем!

– Ин нияти бисёр хуб! – гуфтанд чашмаякони ба рӯд табдилёфта. Маро ҳам бо худ намегиред?

Раҳ ба раҳ рӯду чашмаякони дигар ба онҳо ҳамроҳ шуданд.

Оби онҳо ба дарёи калоне табдил ёфт. Аз оби дарё дашту саҳроҳои ташналаб шодобу сарсабз ва хуррам шуданд.

*Наргиси Муродалӣ*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.

Чашма аз куҷо баромад? Чаро вақте ки чашмаяк ҷорӣ мешуд, сабзаҳо сар мекашиданд ва гулҳо мешукуфтанд? Чашмаяк чӣ орзу дошт? Дар роҳ бо киҳо вохӯрд? Дар натиҷа чӣ шуд? Оё чашмаяк ба орзуяш расид?

Афсонаро бонавбат ба ҳамдигар нақл кунед.

Матнро ба якчанд қисм ҷудо кунед.
Қисми 1. Чашмаяк аз зери харсанг баромада ҷорӣ шуд.
Қисми 2 ...

**Имлои дунафарӣ.**
**Калимаҳо:** чашмаяк, кӯҳӣ, ҷорӣ, ниҳоят, вай, дорӣ, якҷоя, рӯд, ёфт, шӯх, пайдо, водӣ, бисёр, дарё, хуррам, аммо.

Дар асоси расм ҳикояи иборат аз чор ҷумла нависед. Аз калимаҳои зерин истифода баред.
**Калимаҳо:** чӯҷаи гунҷишк, аз лона афтодан, гурба, қариб, писарбача, пеш кардан, чӯҷаро ба лона баргардондан, гунҷишк, хурсанд шудан, ташаккур гуфтан.



## ДАРСҲОИ 13-14



Ҳикояи дар хона навиштаатонро ба ҳамсинфатон хонед.



Шеърро хонед. Байтҳоро ба расмҳо мувофиқ гузоред.

### МАНЗАРА





Дар байни сабзазорон
Се дона лола рӯйид.
Бузғола тозон омад,
Онҳоро диду бӯйид.





Маймуне бачаашро
Карда ба пушташ савор.
Пар мехоҳад кушодан,
Чӯҷаи мурғи чипор.





Хирсаке аз панҷара
Каллаи худ берун кард,
Аммо надонад, чӣ сон
Онро бояд дарун кард.

Харгӯшак инро дида,
Ханда занад қоҳ-қоҳ,
Ғелида рӯйи сабза
Кулчача меравад роҳ.



Хоҳад давидан оҳу,
Вой, варо пой нест.
Пойи варо чун кашам?
Дар варақам ҷой нест.

*Маҳбуба Неъматзода*



1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.

Бузғола бо лолаҳо чӣ кор кард? Барои чӣ чӯҷаи мурғи чипор пар кушодан мехост? Чаро хирсак сарашро аз панҷара берун кард? Ин манзараро чӣ ном мегузоред? Чаро?

Ба расм тавaҷҷуҳ кунед. Кӯдакон ба кадом корҳо машғуланд. Бо якдигар суҳбат кунед.



Дар асоси расм ду ё се ҷумла нависед. Аз калимаҳои зерин истифода баред: тӯббозӣ, арғунчаксаворӣ, даводав, лӯхтакбозӣ, дучархасаворӣ.

**Намуна**: Рустам ва Замира тӯббозӣ мекунанд.

Вақте ки ба хона меравед, бубинед, ки аҳли оилаатон ба кадом корҳо машғуланд. Дар ин бора ду ё се ҷумла нависед. Ҷадвали зерин ба шумо ёрӣ мерасонад.

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Хоҳарам<br>Бобоям<br>Бибиям<br>Додарам<br>Амакам<br>Аммаам | дар хона<br>дар боғ<br>дар ҳавлӣ<br>дар болои бом<br>дар полез<br>дар айвон<br>дар ошхона | сабзӣ пӯст мекунад.<br>себ мечинад.<br>дарс тайёр мекунад.<br>китоб мехонад.<br>телевизор тамошо мекунад.<br>дегу табақ мешӯяд.<br>гул об медиҳад.<br>ба хоҳарам афсона мегӯяд. |

# ДАРСҲОИ 15-16

Шумо себро дӯст медоред? Чаро? Шумо дар бораи заррофа чӣ медонед?

## Заррофачаи себдӯст

Буд, набуд, як Заррофача буд. Ӯ эркаи модар буду себро хеле дӯст медошт. Ҳатто дар хобаш себро медид.
Як рӯз Заррофача бо модараш ба сайри боғ рафтанд. Заррофача дарахти себро дида, шод шуд.

– Модарҷон! Ба ман ҳам як себ канда диҳед! – хоҳиш кард Заррофача.



Модар як себ канда, ба Заррофача ҳаво дод. Заррофача чашмонашро пӯшида, даҳонашро калон кушод. Себ хато хӯрда, ба даҳони Заррофача нарасид. Он замон хорпуште дар ҷустуҷӯйи хӯрок мегашт. Себ ба пушти хорпушт афтид. Хорпушт шодон ба сӯйи хонааш шитофт.

– Себам куҷо шуд? – пурсид Заррофача.

– Намедонам? – гуфт модар.

Заррофачаю модараш ба ҷустуҷӯйи себ афтоданд. Ҳайҳот! Себ ҳеҷ ҷо набуд. Заррофамодар боз як себ аз дарахт канда, ба Заррофача ҳаво дод. Хорпушти мазахӯрак боз чолокона себро дошту ба сӯйи хонааш давид... Модар ӯро дид. Заррофача аз алам гирист.

– Себи туро хорпушт бурд, – гуфт модар ба Заррофача. – Гиря накун. Шояд хорпушт сербача асту бачаҳояш гурусна. Ана бин, хорпушт меояд!

Хорпушт дар пушт тарбузи калон хандон сӯйи онҳо меомад.

– Хуш омадӣ! – гуфт модар.
– Оҳ, тарбуз! Бомаза будагист? – гуфт Заррофача.
– Марҳамат, гиред! Барои шумо овардам, - гуфт Хорпушт.
Ҳар се хушҳолона тарбузро шикамсерӣ хӯрданд. Аз ҳамон рӯз Заррофача дӯсти нав пайдо кард. Акнун ӯ тарбузро ҳам дӯст медошт.

*Сафияи Носир*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар бурро хонед.

Заррофача бо кӣ зиндагӣ мекард? Ӯ чиро дӯст медошт? Дар боғ Заррофача аз модараш чӣ хоҳиш кард? Чаро себҳои кандаи модар гум шуданд? Хорпушт себҳоро барои кӣ мебурд? Хорпушт бар ивази себ чӣ овард?

Калимаҳои зеринро хонед ва бигӯед, ки чиро мушоҳида кардед? Ду ҳамсадои пайиҳамро чӣ тавр бояд талаффуз кард? Талаффузи калимаҳоро машқ кунед.

заррофа, қулла, миллат, мудаввар, таваллуд, тилло, бутта, қуттӣ, муаллим, аммо, зарра, алла, теппа, фаввора, диққат, аввал, барра

Кӣ зудтар! Аз калимаҳои боло чортоашро интихоб карда, дар дохили ҷадвал нависед. Калимаҳоеро, ки омӯзгор мехонад, хат кашед. Касе аввалин шуда, ҳамаи калимаҳоро хат мекашад, ғолиби бозӣ мегардад.

Кӣ чӣ кор кард? Дар асоси ҷадвал чор ҷумла нависед.

| Кӣ? | Чӣ кор кард? |
|---|---|
| Заррофамодар<br>Заррофача<br>Хорпушт | дар хобаш себро дид.<br>себ канд.<br>себро доштан мехост.<br>дар ҷустуҷӯйи хӯрок мегашт.<br>себро ҷустуҷӯ мекард.<br>себро ба хона бурд.<br>тарбуз овард. |

# ДАРСҲОИ 17-18



Оё шумо медонед, иҷрои кадом корҳо ба шумо мумкин аст ва иҷрои кадом корҳо барои шумо мумкин нест?



Шумо ин асбобу маводро медонед? Онҳо ягон хатар доранд?































дарзмол, корд, болға, мех, гӯгирд, хока ва моеи либосшӯйӣ, марги муш, доруҳо, баллони газ, панҷараи тез, қайчӣ, зинапояи шикаста, сӯзан, симчӯб, васлак (розетка)





Калимаҳоро бо ашё мувофиқ гузоред.



Оё шумо ягон маротиба дар хона танҳо мондаед? Падар ва модаратон ба шумо чиро таъкид карда буданд? Ба ҳамгурӯҳонатон нақл кунед.



Дар расмҳои зерин кӯдакони дар хона танҳомонда тасвир шудаанд. Бубинед, ки онҳо чӣ кор карда истодаанд. Онҳоро огоҳ намоед. Намуна: Ба деги тафсон даст нарасон.















Тасаввур кунед, ки шумо ва хоҳарчаву додаратон дар хона танҳо мондед. Шумо бояд ба дарс равед. Хоҳару бародаратонро таъкид кунед. Якчанд ҷумла нависед. Намуна: Бо гӯгирд бозӣ накун.



Дар хона бо падару модаратон тавсиянома нависед. Онро бо расмҳо оро диҳед. Намуна:
Агар дар хона танҳо мондед:
1. Асбоби барқиро даст нарасонед.
2. Бо гӯгирд бозӣ накунед ...

## ДАРСҲОИ 19-20

### ХОНИШИ БАДЕӢ



Матнро ба чор қисм тақсим кунед. Бонавбат ҳар як қисми онро ба ҳамгурӯҳонатон буррову равон хонед.



### КАЙҲОННАВАРДИ ХУРДАКАК



Он шаб Амин хеле хастаҳол буд. Ӯ ба ҷойгаҳаш рафт ва ба зудӣ хобаш бурд. Амин дар хоб табассум мекард. Ӯ хоб медид, ки кайҳоннавард шудааст; як кайҳоннаварди хурд – бо либоси сабз ва як кулоҳи сафед.

Ӯ дар осмон парвоз мекард. Наздики абрҳо, наздики парандаҳо. Кайҳоннаварди хурдакак мехост тамоми дунёро бигардад. Ӯ аз болои кӯҳҳо, ҷангалҳо, дарёҳо ва шаҳрҳо парвоз кард. Парвоз дар осмон хеле зебо буд.





Кайҳоннаварди хурдакак ба болои абрҳо рафт. Ӯ ба кураи Замин нигоҳ кард. Кураи Замин хеле хурд буд, мисли тӯби кабудранг. Сипас кайҳоннаварди хурдакаки мо ба сӯйи кураи Моҳ рафт. Кураи Моҳ мисли Замин гирд буд. Кураи Моҳ аз Замин хеле хурдтар буд, мисли тӯби сафеди бисёр хурд.





Доир ба ин қисми матн саволу ҷавоб кунед.

Кайҳоннаварди ҷасур ба сӯйи Офтоб сафар кард. Офтоб хеле гарм буд. Нури он хеле зиёд буд. Офтоб аз кураи Замин хеле бузургтар буд. Мисли як тӯби зарди калон.

Кайҳоннаварди хурдакак ба сӯйи ситораҳо парвоз кард. Ситораҳо мисли Офтоб нуронӣ буданд. Онҳо хеле зиёд буданд. Ситораҳо аз кураи Замин хеле дур буданд.



Кайҳоннаварди хурдакак мехост ба охири осмон бирасад. Ӯ рӯзҳову шабҳо парвоз кард. Ӯ аз кураи Замин хеле дур шуда буд, вале кайҳоннаварди хурдакак натавонист ба охири осмон бирасад. Модари Амин ба хона даромад. Ӯ Аминро бедор кард. Амин ба осмони обӣ нигоҳе кард. Ӯ ба худаш гуфт: “Ба ростӣ, осмон чӣ қадар бузург аст!”

*Дориюши Содиқӣ ва Фотимаи Надофӣ*



Матнро бори дигар хонед ва қисмҳои тахайюлӣ ва ҳақиқии онро муайян кунед.



Дар хона як ҳикояро аз китоби бадеӣ хонед. Дарси оянда дар бораи он ба ҳамсинфонатон нақл кунед.

## ДАРСҲОИ 21-22

Падару модарамон аз кадом корҳои мо хурсанд мешаванд?

### БАЧАИ ГАПГИР

Дорам писар ҳамчун гуле,
Ширинсухан чун булбуле,
Гапгираку гапгӯшдор,
Ҳушёру шӯху беқарор.
Гӯям агар:
– Ҷони падар,
Бархез мисли ман саҳар,
Машқи бадан бо ҳам кунем,
То хешро бардам кунем.
Ҳар чӣ ки хоҳиш мекунам,
Ё ки супориш мекунам,
Дасташ гирифта пеши бар,
Мегӯяд ӯ:
– Майлаш, падар!



1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.

Хислатҳои хуби писарбачаро аз шеър нависед.
**Намуна:** ширинсухан ...

Дар асоси ҷадвал дар бораи хислатҳои хуби аҳли оилаатон гӯед.

| | |
|---|---|
| Модарам<br>Падарам<br>Хоҳарам<br>Додарам | ширинсухан, шӯх, гапгӯшдор, гапгирак, ҳушёр, меҳрубон, ботамкин, ростгӯй, ҳалим |

Шеъри зеринро хонед ва мазмуни онро бо шеъри "Бачаи гапгир" муқоиса кунед.

## ДУХТАРИ ХОНА



Модар гуфто:
 – Шукрона!
Духтаракам калон шуд,
Дар рӯбу чини хона
Бар ман ёрирасон шуд.
Хонаҳоро мерӯбад,
Дегу табақ мешӯяд,
Ба меҳмонон бо таъзим
“Хуш омадед” мегӯяд.
Пойафзоли меҳмонро
Мегирад аз пеши дар,
Он гаҳ худаш мекунад
Тоза бо латаи тар.

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.

**Имлои дунафарӣ.**
гапгӯшдор, ҳушёр, шӯх, гӯям, майлаш, таъзим, мерӯбад, мешӯяд, пойафзол

Дар хона чӣ кор мекунед, нависед. Аз ҷадвал истифода баред.

| | |
|---|---|
| Ман | дарс тайёр мекунам, хона мерӯбам, ба падарам ёрӣ мерасонам, китоб мехонам, бо бародару хоҳаронам бозӣ мекунам. |

## ДАРСҲОИ 23-24

Шумо дар як рӯз чанд соат телевизор тамошо мекунед? Шумо дар як рӯз чанд соат дарс тайёр мекунед?

Матн дар бораи кӣ аст? Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод? Чаро матн «Муаммо» номида шудааст?

### МУАММО
### (Қисми аввал)

Ҳамсинфамон Нодир яку якбора тағйир ёфт. Қариб як моҳ боз баҳои «2» намегирифт. Аз дарсҳо дер намемонд. Сарулибосаш тозаву озода буд. Мӯйҳояш шона кардагӣ. Ҳама дар ҳайрат мондем. Сабаби якбора тағйир ёфтанаш дар чӣ бошад? Охир, ба ӯ на гапи падару модараш таъсир мекарду на гапи мо.

Борҳо дар маҷлиси синф танқид кардем, ба воситаи радиои мактаб дар бораাш ҳаҷвия шунавондем. Аммо ҳамааш бефоида буд…

Мо чанд нафар ҷамъ шуда, сабаби ислоҳ шудани Нодирро донистан хостем. Нодир ба саволи мо табассумкунон «намедонам» гуфт. Баҳс сар шуд. Яке гуфт, ки сабаби пешқадам шудани Нодир ӯро ба роҳбарӣ гирифтани Олим мебошад. Дигаре радкунон гуфт, ки агар ба роҳбарӣ гирифтани Олим фоида мекард, Нодир панҷ моҳ пеш аълочӣ мешуд. Баҳси мо хеле давом кард, аммо ба хулосае наомадем.





1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дар гурӯҳҳо бонавбат бо овози баланд хонед.
3. Ба фикри шумо Нодир чаро тағйир ёфт? Шумо чӣ хулоса баровардед?



Мазмуни матнро якҷоя муҳокима кунед. Дар асоси матн панҷ савол тартиб диҳед. Саволҳоро ба гурӯҳи дигар барои ҷавоб додан пешкаш кунед.
Намунаи саволҳо: Чаро Нодир яку якбора тағйир ёфт?

Матнро бори дигар хонед. Гӯед, ки Нодир кадом хислатҳоро дорад ва кадом хислатҳоро надорад? **Намуна:** Нодир боинтизом аст. Ӯ писари гарданшах нест.

| | |
|---|---|
| Нодир | боинтизом<br>аълохон<br>гарданшах<br>якрав<br>дурӯғгӯй<br>ростгӯй |



Дар асоси ҷадвали боло ду ҷумлаи алоқаманд нависед.
**Намуна:** Нодир писари ростгӯй аст. Ӯ дурӯғгӯй нест.



Дар бораи бародар ё хоҳаратон якчанд ҷумла нависед. Аз калимаҳои зерин истифода баред.

боинтизом - беинтизом
гапдаро - якрав
чолок - танбал
гирёнчак - хандонрӯй

## ДАРСҲОИ 25-26



Қисми аввали ҳикояро ба хотир оред. Нодир чӣ гуна писар буд? Ба фикри шумо чаро ӯ ба мактаб нарафта буд?

Қисми дуюми ҳикояро хонед. Гӯед, ки оё Нодир дар ҳақиқат тағйир ёфт ё не? Чаро?



### МУАММО
**(Қисми дуюм)**

Бегоҳирӯзӣ маҷбур шудам, ки назди модари Нодир Сайрамхола равам. Аз он кас сирри пешравии Нодирро фаҳмам. Сайрамхола маро бо меҳрубонӣ пешвоз гирифт. Мақсадамро баён кардам.

Намедонам. Шояд насиҳатҳои падараш таъсир карда бошад? – гуфт ӯ. Ман китф дар ҳам кашидам. Мумкин ҳамин тавр бошад. Чӣ кор кунам? Ба назди падарони бачагони духон рафта гӯям, ки аз падари Нодир ибрат гиранд? Не, ин гапи намешудагӣ. Нохост ба ёдам расид, ки дар телевизор озмун сар шудааст.

– Холаҷон, Нодир куҷост? Мумкин, вай телевизор тамошо мекунад.

– Телевизорамон як моҳ боз вайрон. Нодир дар дарун дарс тайёр карда нишастааст, – гуфт Сайрамхола.

Ман аз хурсандӣ намедонистам чӣ кор кунам. Охир, муаммои сарбаста ҳам ҳал шуд. Телевизор як моҳ боз вайрон, як моҳ боз Нодир ҳам баҳои «2» намегирад.

*Маҳбуба Неъматзода*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро дар гурӯҳҳо бонавбат бо овози баланд хонед.



Сабаби асосии тағйир ёфтани Нодир чӣ будааст?

Яке аз сабабҳои тағйир ёфтани Нодирро интихоб кунед. Интихобатонро шарҳ диҳед.

а. Гапи падару модараш таъсир кард.
б. Телевизорашон вайрон шуда буд.
г. Ба воситаи радиои мактаб дар борааш ҳаҷвия шунавонданд.

Бозии "Курсии сеҳрнок". Як хонанда дар нақши яке аз симоҳои матн бозӣ карда, ба саволҳои ҳамсинфон ҷавоб мегардонад. Хонандагон бонавбат дар нақшҳои гуногун ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.
**Намуна:** Нодир, ту чаро аввал баҳои 2 зиёд мегирифтӣ?

Имлои дунафарӣ.
якбора, тағйир, мӯй, ҳайрат, рӯзнома, табассумкунон, таъсир, роҳбарӣ, аълочӣ, бегоҳирӯзӣ, меҳрубонӣ, баён, тайёр, муаммо

Як ҳодисаи ба дарс наомаданатонро бо ду ҷумла нависед.
**Намуна:** Як рӯз дандонам дард кард. Ман ба дарс омада натавонистам.

## ХУДРО КУНОНӢ ОДАТ

Ҳар рӯз бо қироат
Худро кунонӣ одат,
Осон ба калла ояд
Дониш зи ҳар китобат.

Дониш – калиди тилло,
То мушкилат кушояд.
Дар чорсӯйи дунё
Роҳи ҳақат намояд.

*Наримон Бақозода*



# ДАРСҲОИ 27-28



Мактаб чӣ гуна ҷой аст? Шумо мактабро дӯст медоред? Чаро?



## ДАР ВАСФИ МАКТАБ

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи мактаб.

Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.

Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,
Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад…

Бархезу гузор хоби худро,
Баргир ба каф китоби худро.

Рав аз ҳама пештар ба мактаб,
Шавқ аст туро агар ба мактаб.

Саъйе бинамову илму одоб,
Беҳтар зи шарики хеш дарёб.

То дар ду ҷаҳон азиз бошӣ,
Бодонишу ботамиз бошӣ!

*Садриддин Айнӣ*

**мақом** - мартаба,
**ҷоҳ** - шуҳрат
**шаҳд** - асал, ширинӣ
**саъй** - кӯшиш



1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Шеър аз чанд сатр ва чанд байт иборат аст?



Тарзи таҳлили шеърро бодиққат гӯш кунед. Сипас дар гурӯҳ як ё ду мисраъро таҳлил кунед.

**Намуна:** Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи мактаб.

Таҳлил: Шахсе, ки мактабхон мешавад, бояд баланд будани мақоми онро фаҳмад.



Дар бораи мактабатон нақл кунед. Барои омода кардани нақл ба ин саволҳо ҷавоб гардонда метавонед.

Мактаби шумо дар кучо ҷойгир аст? Мактаби шумо калон аст ё хурд? Синфи шумо дар куҷои мактаб аст? Синфи шумо чӣ гуна аст? Шумо дар мактаб чӣ кор мекунед? Шумо мактабатонро дӯст медоред? Чаро?



Дар бораи ҷадвали дарсҳоятон саволу ҷавоб кунед. Нигаред ба намуна.

А: Рӯзи душанбе соати якум чӣ дарс дорем?
Б: Дарси забони модарӣ. Рӯзи душанбе соати дуюм чӣ дарс дорем?



Дар бораи ҷадвали дарсии якрӯза нависед. Намуна: Рӯзи душанбе панҷ дарс дорем. Дарси якум забони модарӣ, дарси дуюм суруд ва мусиқӣ, дарси сеюм математика, дарси чорум забони русӣ, дарси панҷум тарбияи ҷисмонӣ мебошад.



Рӯзномаатонро аз назар гузаронед. Дарсҳои кадом рӯзи ҳафта ба шумо писанд аст. Дар бораи ин рӯз ба монанди намуна нависед.

**Намуна:** Номи ман Фирӯзи Баҳром аст. Ман дар синфи дуюм мехонам. Барои ман дарсҳои рӯзи сешанбе маъқуланд. Рӯзи сешанбе мо чор дарс дорем. Дарси якум санъат ва меҳнат, дарси дуюм суруд ва мусиқӣ, дарси сеюм табиатшиносӣ ва дарси чорум тарбияи ҷисмонӣ аст.

# ДАРСҲОИ 29-30

## ШУҒЛИ ДӮСТДОШТА



Расмҳоро бо амалҳо мувофиқ гузоред. Масалан: 1.д







а. расм кашидан
б. навохтан
в. ниҳол шинондан
г. суруд хондан
ғ. давидан
д. навиштан
е. футбол бозӣ кардан
ё. китоб хондан
ж. ҳал кардани масъалаҳо
з. омӯхтани Замин



Дар дарсҳо шумо ба кадом корҳо машғул мешавед? Нақл кунед.
**Намуна:** Дар дарсҳои забони модарӣ мо китоб мехонем.



Дар дарсҳо шумо ба кадом корҳо машғул мешавед? Барои ҳар як дарс як ҷумла нависед. Аз намуна истифода баред.
**Намуна:** Дар дарси математика мо масъала ҳал мекунем.



Шумо кадом дарсҳоро дӯст медоред? Чаро? Ду ё се ҷумла нависед. Нигаред ба намуна.
**Намуна:** Ман дарси санъат ва меҳнатро дӯст медорам. Барои он ки дар ин дарс мо расм мекашем.

## ДАРСҲОИ 31-32

Речаи рӯзи шумо чӣ гуна аст? Соати чанд аз хоб мехезед? Кай ба мактаб меравед? Кай дарс тайёр мекунед?

Замира ба дугонааш Мария, ки дар Русия зиндагӣ мекунад, дар бораи речаи рӯзаш навиштааст. Онро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.

### РЕҶАИ РӮЗИ МАН

Салом, дугонаи азизам, Мария.

Як сол шуд, ки ба Ватанам баргаштам. Ватанам – Тоҷикистон хеле зебо аст. Ман дар ин ҷо дугонаҳои нав пайдо кардам. Мактаби мо калон аст. Муаллимони мо хеле меҳрубонанд.

Дар мактаби нав ман дар басти якум мехонам. Саҳар соати 7 аз хоб мехезам. Дасту рӯямро шуста, ноништа мекунам. Либосҳоямро пӯшида, ҷузвдонамро гирифта ба мактаб меравам. Дарсҳои мо соати ҳашти саҳар сар мешаванд. Мо дар як рӯз панҷ дарс мехонем. Дарсҳои мо соати 12:35 тамом мешаванд. Ман ба хона баргашта, либосҳоямро иваз мекунам. Хӯроки нисфирӯзӣ хӯрда, бо дугонаҳои навам каме бозӣ мекунам. Сипас ба модарам дар корҳои хона ёрӣ мерасонам. Бегоҳ дарсҳоямро бо бародарам тайёр мекунам. Бегоҳ камтар телевизор тамошо мекунам. Пеш аз хоб китоб мехонам. Баъзан модару падарам ба ман китоб мехонанд. Ту ҳам ба ман дар бораи речаи рӯзат навис!



Бо эҳтиром, Замира.

Замира соати чанд аз хоб мехезад? Баъди аз хоб хестан чӣ кор мекунад? Дарсҳо соати чанд сар мешаванд? Дарсҳо соати чанд тамом мешаванд? Пас аз нисфирӯзӣ Замира чӣ кор мекунад? Бегоҳ - чӣ?

Мария ҳоло бо забони тоҷикӣ навишта наметавонад ва ба Замира расми реҷаи рӯзашро равон кардааст. Шумо ба ҷойи Мария ба Замира реҷаи рӯзашро нақл кунед.



Дар асоси ҷадвал ба ҳамдигар дар бораи реҷаи рӯзатон суҳбат кунед. **Намуна:** Ман соати 7 аз хоб мехезам.

| | |
|---|---|
| Ман соати ... | аз хоб хестан, дасту рӯй шустан, ноништа кардан, либос пӯшидан, мактаб рафтан, дарс хондан, ба хона баргаштан, хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдан, бозӣ кардан, ба модар/падар ёрӣ расондан, дарс тайёр кардан, хӯроки шом хӯрдан, китоб хондан, хоб рафтан |

Саҳар чӣ кор мекунед, ду ҷумла нависед. Аз ҷадвал истифода баред. **Намуна:** Саҳар ман аз хоб мехезам.

Бегоҳ чӣ кор мекунед, се ҷумла нависед. Аз ҷадвал истифода баред. **Намуна:** Бегоҳ ман китоб мехонам.

## ДАРСҲОИ 33-34

# КОРИ ЛОИҲАВӢ



Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо шавед. Якҷоя рӯйхати дарсҳоеро, ки шумо дӯст медоред, бинависед. Сипас муҳокима карда, ҷадвали дарсҳоро тартиб диҳед. Ин ҷадвали дарсии дӯстдоштаи шумо мешавад. Шумо кадом дарсеро, ки мехоҳед, нависед.

*Душанбе*

| № | Номи дарс |
|---|---|
| 1 | Тарбияи ҷисмонӣ |
| 2 | Тарбияи ҷисмонӣ |
| 3 | Тарбияи ҷисмонӣ |
| 4 | Тарбияи ҷисмонӣ |
| 5 | Тарбияи ҷисмонӣ |
| 6 | |

*Сешанбе*

| № | Номи дарс |
|---|---|
| 1 | |
| 2 | |
| 3 | |
| 4 | |
| 5 | |
| 6 | |

1. Ҷадвали дарсии таҳиякардаатонро дар вараќи алоҳида нависед.
2. Ҷадвалро ба аҳли синф муаррифӣ кунед. Ҷадвалро шарҳ диҳед, яъне, кадом фанҳоро интихоб кардед? Ҷаро? Чӣ тавр дарсҳоро дар як ҳафта тақсим кардед.
3. Ба гурӯҳҳо савол диҳед. Намуна: Ҷаро дар як рӯз панҷ дарси тарбияи ҷисмонӣ мондед?

## ДАРСҲОИ 35-36

Дар расм чиҳоро мебинед? Дар бораи мурғ чӣ медонед, нақл кунед.



### КАРАШМА ВА КАЛТА
### (Қисми аввал)

Дар ҳавлии деҳқоне як села мурғон зиндагӣ мекарданд. Онҳо хеле серғавғою серҳаракат буданд. Хурсандию ташвишҳои худро бо ҳамин ғавғояшон ифода мекарданд... қо-қо, қу-қу, қутқудус...

Миёни села мурғе буд зебо, ҳушёр ва ором. Вай бо ҳамин хислатҳояш аз дигар парандагон фарқ мекард. Ӯ аз бартариҳои худ, зебоию ҳушёриаш фахр намекард, чунки хоксор буд. Лақаби ин мурғ ба худаш мувофиқ – Карашма буд. Ин лақабро ба вай барои зебоияш гузошта буданд.

Вақтҳои охир Карашма аз ғавғою доду фарёди мурғони дигар асабӣ мешуд, сараш дард мекард. Оқибат тоқати Карашма тоқ шуд. Вай ноаён ба ҳавлии ҳамсоя гузашт, то ки каме истироҳат кунад. Ҳамин ки Карашма ба ҳавлии ҳамсоя даромад, як саги алои зеборо дид ва ба вай салом дод.

Саволҳоро ба сарҳатҳои матн мувофиқ гузоред. Гӯед, ки барои иҷрои ин вазифа чӣ ба шумо ёрӣ расонд?
1. Чаро Карашма ба хонаи ҳамсоя рафт?
2. Мурғон чӣ тавр хурсандию ташвишҳои худро ифода мекарданд?
3. Карашма чӣ гуна мурғ буд?

Барои ҳар як сарҳати ҳикоя як ном интихоб намоед.
Номҳо:
1. Дод аз дасти мурғон.
2. Мурғи зебо.
3. Косаи сабр лабрез шуд.
4. Номи мувофиқ.
5. Хурсандиву ташвишҳо

Калимаҳои мувофиқро интихоб карда, дар бораи Карашма нависед.
**Намуна:** Карашма мурғи зебо буд.



серғавғо, серҳаракат, зебо, ҳушёр, ором, доно, хоксор, ало, қадбаланд, фарбеҳ, хароб, чолок, меҳрубон, сурх, сафед, эҳтиёткор, эрка

Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: зиндагӣ, ғавғояшон, фарёд, асабӣ, ноаён, ҳамсоя

Дар бораи хусусиятҳои ҳайвони хонагиатон нависед. Агар надошта бошед, аз хаёлатон нависед.

| **Номи ҳайвон** | **Хусусиятҳои он** |
|---|---|
| Намуна: Мошон, Полвон | серғавғо, серҳаракат, зебо, оқил, ором, доно, хоксор, ало, қадбаланд, фарбеҳ, хароб, чолок, меҳрубон, сурх, сафед, эҳтиёткор, эрка, тездав, ҳушёр |

## ДАРСҲОИ 37-38

Қисми якуми ҳикояро ба хотир оред. Карашма ба кучо рафт? Чаро рафт? Ӯ бо кӣ вохӯрд?

## КАРАШМА ВА КАЛТА

### (Қисми дуюм)



– Ассалому алайкум, саги доною зирак. Номи ман Карашма аст, аз ҳавлии ҳамсоя омадам.

– Ваалайкум ассалом, ман туро медонам, ту Карашма ҳастӣ. Биё ба хонаи ман, натарс, хуш омадӣ. Ман ба ту чӣ хизмат карда метавонам, бигӯй? Ман мурғонро озор намедиҳам, хусусан туро, ки баодоб ва оқил ҳастӣ. Ҳа, номи ман Калта аст.

– Калтаи ҳушёру далер, оё ягон ҷойи хилват дар ҳавлии шумо ҳаст? Ман мехоҳам дар он ҷо тухм гузорам, чӯҷа барорам.

– Албатта ҳаст, биё, рафтем, дар кунҷи торики оғил як аробачаи куҳна чанд сол боз бекор хобидааст…

Карашмаю Калта ҳамроҳ ба кунҷи оғил рафтанд. Дар ҳақиқат, он ҷо аробачае буд. Онро зуд Калта ба дандонаш газида, чаппаю ростакунон аз чизҳои зиёдатӣ холӣ кард. Даруни он каме алафи покиза андохта, ҷойи хоби Карашмаро омода сохт.

Карашма аз ин ғамхориҳои Калта хеле миннатдор шуда, ҳатто дар чашмонаш ашки шодӣ пайдо гардид.

1. Тарзи бурров равон хондани матнро машқ кунед.
2. Матнро бонавбат ба ҳамдигар хонед.

Чаро Карашма ҷойи хилват мекофт? Оё дар ҳавлии деҳқон ҷойи хилват набуд? Барои чӣ ба Карашма ҷойи хоб лозим буд? Лаҳзаи гуфтугӯйи Карашма ва Калтаро нависанда чӣ гуна тасвир кардааст? Кадом калимаҳоро истифода бурдааст?

Масали зеринро шарҳ диҳед: "Сухани нек морро аз хонааш баровардааст".

Аз матн суханони хубро ҷудо карда нависед.
**Намуна:** Ассалому алайкум, ...

Ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ интихоб карда нависед.
Калимаҳо: мебахшӣ, илтимос, бубахшед, ассалому алайкум, ваалайкум ассалом.

1. ________________ қалами сабзатро ба ман деҳ.
2. ________________ амаки Рустам. Саломатиатон хуб аст.
3. ________________ писарам Карим. Хубам. Шумо чӣ хел?
4. ________________ ман ба дарс дер омадам.
5. ________________ дугона, ман дафтаратро дар хона фаромӯш кардам.



## ДАРСҲОИ 39-40

Қисмҳои якум ва дуюми ҳикояро ба хотир оред. Калта ба Карашма чӣ хизмат кард?

Ба фикри шумо дар қисми хотимавии ҳикоя чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

# КАРАШМА ВА КАЛТА
### (Қисми сеюм)

Карашма дар кунҷаки оғил пинҳонӣ зиндагӣ мекард. Калта ҳар рӯз аз аҳволи Карашма хабар мегирифт, ба вай баъзе чизҳои хӯрданӣ меовард. Рӯзе ногоҳ назараш ба даруни аробача афтод. Дид, ки дар он ҷо Карашма тухм кардааст...

Карашма бист шабонарӯз болои тухмҳо хобида онҳоро гарм кард. Рӯзи бисту якум, вақте ки Калта ба аёдати Карашма омад, Карашма ӯро ишорати нишастан кард. Чашмони Карашма аз хурсандӣ медурахшиданд.

Дар зери болҳои гармаш ӯ ҷунбишеро ҳис кард. Аввал чӯҷаяки якум оҳиста болҳои модарашро тела дода сар баровард, баъди лаҳзае чӯҷаи дуюм, сеюм, чорум…ва зери болҳои Карашма як хушҳолию ҳаракати форам сар шуд. Ҳамаи бист чӯҷа аз тухм баромада буданд…



Карашма ба Калта миннатдории беандоза изҳор карда, аз вай маслиҳат ва ёрӣ хост, ки чӣ тавр чӯҷаҳоро ба ҳавлии худашон, пеши ёру дӯстонаш, ки шояд ёд кардаанд, барад...



Калта зуд аробачаро бо дандонаш газида, мисли аввала чаппаю роста кард, алафҳои кухнаю пӯчоқи тухмҳоро ба замин рехт. Онҳо ба даруни аробача ҳамроҳи Карашма каме алафи тоза партофтанду чӯҷаҳоро боз ба аробача савор карданд. Карашма ҳам дар аробача нишаста, чӯҷаҳояшро зери болҳояш гирифт.

Калта ба пеши аробача гузашта, онро бо дандонҳои боқуввату тезаш гирифта, ба сӯйи ҳавлии Карашма равон шуд...

Вақте ки онҳо ба ҳавлӣ даромаданд, селаи мурғон Карашмаю чӯҷаҳоро дида,хеле хурсанд шуданд. Ҳама аз дидани Карашма ва чӯҷаҳо шод буданд.

*Файзулло Шарифзода*



Чаро Карашма дар оғил пинҳонӣ зиндагӣ мекард? Кӣ аз аҳволи Карашма хабар мегирифт? Чаро Карашма ба Калта миннатдорӣ кард?



Ҳикояро бонавбат дар гурӯҳ нақл кунед.



Карашма ба 15 чӯҷааш ном гузошт. Шумо ба панҷ чӯҷаи боқимонда ном гузоред.



## ДАРСҲОИ 41-42

Ба расм нигоҳ кунед. Дар он чанд чӯҷа аст?

### ЧӮҶАҲО



Чӯҷабарак аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад.
Ҳама ҷоро мекобад,
Чизеро намеёбад!

Чӯҷаҳо ранги замин,
Чӯҷаҳо ранги обанд.
Зери буттаро бубин,
Чӯҷаҳо ҳама хобанд.



Аз себаргаву ҳулбӯ
Таки сар болин доранд.
Аз юнучқаву қоқу
Таки по қолин доранд.

Чӯҷаҳо бетартиб не,
Ғавғо намебардоранд.
Чӯҷаҳо бесоҳиб не,
Чӯҷаҳо соҳиб доранд.

Чӯҷабарак аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад.
То бегаҳӣ кобад ҳам,
Чизеро намеёбад!

*Убайд Раҷаб*

1. Тарзи ифоданок хондани шеърро машқ кунед.
2. Шеърро дунафарӣ ба ҳамдигар ифоданок хонед.
3. Шеър аз чанд сатр ва чанд байт иборат аст?

Чӯҷабарак чиро мекобад? Чаро ӯ чӯҷаҳоро намеёбад? Агар чӯҷаҳо бетартибӣ кунанд, чӣ мешавад?

Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: чӯҷа, чӯҷабарак, ҳулбӯ, юнучқа, ғавғо, бегоҳӣ.

Расмҳоро мушоҳида кунед. Гӯед, ки чӣ ба чӣ монанд аст?
**Намуна:** Шабпарак ба монанди гул аст.



Расмҳоро мушоҳида кунед ва ба монанди намуна ҷумла нависед.
**Намуна:** Шабпарак мисли гул аст.

Дар гурӯҳҳо кор карда, чистонҳоро ёбед.

Офтобакон кулӯла,
Хоб андаруни лӯла.

Мумиёи зарди ман,
Доруи сад дарди ман.

Ширину бомаза,
Бе алав мепазад.





Дар бораи он ки чӣ ба чӣ монанд аст, ду ҷумла нависед.

## НАВЪҲОИ МАТН ВА ХУСУСИЯТИ ОНҲО

### ДАРСҲОИ 43-44

### АФСОНАҲОИ ХАЛҚӢ



Кадом афсонаро дӯст медоред? Номи он афсона чист? Ба якдигар дар бораи афсонаи дӯстдоштаатон нақл кунед.



Ба расмҳои зерин нигаред. Гӯед, ки онҳо аз кадом афсонаҳоянд? Онҳо чӣ тавр оғоз мешаванд? Симоҳои онҳо киҳоянд?













Оё мо аз афсонаҳо ягон чизро меомӯзем? Чиро? Аз афсонаи "Бузаки ҷингилапо" чиро омӯхтан мумкин аст? Аз дигар афсонаҳо чӣ? Афсонаро кӣ эҷод мекунад?

Афсонаҳои тоҷикӣ ба тариқи зерин сар мешаванд «Буд, набуд, ...», «Дар замонҳои хеле қадим ...», «Дар яке аз мамлакатҳои дур ...». Ҳарфи аввали номи симоҳои афсона калон навишта мешаванд.

Афсонаро хонед ва ба хусусиятҳои матни афсона диққат диҳед. Чӣ тавр оғоз шудааст? Симои он кист?

## ҶУВОРИЯК

### (Қисми аввал)

Будааст-набудааст, як Ҷуворияк будааст. Вай дар даруни як халтача ҳамроҳи як гала ҷувориякони дигар баҳорро мунтазир менишастааст.

“Баҳор мешавад, маро ба замин мекоранд, месабзам, калон мешавам, барг мебарорам, дона мебандам, донаам шира мегирад, дунбул мешавад, шах мешавад, мепазад, олам пур мешавад”, – орзу мекардааст Ҷуворияк.

Аммо рӯзе ӯро ҳамроҳи шариконаш аз халта баровардангу бирён карданӣ шуда, ба деги тафсон андохта кофтан гирифтанд.

Дар деги тафсон ҷувориякҳо сурх шуда, ба кафидан сар кардаанд. Ҳамон Ҷуворияк фикр кардааст, ки агар боз андаки дигар дар дег монад, бирён мешаваду нобуд шуда меравад, бинобар ин, як илоҷ карда аз ин бало бояд халос шавад.



Вай бо ҳамин фикр ҳуппӣ карда аз дег паридааст, таппӣ карда ба лаби оташдон афтодааст ва аз лаби оташдон тозону ғелон ба кӯча баромадааст.

Ба фикри шумо давоми афсона чӣ мешавад? Бо Ҷуворияк чӣ ҳодиса рух медиҳад?

Бо як ё ду ҷумла нависед, ки Ҷуворияк бо кӣ вохӯрд? Намуна: Дар кӯча Ҷуворияк бо сагча вохӯрд. Сагча аз ӯ пурсид: ту кистӣ? Ҷуворияки шумо бо кӣ вохӯрд? Ӯ чӣ пурсид?

Шумо афсона навишта метавонед? Биёед, дар хона оғози афсонаи худро менависем. Намуна: Будааст, набудааст, як ... будааст. Ӯ ... ... зиндагӣ мекардааст.

## ДАРСҲОИ 45-46

Оғози афсонаи дар хона навиштаатонро ба ҳамсинфонатон хонед. Симои афсонаи шумо кист? Ӯ дар куҷо зиндагӣ мекунад? Чаро маҳз ҳамин симоро интихоб кардед?

Қисми аввали афсонаи Ҷувориякро ба хотир оварда, ба ҳамдигар нақл кунед.

Давоми афсонаро хонед ва гӯед, ки бо Ҷуворияк чӣ ҳодиса рӯй дод? Бо кӣ вохӯрд? Ба ҳамдигар чӣ гуфтанд?

### ҶУВОРИЯК

**(Қисми дуюм)**



Баъд Ҷуворияк “ҷонам халос шуд” гуфта рафта истода будааст, ки як Аловак аз даруни оташдон ӯро дида пурсидааст:

– Эй, Ҷуворияк, куҷо меравӣ?

– Куҷо меравӣ, мегӯйӣ? – гуфтааст Ҷуворияк. – Ман худамро аз марг халос кардам, акнун ба саҳроҳои васеъ, ба ҷойҳои хушобу ҳавои сероб меравам.

– Маро ҳамроҳат намегирӣ? – илтимос кардааст Аловак. – агар ман дар ин ҷо боз як дами дигар монам, сӯхта хокистар мешавам.

– Майлаш, биё! – гуфтааст Ҷуворияк.

Аловак хурсанд шуда, барқ зада аз оташдон баромадаасту ҳардуяшон ғелон-ғелон рафтан гирифтаанд.

Ҷуворияку Аловак рафта истода буданд, ки як Хасак онҳоро дида пурсидааст:

– Ҳа, Ҷуворияку Аловак, ин хел тифоқ шуда куҷо рафта

истодаед?

– Моро мепурсӣ? – гуфтааст Аловак. – Мо нобуд шуда истода будем, гурехта рафта истодаем. Акнун ба ягон ҷойи нағз рафта, зиндагӣ карда мегардем.

Ҷуворияк сар ҷунбонда, гапи Аловакро тасдиқ кардааст.

– Эй ҷӯраҳои азиз, маро ҳам ҳамроҳ гиред! – зорӣ кардааст Хасак. – Вагарна маро ҳам пешрӯби ҷорӯб карда, ба даруни ахлот мепартоянд ва ё пешдаргирон карда ба оташдони тафсон ҳаво медиҳанд! Ҳамин тавр ягон бало мекунанду нест шуда меравам.

– Майлаш, ҳамроҳи мо омадан гир, – таклиф кардаанд Ҷувориякy Аловак.

Баъд Ҷувориякy Аловак ғелон-ғелон, Хасак паррону ларзон ҳар се шодикунону гапзанон рафтан гирифтаанд.

Чанд вақт роҳ гашта, ба лаби як ҷӯйча расида омадаанд. Оби ҷӯйча шилдир-шилдиркунон аз нури офтоби ҷаҳонтоб равшан шуда равон будааст.

– Аз ин ҷӯйча чӣ хел мегузарем? – гуфтааст Хасак.



Афсонаро гӯш кунед. Ба тарзи хондани афсона диққат диҳед. Акнун ин қисми афсонаро ба ҳамнишинатон хонед.



Ҳодисаи аввали афсона аз дег ҷаҳида гурехтани Ҷуворияк буд. Дар қисми дуюм ду ҳодисаи дигар тасвир шудааст. Онҳо кадомҳоянд?



Ин қисми афсона бо чӣ анҷом ёфтааст? Ҷӯраҳо чӣ гуна мушкилотро ҳал мекунанд? Яъне, чӣ тарз аз ҷӯй мегузаранд?



Афсонаи дарси пешин оғозкардаатонро идома диҳед? Симои афсонаатон бо кӣ вохӯрд? Чӣ кор шуд? Як ҳодисаро нависед. **Намуна:** Дар роҳ ... бо .. вохӯрд. ... аз ... пурсид ...?



Порчаи афсонаи навиштаатонро бо ҳамнишинатон таҳлил кунед. Агар ягон ғалат содир шуда бошад, онро ислоҳ намоед.



Як афсонаро интихоб намоед. Онро хонед. Дарси оянда барои нақл кардани он омода шавед.

## ДАРСҲОИ 47-48

Афсонаи дар хона хондаатонро ба ҳамнишинатон нақл кунед. Афсонаи ҳамнишинатонро бодиққат гӯш кунед. Дар бораи афсонаи якдигар ба аҳли синф ба таври мухтасар нақл кунед.

### ҶУВОРИЯК

### (Қисми сеюм)

– Биёед, лаб-лаби ҷӯй рафтан мегирем, дар ягон ҷо кӯпрук будагист, аз кӯпрук мегузарем, – таклиф кардааст Аловак – Не! – гуфтааст Ҷуворияк. – Кӯпрук кофта гаштан фоида надорад. Илоҷи гузаштан ҳаст. Ту, Хасак, кӯпрук шав, ману Аловак аз болои ту мегузарему баъд туро ба он тараф кашида мегирем.

Хасак хуб гуфта кӯпрук шудааст.

Ҷуворияк дарравакак аз болои ӯ ба он лаби ҷӯйча гузаштааст. Аловак бошад, дар лаби ҷӯйча фикр карда мондаасту нагузаштааст.

– Ҳа, Аловак, тарсидӣ? – таъна кардааст Ҷуворияк.

– Ту ҳамин хел тарсончак будию ман надониста туро бо худ шарик кардаам.

Ин гапи Ҷуворияк ба Аловак сахт расидааст. Вай суп-сурх фурӯзон шуда:

– Не, Ҷуворияк, ман тарсончак нестам! – гуфтаасту ба болои Хасак баромада гузаштанӣ шудааст.

Ба худи миёнаи Хасак расида будааст, ки Хасак лап-лапкунон даргирифта рафтааст. Якбора ҳар ду ба даруни об афтодаанд. Ҳамон замон Аловаки бечора хомӯш шудаасту пораҳои Хасакро об бурдааст.



Ҷуворияк ин ҳодисаро дида, аввал тарсону ҳайрон, баъд гирёну нолон шуда:

– Оҳ, – мани нодон, дурустакак фикр накардам, таъна зада, ҷӯраҳоямро ба роҳи хатарнок андохтам, ана акнун аз онҳо ҷудо шудам! – гуфтаасту бисёр афсӯс хӯрдааст.

Ҳодисаи асосии қисми сеюм чист? Дар байни ҳар се симои афсона, кӣ худро пешоҳанг мешуморад? Чаро? Аз матни афсона инро муайян кунед. Ҳодиса бо чӣ анҷом ёфт? Оё Ҷуворияк пушаймон шуд? Дар матн ин пушаймонии Ҷуворияк чӣ хел тасвир шудааст?

Ба фикри шумо дар ҷамъбасти афсона бо Ҷуворияк чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Афсона бо чӣ анҷом меёбад?

Суханони гӯянда ва суханони симоҳои афсонаро аз матн ҷудо кунед. Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?

Тарзи хондани афсонаро дар гурӯҳҳо машқ кунед. Кадом қисми матнро чӣ тавр хондан лозим? Суханони гӯянда ва суханони симоро бо як оҳанг мехонем ё оҳанг тағйир меёбад? Чаро?

Афсонаи дарсҳои пешин оғозкардаатонро идома диҳед? Бо симо ё симоҳои афсонаатон боз кадом ҳодиса рӯй дод?

Порчаи афсонаи навиштаатонро бо ҳамнишинатон таҳлил кунед. Агар ягон ғалат содир шуда бошад, онро ислоҳ намоед.



Афсонаи "Саёҳати заргӯшак"-ро аз рӯйи расмҳо нақл кунед. Метавонед дар асоси расмҳо афсона нависед.



## ДАРСҲОИ 49-50



Афсонаи "Саёҳати заргӯшак"-ро ба якдигар нақл кунед.



Ба гурӯҳҳои сенафарӣ ҷудо шавед. Ҳар як қисми афсонаи "Ҷуворияк"-ро бонавбат ба якдигар нақл кунед.

### ҶУВОРИЯК
#### (Қисми хотимавӣ)

Пас аз ин дили Ҷуворияк ҳеҷ ҷойи дигарро нахоста, дар ҳамон лабаки ҷӯй ба қабати замин даромада рафтааст. Он вақт тобистон будааст. Тобистон гузаштааст, тирамоҳ омадааст, сабзаҳои лаби ҷӯй хушку хазон шудаанду борон боридааст, барф боридааст. Баъд ҳаво гарм шуда, баҳор омадааст. Ях об шудааст, дар лаби ҷӯй сабза дамидааст, гулҳои зарду сурх рӯидаанд.

Дар байни онҳо, аз ҳамон ҷое, ки Ҷуворияк ба замин даромада рафта будааст, як бех ҷуворимакка неш зада, берун шудааст. Ҷуворимакка рӯз то рӯз калон шудан гирифтааст. Як буғум бастааст, ду буғум бастааст, се буғум бастааст, баланд шуда рафтааст. Баланд шуда якчанд сӯта ҷуворӣ андохтааст. Сӯтаҳо дона бастаанд, донаҳо шира гирифтаанд, дунбул шудаанд, шах шудаанд, пухтаанд. Ҳар як дона, ки ҳосили ҳамон Ҷуворияки аз дег гурехтагӣ будааст, доимо Аловаку Хасакро ёдоварӣ мекардааст.

Солҳо гузаштааст, гирду атрофи ҷӯй ҷуворизор шуда рафтааст, вале ҳеҷ як донаи ҷуворӣ Аловаку Хасакро фаромӯш намекардааст.

Афсонаро пурра ба хотир оред. Гӯед, ки чаро гӯянда афсонаро чунин ҷамъбаст кардааст? Аз ин афсона чӣ дарси ибрат гирифтан мумкин аст? Чаро гаштаю баргашта гӯянда ҳодисаи нобуд шудани Аловаку Хасакро такрор мекунад? Чаро пушаймонӣ ва ғалати Ҷувориякро таъкид мекунад?

Аз афсонаи "Ҷуворияк" ба худ чӣ дарси ибрат гирифтед? Чаро дӯстии Ҷуворияку Аловаку Хасак дер давом накард? Оё Ҷуворияк ғалати худро бахшид? Ба фикри шумо агар Ҷуворияк оқибати суханонашро медонист, ҳамин корро мекард?

Афсонаеро, ки дар дарсҳои пешина навишта будед, ҷамъбаст намоед. Афсонаатон чӣ гуна ба анҷом расид? Аз афсонаи навиштаатон чӣ сабақ гирифтан мумкин аст?

Афсонаи навиштаатонро ба ҳамсинфонатон хонед. Ақидаи онҳоро оид ба афсонаатон гӯш кунед.

Ба саволҳои зерин ҷавоб дода, дониши худро оид ба матни афсона санҷед.

1. Афсонаро чӣ тавр бояд оғоз кард?
2. Номи симоҳои афсона бо кадом ҳарф навишта мешаванд?
3. Афсона бояд дарси ибрат дошта бошад. Чаро?
4. Афсона чӣ тавр анҷом меёбад?

Афсонаи навиштаатонро дар хона дар шакли китобча омода намоед. Нигаред ба намунаи поён.



## ДАРСҲОИ 51-52



Ҳар як афсона ба мо дарси ибрат медиҳад. Масалан, аз афсонаи "Бузаки ҷингилапо" мо чунин дарси ибрат мегирем: "Суханони падару модарро гӯш карда, мувофиқи он амал кардан лозим аст", яъне агар бузғолаҳо ба гапи модарашон гӯш медоданд, онҳо дарро ба гург намекушоданд. Дар бораи дарси ибрати яке аз афсонаҳои дӯстдоштаатон ба якдигар нақл кунед.



Афсонаи "Мӯрча ва кабӯтар"-ро хонед ва гӯед, ки он чӣ дарси ибрат дорад?

### МӮРЧА ВА КАБӮТАР



Як рӯзи гарми тобистон мӯрча об меҷуст. Ин тарафу он тараф мегашт. Ба назди чашмае расид. Барои аз чашма об нӯшидан ӯ бояд ба болои майсаи алаф мебаромад. Ҳангоми баромадан ӯ ногаҳон ба об афтод.

Мӯрча оббозӣ карда наметавонист. Ӯ ғарқ мешуд. Чашми кабӯтаре, ки дар шохи дарахти назди чашма нишаста буд, ба мӯрчаи ғарқшаванда афтод. Кабӯтар баргеро канда ба об андохт. Мӯрча ба болои барг баромад. Барг ба тарафи соҳил ҳаракат кард. Мӯрча ба хушкӣ баромад.

Рӯзи дигар чашми мӯрча ба шикорчие афтод. Шикорчӣ ба болои кабӯтар тӯр партофтанӣ буд. Мӯрча тез рафта аз пойи шикорчӣ сахт газид. Пойи шикорчӣ хеле дард кард. Ӯ тӯрро ба замин партофт. Кабӯтар парвоз кард. Ӯ эмин монд.



Афсонаро таҳлил кунед: Афсонаи боло чӣ гуна оғоз шудааст? Симоҳои афсона киҳоянд?



Ҳодиса дар кадом фасли сол рӯй дод? Мӯрчаяк чӣ меҷуст? Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод? Кӣ ба вай ёрӣ расонд? Чӣ тавр мӯрча ба некии кабӯтар ҷавоб гардонд?

Афсонаро бори дигар хонед. Амалҳои симоҳои матнро дар ҷадвал нависед.

| Симои афсона | Чӣ кор кард? |
|---|---|
| Мӯрча | |
| Кабӯтар | |
| Шикорчӣ | |

Имлои дунафарӣ.
рӯз, мӯрча, кабӯтар, нӯшидан, шикорчӣ

Ба расмҳо бодиққат нигоҳ кунед. Дар бораи ҳар як расм нақл кунед. Аз калимаҳои додашуда истифода баред.




Муки хурдакак, гурусна мондан, боғ, себи сабз, бинӣ, гӯш, дароз, гиря кардан, себи сурх, хӯрдан, хурд, хурсанд.

Дар бораи расмҳои 1 ва 2 нависед. Ҷумлаҳои навиштаатонро бо ҳамнишинатон хонед ва ислоҳ кунед.

Дар бораи расмҳои 3, 4, 5, 6 ва 7 ҷумла нависед. Калимаҳои додашударо истифода баред.

## ДАРСҲОИ 53-54

Афсонаҳо на танҳо дар бораи ҳайвоноту рустаниҳо, балки дар бораи муносибати одамону ҳайвонот низ буда метавонанд. Масалан, дар афсонаи "Кадуи ғелон" ё "Нахӯдак" симои асосии афсона бо ҳайвоноти гуногун вомехӯрад. Шумо ягон афсонаеро медонед, ки дар он одамон бо ҳайвонот сухан гӯянд?

### ПИСАРБАЧАИ ЗИРАК

Буд, набуд, дар як деҳаи дурдасти кӯҳсор писарбачае буд. Ӯ бо модари ӯгай зиндагӣ мекард. Онҳо дар бисоти худ бузу бузғолае доштанд. Модари ӯгай ҳар пагоҳӣ бо дамидани субҳ писарбачаро бо бузу бузғола ба саҳро мефиристонд.

Як пагоҳӣ мисли ҳарвақта писарак бузҳоро гирифта ба саҳро рафт. Рӯз нисф шуда буд. Дар ҳамин вақт аз кучое як гурги бадҳайбате пайдо шуда, дод зада гуфт:

– Канӣ, гап зан, туро хӯрам ё бузҳоятро?

Писарак ларзида аз тарс чӣ гуфтанашро надонист. Ӯ лаҳзае фикр кард. Ба гург ҳамла кунад, зӯраш намерасад. Монад, ки гург бузи ягонаашро хӯрад? Не, не ...

Дар ҳамин вақт шиками писарак, ки аз пагоҳӣ ҳеҷ чиз нахӯрда буд, қуррос зад. Гург аз ин ҳол як қад парида гуфт:

– Ҳой, дар шиками ту чист, ки уллос мекашад?



Писарак худро мардона нишон дода гуфт:

– Дирӯз дар вақти ношто ду сагбачаро хӯрда будам, ана ҳоло онҳо фаҳмиданд, ки дар назди ман гург истодааст, мехоҳанд, ки берун баромада туро пора-пора кунанд.

Гург бо шунидани ин гапҳо ба воҳима афтод ва аз писарак хоҳиш кард:

– Ҷон писарак,  то ман аз ин ҷо рафтан даҳонатро накушо, вагарна сагбачаҳо маро мехӯранд.

Писарак даҳонашро бо дасташ пӯшид. Гург аз фурсат истифода бурда, то ҷон дошт, гурехт ва дар як лаҳза аз назар ғоиб шуд. Писарбача бо зиракӣ ва ҳозирҷавобиаш аз чанголи гурги гурусна халос шуд.

Афсонаро бори дигар хонед. Мо медонем, ки афсона асосан аз хаёл гуфта мешавад. Аммо дар афсона боз суханоне ҳастанд, ки умуман аз ҳақиқат дуранд. Чунин суханонро аз афсона ёбед.

Шахс агар дар баробари хондан ба матн савол гузорад, мазмуни онро пурратар мефаҳмад. Биёед дар асоси матн якчанд савол таҳия мекунем. **Намуна:** Писарбача дар куҷо зиндагӣ мекард? Ӯ бо кӣ зиндагӣ мекард?

Дар асоси саволҳои таҳиякардаатон дар гурӯҳ саволу ҷавоб кунед. Афсонаро нақл кунед.

Аз рӯйи расмҳо афсонаи "Қиссаи Гандумак"-ро нақл кунед. Аз калимаҳои додашуда истифода баред. Онро бо афсонаи “Ҷуворияк” муқоиса кунед. Монандӣ ва фарқи онҳоро ёбед.







Гандумак, тамошо, марғзор, аз пешаш, чашма, об, нӯшидан, хоб рафтан, бедор шудан, реша баровардан, сабз шудан, хӯша кардан, зиёд, пухтан

Дар бораи расмҳои 1 ва 2 нависед.

Дар бораи расмҳои 3, 4, 5, 6 ва 7 ҷумла нависед. Калимаҳои додашударо истифода баред.

# ДАРСҲОИ 55-56

## КОРИ ЛОИҲАВӢ

## ДАР ОЛАМИ АФСОНА



Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шавед. Расмҳоро бодиққат аз назар гузаронед. Дар бораи онҳо нақл кунед. Калимаҳои додашударо истифода баред. Афсонаро нависед.




**Калимаҳо:** маслиҳат кардан, рафиқон, сабад, занбӯруғчинӣ рафтан, беша, занбӯруғ чидан, ногоҳ, хирс, тарсида гурехтан, дар зери дарахт нишастан, ғамгин шудан, занбӯр, ёрӣ додан, агар, асал надодан, сабадҳоро баргардондан, баргаштан, бибӣ, даъват кардан, чой, занбӯруғбирён, хӯрдан, суҳбат кардан, хурсанд шудан

Афсонаи эҷодкардаатонро ба аҳли синф муаррифӣ намоед.

# ШЕЪР

## ДАРСҲОИ 57-58



Дар дарсҳои пешина мо доир ба афсона дониши бисёрро аз худ кардем. Акнун мо дар бораи шеър суҳбат мекунем. Фарқи шеърро аз афсона гӯед.

### ХОҲАРАМ ГУЛНОР

Агар намебуд
Хоҳарам Гулнор,
Намешудам ман
Аз хобам бедор!

Гар намешудам
Аз хобам бедор,
Намекардам ман
Дарсамро такрор!

Гар намекардам
Дарсамро такрор,
«Ду» мегирифтам
Ҷойи «панҷ»-у «чор»!

Намегирифтам
Агар «панҷ»-у «чор»,
Аз ман меранҷид
Хоҳарам Гулнор!

Мирсаид Миршакар

Шеърро ифоданок қироат кунед.



Ҳиҷоҳои ҳар як мисраъро ҳисоб кунед. Дар ҳар мисраъ чанд ҳиҷо ҳаст?

**байт –** ду мисраи шеър
**мисраъ –** як сатри шеър
**қофия –** якчанд ҳарф ё ҳиҷоҳои монанд ва ҳамоҳанг

Шеър аз чанд мисраъ иборат аст? Чанд байт дорад?

Ба калимаи «Гулнор» аз шеър калимаҳои ҳамқофия ёбед. Намуна: Гулнор – бедор

Шеърро таҳлил кунед.

Барои чӣ шоир дар мисраи якум калимаи «Агар» ва дар мисраъҳои дигар калимаи «гар» истифода бурдааст.

Як шеърро интихоб ва таҳлил кунед. Ҳиҷо, мисраъ ва байтҳоро ҳисоб кунед.

# ДАРСҲОИ 59-60

Ба ҳамнишинатон як шеър қироат кунед. Ҳангоми қироат чӣ ҳис кардед? Ба аҳли синф гӯед.

Калимаҳои ҳамқофияро аз ду сутуни ҷадвал муайян карда, бари ҳам нависед. **Намуна:** дабистон - гулистон

| | |
|---|---|
| дабистон | хушк |
| дона | кабоб |
| мушк | гулистон |
| пуроб | розӣ |
| нағз | хона |
| бозӣ | мағз |

## МАНЗАРАИ ЗИМИСТОН

Кӯҳу камар сап-сафед,
Бораву ҷар сап-сафед.

Роҳи гузар сап-сафед,
Хонаву дар сап-сафед.

Оби дарё дамида,
Дарахтон сар хамида.

Мусичаҳо бедонанд,
Бедон гунҷишкаконанд.

Ҳаво парво надорад,
Меборад меборад...

Меборад шишапора,
Ё резаи ситора?

*Убайд Раҷаб*

Шеърро қироат кунед ва манзараро тасаввур кунед.

Шеър аз чанд байт иборат аст? Аз чанд мисраъ? Ҳиҷоҳои ҳар як мисраъро ҳисоб кунед. Дар ҳар мисраъ чанд ҳиҷо ҳаст?

Калимаҳои ҳамқофияи шеърро муайян кунед.

Шоир Убайд Раҷаб барои тасвири зимистон аз кадом калимаҳо истифода бурдааст? Онҳоро аз матн муайян кунед.

Расмҳоро ба мисраъ ва байтҳои шеър мувофиқ гузоред. Шумо ҳангоми қироати шеър ҳамин манзараҳоро тасаввур кардед ё дигарро?




Аз мисраъҳои шеър истифода бурда, ба ҳар як расм ҷумла нависед. **Намуна:**

1. Кӯҳу камар сап-сафед,
   Бораву ҷар сап-сафед.

Кӯҳу камар аз барф сап-сафед шудааст.

Мисраъҳои шеъри поён пароканда шудаанд. Онҳоро ҷобаҷо карда нависед. Ба калимаҳои ҳамқофия ва маънии мисраъҳо диққат диҳед. Шеърро аз ёд кунед.

## ЗИМИСТОНИ ҶОНОНА

Чӣ овардӣ туёна?

Мӯзаи гарм овардам,

Бозӣ бикун шодона.

Гилеми нарм овардам.



Зимистони ҷонона,

Ҷомаву шарф овардам.

Кӯрпаи барф овардам,

Болои барфи ёна,

*Зулфия Атоӣ*

# ДАРСҲОИ 61-62

Шоирони мо на танҳо манзараро дар шеър тасвир мекунанд, балки тавассути шеър ба мо ҳикояеро нақл мекунанд. Шеъреро ба хотир оред, ки дар он ҳодисае тасвир шуда бошад.

## Кабк ва барф



Кабк аз сари шах омад,
Рӯ-рӯяки ях омад.
Шабона хона омад,
То ба остона омад.
Донае ҷуста омад.
Хонаш сари шах мондаст,
Зери барфу ях мондаст.
Саҳар аз дари хона,
Кабки беобу дона
Хеле қақар-қақар кард,
Ки аз хона бароям,
Бар дамаки дар оям,
Обаку донаш диҳам,
Ҷою маконаш диҳам.
Нонаш додам, нонро хӯрд,
Донаш додам, донро хӯрд.
Вақте чакра чакон шуд,
Барфоба, ки давон шуд,
Кабк шодон сӯйи шах
Аз раҳи бебарфу ях,
Қақразанон равон шуд,
Дилакам баҳорон шуд.

*Убайд Раҷаб*

Шеърро хонед ва гӯед, ки дар он кадом ҳодиса нақл шудааст? Шоир воқеаро чӣ гуна тасвир кардааст?

Шеър аз чанд байт ва чанд мисраъ иборат аст? Дар ҳар мисраъ чанд ҳиҷо аст?

Дар бораи мазмуни шеър саволу ҷавоб кунед.

Дар асоси мазмуни шеър ҳикояча хурд нависед. Навиштани ҳикояро дар хона давом диҳед. **Намуна:** Фасли зимистон буд. Ҳаво хунук буд. Рӯзе овози кабкро шунидам. ....

## ДАРСҲОИ 63-64

### ОЗМУНИ МУШОИРА
### КОРИ ЛОИҲАВӢ

Омодагӣ. Пеш аз дарси мазкур аз шоирони тоҷик, ки барои кӯдакон шеър эҷод мекунанд, як шеърро интихоб ва аз ёд кунед. Тарзи ифоданок қироат кардани онро машқ кунед.

Хонандагони азиз. Мардуми тоҷик аз қадим дорандаи фарҳанги бою рангин аст. Шоирони ширинкаломи мо барои бачаҳо шеърҳои рангоранг, гуворо, дилнишин меофаранд. Шеърҳои онҳо ба мо ҳаловат мебахшанд, ба роҳи дуруст ҳидоят мекунанд, панду насиҳат мекунанд ва забонамонро бой мегардонанд. Мо бояд шоиронро қадр кунем ва онҳоро шиносем.

Баъзеҳо ақидае пешниҳод кардаанд, ки агар занбӯрон нобуд шаванд, дунё ба охир мерасад. Шоирон ба мисли занбӯракон нигаҳбони забонанд. То он даме, ки шоирон бо забони тоҷикӣ шеър менависанд, забони мо зинда мемонад.



Дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шавед. Шеъри интихобкардаатонро ба ҳамгурӯҳонатон қироат кунед. Аз байни гурӯҳ ду нафарро, ки шеърро буррову равон ва ифоданок қироат кардаанд, интихоб намоед. Барои озмун омода шавед.

Аз ҳар як гурӯҳ дунафарӣ бонавбат баромад мекунанд. Шеърашонро қироат карда, дар бораи шоир ва шеър каме маълумот медиҳанд. Аҳли синф ба ҳар як иштирокчӣ баҳо медиҳад.

Ҷамъбасти озмун ва эълони ғолибон.



Дар бораи як шеъре, ки дар озмун ба шумо хеле маъқул шуд, нависед. **Намуна:** Ба ман шеъри "Тирамоҳ"-и Мирзо Турсунзода маъқул шуд. Дар он манзараи тирамоҳ хеле хуб тасвир шудааст.

## ҲИКОЯ

## ДАРСҲОИ 65-66

Шумо дар бораи ҳикоя чӣ медонед? Ягон ҳикояи хурдро ба рафиқатон нақл кунед.

Ҳикоя асари ҳаҷман хурди насрӣ аст. Дар он воқеа ё саргузаште нақл мешавад. Воқеаҳои ҳикоя асосан аз ҳаёт гирифта мешаванд. Дар ҳикоя як ё якчанд ҳодисаи пайиҳам тасвир мешаванд.

### ЗОҒИ ТАҚЛИДКОР

**(Қисми аввал)**



Мавзуна парандаҳоро дӯст медошт. Рӯзҳои сарди зимистон дар як ҷойи мувофиқ обу дон мегузошт, ки мусичаю гунҷишк, майнаю аккаҳо ва дигар парандаҳо гушнаю ташна намонанд. Хоҳаракам аз бачаҳои ҳунарманд хоҳиш мекард, ки барои парандаҳо лона бисозанд, ба дарахтон биовезанду дона бирезанд.



Боре аз роҳи мактаб зоғчаи карахту зору низореро ба хона овард. Зоғча дар хона андак ба худ омад. Рӯзи аввал дар қуттии пойафзол мехобид. Гурусна монад, обу доне, ки Мавзуна барояш дар ошхона мерехт, ҷунбуҷӯл карда ёфта мехӯрд. Пас аз чанд муддат ғамхорона нигоҳубин кардани хоҳарам ӯ ҷон гирифт, ба зоғчаҳои зебо монанд шуд, ҷаҳида-ҷаҳида роҳ мерафт, пару бол мезад ва ба ҳар сӯй мепарид...

Симои асосии ҳикояро муайян кунед. Ӯ чӣ гуна шахс аст? Ӯ чиро дӯст медорад? Тасвири воқеаи якуми ҳикоя бо кадом калима оғоз мешавад? Чӣ воқеа рӯй дод? Симои нави ҳикоя кист? Дар сархати якум нависанда чиро тасвир кардааст? Дар сархати дуюм-чӣ? Мазмуни ҳикояро бо шеъри "Кабк ва барф" муқоиса кунед.

Калимаҳое, ки метавонанд маънои калимаи "боре"-ро баён кунанд, нависед. Намуна: боре – рӯзе ...

Ба саволҳо аз матн ҷавоби мувофиқ ёбед.

**Саволҳо ба сархати якум:**
Номи симо чист? Ӯ чиро дӯст медорад? Дар рӯзҳои зимистон ба кадом корҳо машғул аст? Ӯ аз дигарон чӣ хоҳиш мекард? Чаро?
**Саволҳо ба сархати дуюм:**
Мавзуна ба хона чӣ овард? Зоғ чӣ аҳвол дошт? Чаро ӯ ба чунин аҳвол афтода буд? Мавзуна барои Зоғча чӣ кор мекард? Ғамхории Мавзуна чӣ натиҷа дод?

Дар ҳаёти мо ҳар рӯз воқеаҳои гуногун рӯй медиҳанд. Як воқеаи ҷолибро ба хотир оред. Навиштани ҳикояро оғоз мекунем.

1. Симои асосии воқеа кист? Номашро нависед. Дар бораи ӯ як ё ду ҷумла нависед. Худатон низ симои ҳикоя шуда метавонед.
**Намуна**: Ман дар синфи дуюм мехонам. Ман варзишро хеле дӯст медорам. Ҳар бегоҳ дар майдонча варзиш мекунам.

2. Нақли ҳодисаро сар кунед. **Намуна:** Рӯзе ман вақти аз майдонча баргаштан дар роҳ гурбачаеро дидам. ....

Навиштани ҳикояро дар хона давом диҳед. Агар тавонед, ба ҳикояи навиштаатон расм кашед.

Қисми аввали ҳикояи "Зоғи тақлидкор"-ро ба хотир оред. Он дар бораи кӣ буд? Нависанда кадом ҳодисаро тасвир кардааст?

## ЗОҒИ ТАҚЛИДКОР

### (Қисми дуюм)

Зоғча парандаи хушрафтор буд: обу хӯрокашро хӯрад, ба “лонааш” даромада менишаст. Озодагиро дӯст медошт. Агар параш афтад, худ ба хонааш мебурд. Чун ҳаво андак гарм шуд, хоҳарам лонаи зоғчаро ба ҷойи васеътар – ба сарочаи ҳавлиамон бурд. Дар як кунҷи он саги калони мо – Хайбар мезист.



Мавзуна лонаи зоғчаро махсус ба ин ҷо овард, зеро ки дар атрофи мо гурбаҳо зиёд буданд ва хавфи он буд, ки зоғча туъмаи онҳо гардад. Албатта гурбаҳо аз Хайбар меҳаросиданд, ҷуръат намекарданд, ки ба зоғча бо чашми тамаъ нигоҳ кунанд. Сагу зоғча унс гирифтанд ва аҳлона мезистанд. Хоҳаракам як рӯз ба сароча номаълум наздик шудааст. Дидааст, ки зоғча хавфро пай бурда, чанд бор ак-ак задааст. Наход зоғ ҳам аккас занад?! – ҳайрон шудааст хоҳарам.

Рӯзҳои дигар ҳам мо овози сагонаи ӯро мешунидем. Зоғча ба тақлиди ин овоз одат карда буд. Сиррашро мо баъдтар фаҳмидем. Хайбар дар банди занҷир гирифтор буд ва ба ҷое рафта наметавонист. Бинобар ин баҳудаю беҳуда аккос мезад. Зоғча пай бурдааст, ки Хайбар аккос занад, ягон ҷонзоде ба сароча наздик намеояд, махсусан гурбаҳои носерам! Зоғчаи доно инро фаҳмида, ба садои саг тақлид мекарду гӯё бо ҳамин ҷонашро аз хатар эмин медошт.

Ин порчаи ҳикоя аз чанд сархат иборат аст? Дар ҳар сархат сухан дар бораи чӣ меравад? Дар кадом қисми порча сабаби «Зоғи тақлидкор» ном гирифтани ҳикоя маълум мешавад? Чаро нависанда ҳикояро чунин ном гузоштааст?

Забони тоҷикӣ забони гуворо ва бой аст. Агар мо хоҳем, ки бо забони тоҷикӣ дуруст сухан гӯем ва нависем, бояд маънои калимаҳои гуногунро донем ва тарзи навиштани онҳоро тавонем.

Имлои дунафарӣ.
хӯрок, хӯрдан, дӯст, ҷой, васеъ, зиёд, туъма, Хайбар, ҷуръат, номаълум, аккас, гӯё

**туъма –** хӯрданӣ, таом; хӯрок, луқма
**сароча –** хонаи хурд; кӯшк; ҳавлии дарун
**тамаъ –** бо ҳирс чашм дӯхтан ба чизе; умеди чизе аз касе доштан аз рӯйи ҳирс
**тақлид –** айнан такрор кардани рафтор ва тарзи гуфтори касе
**носерам –** сернашаванда; гурусна.

Барои ҳар як сархати ҳикоя савол тартиб диҳед. Бозии "Курсии сеҳрнок"-ро гузаронед.

Ҳикояи навиштаатонро ба ҳамгурӯҳонатон хонед. Фикри онҳоро дар бораи ҳикояатон гӯш кунед ва ба қайд гиред.

Қисми якуми ҳикояатонро такмил диҳед. Ғалатҳоро ислоҳ кунед. Давоми ҳикояатонро нависед. Баъд чӣ шуд? Чӣ ҳодиса рӯй дод?

Навиштани ҳикояро дар хона давом диҳед. Агар тавонед, ба ҳикояи навиштаатон расм кашед.



## ДАРСҲОИ 69-70

Қисми аввал ва дуюми ҳикояи "Зоғи тақлидкор"-ро ба хотир оред. Ҳодисаҳо чӣ тавр тағйир ёфтанд? Бо симои асосӣ чӣ воқеа рӯй дод? Ба фикри шумо мавқеи симоҳо тағйир ёфт ё не? Дар ҳодисаҳои минбаъда кӣ зиёдтар амал мекунад?

# ЗОҒИ ТАҚЛИДКОР

### (Қисми хотимавӣ)

Мавзуна ҳар рӯз ба зоғчаю Хайбар нигоҳубин мекард. Вай рӯзе аз дур зоғчаро дар полез мебинад. Ҳайрон мешавад, ки зоғча он ҷо чӣ кор мекунад. Зоғча пару бол зада, ба теппаи бом нишастанӣ мешуд, аммо дар сари боми тунукапӯши лағжонак истода натавониста, ба замин лағжида меафтид. Зоғча ин амалро якчанд маротиба такрор карда, оқибат ба ӯ муяссар мешавад, ки ба ҷойи дилхоҳаш парида нишинад. Баъди гузаштани як ҳафта вай акнун озодона парвоз карда метавонист...

Сархати ҳикояро хонед. Гӯед, ки боз кадом воқеа рӯй дод? Мазмуни сархатро бо расмҳо муқоиса кунед. Шумо низ ҳангоми хондан ҳамин манзараро тасаввур кардед?



Қисми хотимавии ҳикояро хонед. Гӯед, ки ҳикоя бо чӣ анҷом ёфт? Чаро нависанда маҳз ҳикояро ҳамин тавр анҷом дод? Шумо низ ҳамин гуна ҷамъбастро интизор будед?

Боре Мавзуна саҳар ба зоғча биринҷи пухта овард, аммо ҷояшро холӣ дид. Зоғча имшаб наомадааст?! Хаёли Мавзуна парешон шуд, ба дилаш ҳар гуна гумонҳо роҳ ёфтанд: гурба хӯрдааст! Шояд сайди рӯбоҳи нобакор шуда бошад?! На ину на он! Зоғча баъди як рӯз сиҳату саломат омад, хӯрок хӯрд, бо Хайбар суҳбат ва дар рӯйи ҳавлӣ гаштугузор кард. Саг ба ғанаб рафта буд, ки Зоғча боз назди Хайбар омад, аввал бо забони худ чизе гуфту баъд ак-ак кард. Саг ба гумони он ки ягон саги бегона омадааст, ба сӯйи овоз хез зад. Зоғча аз ҳамлаи ногаҳонӣ рамида, як қад париду ба ҳаво бархост ва ба селаи зоғон пайваст.

Зоғча аз ин "ноошноии" Хайбар наранҷидааст ва гоҳ-гоҳ ба дидани ӯ меомад.



Мазмуни пурраи ҳикояро ба хотир оред. Якҷоя дар гурӯҳ 10 савол тартиб диҳед. Саволҳоро ба гурӯҳҳои дигар супоред. Бо гурӯҳҳои дигар доир ба мазмуни ҳикоя саволу ҷавоб кунед.



Нақшаи ҳикояро тартиб диҳед. Нигаред ба намунаҳои ҷадвал:

| | |
|---|---|
| Симоҳо | Мавзуна ... |
| Воқеаҳо | Воқеаи 1. Мавзуна зоғеро ба хона овард.<br>Воқеаи 2. ...<br>Воқеаи 3. ... |



Нақшаи тартибдодаатонро дар гурӯҳ муҳокима кунед.



Ҳикояи навиштаатонро такмил диҳед. Нақшаи ҳикояатонро тартиб диҳед.

## ДАРСҲОИ 71-72



Чунонки гуфта будем, ҳикоя нақли ҳодисае мебошад. Ба расмҳо нигаред. Мазмуни онҳоро ба мисли ҳикоя ботартиб нақл кунед.






Ду расмро интихоб кунед ва дар бораи онҳо нависед.
**Намуна:** Расми 11. Мурғак, гурбача ва сагча бозӣ мекунанд.



Матнро хонед ва бо ҳикояе, ки дар аввали дарс аз рӯйи расмҳо нақл карда будед, муқоиса кунед. Қисмҳои матнро бо расм мувофиқ гузоред.

# ОРЗУИ ДАЛЕРҶОН

Рӯзе Бобосафар дар кӯча сагчаи сафедаку хурдакакеро дид, ки давутоз дошт. Вақте ки Бобосафар ба сагча наздик шуд, вай бо чашмони бозингараш ба ӯ нигоҳ карда, садо баровард: - Ав! Ав!

Бобосафар ба ёд овард, ки наберааш Далерҷон ҷонваронро дӯст медорад. Сагчаро гирифта, ба хона овард. Таги тути пир ҷой карду ба хона даромад.

Сагча дар рӯйи ҳавлӣ гурбачаеро дид, ки дароз кашида, мехобид. – Биё, бозӣ мекунем! – хурсандона таклиф кард сагча.

Мияв! Мияв! Ман бо ту бозӣ намекунам! Афтатро бин, чӣ хел чиркинак!

Мурғи чипору чӯҷаҳояш дар боғ дон мекофтанд. Сагча хост бо онҳо бозӣ кунад ва сӯйи онҳо давид. – Қут-қут-қут! Чӯҷаҳои озодаам, бо вай бозӣ накунед! Афташро бинед! Чиркинак!

Сагча аз гапи мурғи чипор ғамгин шуд: – Барои чӣ онҳо намехоҳанд бо ман бозӣ кунанд? Вай озурдаҳол дар таги тути пир нишаст.

Бобосафар аз дасти Далерҷон дошта назди сагча оварду гуфт: - Далерҷон, бароят сагчаи фаххаку хушрӯяк овардам.

Далерҷон хурсандона сари сагчаро сила карду гуфт: - Бобоҷон, биёед, сагчаро оббозӣ дорем!

Баъди оббозӣ Далерҷону сагча бозикунон мерафтанд, ки гурбачаву мурғи чипорро диданд. Сагча гуфт: - Ман акнун доим тозаю озода мегардам, чунки Бобосафару Далерҷон ҳамроҳи ман ҳастанд.

Гурбачаю мурғи чипор хурсанд шуда гуфтанд: - Биё, бо ҳам бозӣ мекунем!

Минбаъд гурбачаю мурғи чипор ҳамеша бо сагча бозӣ мекарданд.

*Гулнисо Ризвоншоева*

Дар хона як ҳикоя хонед. Барои нақл кардани он омода шавед. Агар тавонед нақшаи онро тартиб диҳед.

## ДАРСҲОИ 73-74



Ҳикояҳо тасвирӣ ҳам мешаванд. Нависанда ягон манзара, ҳолат, ақидаро тасвир мекунад. Шумо чунин ҳикояро медонед?



### КӢ ЧӢ ТАВР ЗИМИСТОН МЕГУЗАРОНАД?









Ба тиреза нигар. Тамоми шишаро нақшу нигори сафед фаро гирифтааст. Сармо шишаро чунин оро додааст. Ҳавои берун хунук аст. Ҳама ҷоро – замин ва бомҳои хонаҳову дарахтонро барф пӯшондааст. Кӯлу дарёҳо ях бастаанд, саҳрову ҷангал барфпӯшанд. Шабҳо хеле дарозанд. Ҳатто соати ҳафти саҳар торик буда, соати ҳашт офтоб мебарояд. Дар фасли зимистон рӯзҳо хеле кӯтоҳанд. Танҳо ба берун баромада камтар медавӣ, бозӣ мекунӣ – мебинӣ, ки боз торик шудааст. Дар фасли зимистон саҳари барвақт ба саҳни ҳавлиатон нигаред. Дар болои барф гунҷишкакон аз хунукӣ парҳояшонро сих карда, ба тӯбча монанд шудаанд. Парида нонрезаҳоро мехӯранд. Дар атрофи гунҷишкон зоғҳо, инчунин майнаҳо давр зада, назорат мекунанд ва интизор мешаванд, то чизе дарёбанд.

Дар фасли зимистон дар деҳаҳо на танҳо ин парандаҳо, балки парандаҳои дигарро дидан мумкин аст, аз ҷумла акка, кабк. Онҳо дар фасли сармо гурусна монда, барои пайдо кардани хӯрок ба назди хонаҳои одамон меоянд.

Ҳайвоноти бешаҳо дар лонаҳои гармашон маскан мегиранд. Гургу рӯбоҳ ба

шикор мебароянд, аммо хирс дар аввали зимистон ба лонааш даромада то омадани фасли баҳор хоб меравад.

Дар фасли зимистон ҳама кӯшиш мекунанд, ки аз сармо, шамоли сард паноҳ ёбанд. Ҳар ҳайвон ба тарзи худ зимистон мегузаронад.

*Г. Скребитский ва В. Чаплина*



Шумо матнро хондед, он аз ҳикояҳои пешина бо чӣ фарқ мекунад? Кадом фасл тасвир шудааст? Кадом хусусиятҳои фасл нишон дода шудаанд?



Шишаи тиреза чӣ гуна тасвир шудааст? Кӯча дар фасли зимистон чӣ гуна аст? Кӯлу дарёҳо чӣ гунаанд? Фарқи шабу рӯз дар фасли зимистон дар чист? Агар шумо дар фасли зимистон ба ҳавлӣ нигаред, кадом манзараро мебинед? Дар дигар фаслҳо чӣ? Шумо дар деҳа зиндагӣ мекунед ё дар шаҳр? Дар фасли зимистон манзараи деҳа аз шаҳр чӣ гуна фарқ мекунад? Дар фасли зимистон аҳволи ҳайвонот дар кӯҳу бешаҳо чӣ гуна аст? Дар дигар фаслҳо-чӣ?



Аз матни ҳикоя ва расмҳои поён истифода бурда, дар бораи зимистон матни иборат аз се ё чор ҷумла нависед.



## ДАРСҲОИ 75-76



Ҳикояҳо тарбиявӣ низ мешаванд. Дар чунин ҳикояҳо рафтори хуб ё бади шахсе нақл карда мешавад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки дарси ибрат гирем ва рафтори дуруст кунем. Шумо дар бораи чунин ҳикояҳо чӣ медонед?



### ДЕГ "ХӮРДААСТ"

Зимистон ин тавр набуд. Лекин чӣ мегӯед, ки тобистон омаду Шодӣ қоидаи хӯрокхӯриашро вайрон мекардагӣ шуд. Акнун вай гоҳ бо регбозӣ, гоҳ бо оббозӣ машғул шуда, хӯроки нисфирӯзии худро тамоман фаромӯш мекард. Модараш соатҳои дароз ӯро интизор мешуд. Хеле оташин шуда, ба кӯча мебаромад, Шодиро ҷустуҷӯ мекард. Баъзан меёфт, баъзан танҳо бармегашт.

Боре шиками Шодӣ сахт дард кард. Вай баъд аз ҳамин фаҳмид, ки рӯз аз пешин гузаштаасту ҳанӯз луқмае ба даҳон набурдааст. Шодӣ саросемавор аз об баромада, либосҳояшро пӯшид. Давон-давон ба хона омад, ки хӯроки хушмазаи модараш пухта мондаро хӯрад. Вай аз рӯйи одати ҳаррӯзааш рост ба сари оташдон омаду сарпӯши дегро бардошта дид, ки дег равғанину ошаш нест.



– Оча! Оча! Оши маро кӣ хӯрд? – пурсид Шодӣ.

– Ошат дар дег, писарам, – худро ба нодонӣ зада гуфт модар. – Табақчаро гиру кашида хӯр.

– Канӣ? Канӣ, охир? – боз пурсид Шодӣ. – дар дег ош нест-ку?

Модар ба оташдон наздик омаду аз ростӣ ҳам дилаш сӯхтагӣ барин:

– Э, – гуфта афсӯс хӯрд, – дар вақташ, ки наомадӣ, ошатро дег хӯрдааст.

Ин воқеа рӯзи дигар ҳам такрор шуд. Шодӣ давон-давон омада сарпӯшро бардошт, ки оши ӯро боз дег "хӯрдааст". Вай ин дафъа ба модараш чизе нагуфту ба роҳи омадааш баргашт. Рӯзи сеюм бошад, ҳанӯз пешин нашуда аз ҷӯраҳояш ҷудо шуд.

– Ба куҷо меравӣ, Шодӣ? – пурсиданд аз вай рафиқонаш.

– Ба хона.

– Ҳоло барвақт-ку, – гуфтанд онҳо. – Камтар бозӣ кунем баъд меравӣ.

– Не-е ..., – гуфт гарданашро каҷ карда Шодӣ. – Камтари дигар бозӣ кунам, боз дег ошамро мехӯрад.

Ҳикоя дар бораи кӣ аст? Кадом рафтор дар ҳикоя муҳокима мешавад? Аз ин ҳикоя чӣ ибрат гирифтан мумкин аст? Дар ҳикоя як ақидае ҳаст, ки ба ҳақиқат рост намеояд, он кадом аст?

Дар ҳикоя пеш аз сухани симо тире гузошта мешавад. Агар шарҳи гӯянда лозим шавад, пеш аз шарҳ низ тире гузошта мешавад. Нигаред ба намуна.

– Ба куҷо меравӣ, Шодӣ? – пурсиданд аз вай рафиқонаш.

сухани симо

шарҳи гӯянда

Аз матн суханони симоҳо ва шарҳи гӯяндаро ёбед.

Ба монанди намуна ҷумла нависед. Намуна: – Раҳим, ту қалами сабз дорӣ? – пурсид Наим.

## ДАРСҲОИ 77-78

## ХУДРО МЕСАНҶЕМ!



Суръати хониши худро санҷед. Дар як дақиқа чанд калимаро мехонед?

### ДУХТАРИ ХУБ

Зимистони қаҳратун буд. Ҳама ҷоро барф пӯшида буд. Ҳаёти гунҷишкакон хеле мушкил шуда буд. Онҳо аз ягон ҷо ғизо намеёфтанд. Онҳо чириқ-чириққунон дар атрофи хонаҳо парвоз мекарданд. Дили Соро ба гунҷишкакон месӯхт. Ӯ нонрезаҳоро ҷамъ карда, ҳар рӯз дар пешайвони хонаашон мепошид. Гунҷишкакон парида омада, нонрезаҳоро мехӯрданд ва ба Соро одат карда буданд. Ҳамин тавр духтарчаи нағзакак гунҷишкакони бечораро то баҳор хӯрок медод.



Матнро бори дигар бодиққат хонед ва ба саволҳои поён ҷавоби мувофиқ интихоб кунед.

1. Ин чӣ гуна матн аст?
а. Афсона в. Шеър
б. Ҳикоя г. Чистон

2. Симои асосии матн кист?
а. Зимистон в. Барф
б. Гунҷишкон г. Соро

3. Дар матн кадом фасли сол тасвир шудааст?
а. Зимистон в. Тобистон
б. Баҳор г. Тирамоҳ

4. Ҳаёти гунҷишкакон чаро мушкил шуда буд?
а. Парвоз карда наметавонистанд.
б. Роҳгум зада буданд.
в. Аз ягон ҷо ғизо намеёфтанд.
г. Танбал буданд.

## ИМЛО

Ибораҳоро бо расмҳо мувофиқ гузоред.

1. Зимистони қаҳратун
2. Кӯҳҳои осмонбӯс
3. Боғи сермева
4. Рустаниҳои шифобахш













Афсонаро бодиққат гӯш кунед ва онро нақл кунед.

*Зиндагӣ бо дӯстон хуш мегузарад. Барои ҳамин одамон миёни ҳамдигар дӯстона зиндагӣ мекунанд. Дӯстон ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд, мушкили як-дигарро осон мекунанд.*

# ДАРСҲОИ 79-80

## ХУДРО МЕСАНҶЕМ!

Малакаи навиштани худро санҷед. Аз рӯйи расмҳо ҳикоячаи хурд нависед. Ҳикояи шумо ақаллан аз панҷ ҷумла иборат бошад.

## САРГУЗАШТИ САЪБА



Мазмун ва расмҳо аз ҳикояи "Тақвими Саъба"- и В. Биянки иқтибос шудаанд.

# ДАРСҲОИ 81-82



Шумо Соли навро чӣ тавр пешвоз мегиред? Чӣ гуна тайёрӣ мебинед? Ягон шеър дар бораи Соли нав медонед?



## АРЧАИ СОЛИНАВӢ



Бар бому ҳавлии мо
Барфи калон мерезад.
Очаи ман аз элак
Гӯё, ки орд мебезад.

Аз нав дадоям овард
Ба хонаи мо арча.
Барфак ба шохаҳояш
Борида парча–парча.

Сар то ба пойи арча
Бозичаҳо овехтем.
Аз барфаки тиллоӣ
Ба шохаҳояш рехтем.

Арчаи сабзи кӯҳӣ
Ороста гашту зебо.
Хуш омадӣ, Соли нав,
Бар ватани дилкушо!

*Латофати Кенҷа*



Шеърро буррову равон хонед. Муаллифи шеър кист? Шеър дар бораи чист? Аз чанд мисраъ ва байт иборат аст? Калимаҳои ҳамқофия кадомҳоянд?



Шеърро бори дигар хонед. Як байти онро ба шакли ҷумла нависед. Намуна: Байти 3. Падарам ба хона арчаи нав овард.

Табрикоти солинавиро хонед. Онро таҳлил кунед. Аз кадом қисмҳо иборат аст?




*Дугонаи азиз, Маҳина,*
*Шуморо бо фарорасии Соли нав табрик гуфта, бароятон саломатӣ, комёбиҳо ва хониши хубу аъло таманно дорам!*
*Бо эҳтиром,*
*Рухшона*

Барои ҳамнишинатон дар асоси намунаи боло табрикнома нависед.

Табрикномаатонро ба ҳамнишинатон хонед ва тақдим кунед.

Барои омӯзгоратон якҷоя табрикнома нависед. Онро оро дода, бурро ву равон қироат кунед ва ба омӯзгор тақдим намоед.

Дар таътили зимистона чӣ кор карданиед? Аз ҳама кори фоидаовар хондани китобҳои бадеӣ аст. Китобҳои бадеии бачагонаи зиёд нашр шудаанд. Шумо бояд дар ин муддат ақаллан 10 афсона ё ҳикояро хонед.

# 6. КАЛИМА. ОДАМОН, ҲАЙВОНОТ, АШЁ

## ДАРСҲОИ 1-2



Кадом идҳои мардумӣ дар фасли зимистон ҷашн гирифта мешаванд, медонед?



### ҶАШНИ САДА



Сада яке аз идҳои миллии халқи тоҷик аст. Ин идро гузаштагони мо ҳар сол ҷашн мегирифтанд. Мувофиқи солшумории имрӯза ин ид ба рӯзҳои 29-30-уми моҳи январ рост меояд. Аввалин нишонаҳои баҳор аён мегарданд. Оҳиста-оҳиста ҳаво гарм шудан мегирад. Дар ин рӯз мардум либосҳои идона пӯшида хурсандӣ мекунанд. Якдигарро бо оғози рӯзҳои нек муборакбод мегӯянд.

Дар ҷашни Сада ҳар гуна таомҳои миллӣ мепазанд. Суруду таронаҳо хонда, рақсу бозӣ ва ҳар навъ мусобиқаҳо мекунанд.

*Мазмун аз «Бурҳони қотеъ»*



Матнро бурроиву равон хонед. Маънои калимаҳои душворфаҳмро аз мазмуни матн муайян кунед.



Сада чӣ гуна ид аст? Онро кай ҷашн мегиранд? Дар рӯзи ид мардум ба кадом корҳо машғул мешаванд? Рӯзҳои нек дар матн ба кадом маъно омадааст? Ба фикри шумо гузаштагони мо кадом таомҳоро мепухтанд?

Калима воҳиди (ҷузъи) асосии забон мебошад. Бо ёрии калимаҳо мо ҷумла месозем ва фикри худро ифода мекунем. Масалан, ид, одам, либос, таом, сафед, омадан, ба, дар.

Хонандагони азиз, шумо аллакай медонед, ки ба баъзе калимаҳо савол гузоштан мумкин аст. Ин калимаҳо **маънои мустақил** доранд. Ба чунин калимаҳо саволҳои Кӣ? Киҳо? Чӣ? Чиҳо? Чӣ хел? Чӣ гуна? Чӣ кор кардан? гузошта мешаванд.

**Намунаҳо:**
**Кӣ?** – хонанда; **Киҳо? –** гузаштагон, одамон
**Чӣ?** – ид, рӯз; **Чиҳо? –** либосҳо, рӯзҳо
**Чӣ хел? Чӣ гуна?** – миллӣ, гарм
**Чӣ кор кардан? –** гирифтан, кардан, гуфтан



Калимаҳои зеринро хонед, савол гузоред ва ба сутуни мувофиқ нависед. Нигаред ба намунаҳо.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кардан? |
|---|---|---|---|
| падар | китоб | сард | гуфтан |

падар, модар, навиштан, китоб, сурх, дафтар, хона, хондан, кабӯтар, гурбаҳо, сабз, қаламҳо, гуфтан, телевизор, хунук, хонандагон, гулҳо, кӯҳ, миз, курсиҳо, тӯб, бозӣ кардан, хоб рафтан, хоб, бозӣ, гарм, зард, падару модарон, омӯзгорон, дарахтон, одамон, фарбеҳ, дароз, сард

Матнро хонед, ба калимаҳои маънодор савол гузоред ва ба сутуни мувофиқ нависед.

Тамоми заминро сармо фаро гирифта буд. Кӯлу дарёҳо ях баста буданд. Ҳама ҷоро барфи сафед пӯшондааст. Кӯдакон аз омадани зимистон хурсанданд. Дар рӯйи барфи нав медаванд, изи худро мегузоранд. Рустаму Ҳалим барфбозӣ доранд. Замира ва Раҳима бобои барфӣ месозанд. Танҳо зимистони қаҳратун барои ҳайвонот мушкилӣ меорад. Парандаҳо дар наздикии хонаҳо парвоз мекунанд. Бачаҳо, дар фасли зимистон ба дӯстони хурдакаки мо ёрӣ расонед. Барои онҳо донхӯрак созед.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кардан? |
|---|---|---|---|

## ДАРСҲОИ 3-4

# ТАСВИРИ ЗОҲИРИИ ИНСОН

Ба расм нигаред. Дар он киҳоро мебинед? Онҳо чӣ кор мекунанд? Дар тани онҳо чӣ гуна либос аст? Дар болои миз чиҳоро мебинед?



Расмро бори дигар мушоҳида кунед. Калимаҳои заруриро муайян кунед ва дар сутуни мувофиқ нависед. Нигаред ба намуна.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кардан? |
|---|---|---|---|
| писар | чойник | сурх | нишастан |

Дунафарӣ саволу ҷавоб кунед. Дар бораи расм суҳбат кунед.

Дар расм **киҳоро** мебинед? Онҳо **чӣ кор мекунанд**? Ранги куртаи духтарак **чӣ гуна** аст? Дар дасти духтарак **чӣ** аст? Писарак **чӣ кор карда истодааст**? Модар ба **кӣ** нигоҳ мекунад? Ранги хӯшаҳои ангур **чӣ гуна** аст? Мӯйи сари духтарак **чӣ гуна** аст?

Дар бораи расм се ё чор ҷумла нависед. Ба калимаҳои он савол гузоред.

## ДАРСҲОИ 5-6



Шумо одамони боодобро чӣ тавр фарқ карда метавонед?



### СУХАНИ СЕҲРНОК

Аз зинаи даромадгоҳи мактаб писараке лағжида, сахт ба замин афтид. Вай Нодири муштзӯр буд. Азбаски Нодир бачаи бадҷаҳлу ҷангара буд, мо ӯро ҳамин тавр номида будем.

Нодир, барои он ки ҳама ғалтиданашро набинанд, зуд аз ҷояш хесту рӯйи зонуҳояшро аз барф тоза кард. Баъд мисли хурӯси ҷангара бо шиддат ба сӯйи Ҳалим давид. Дар як дам бисёр ҳангоматалабон ҷамъ шуда, ҳама мехостанд, ки ҷанги Нодиру Ҳалимро тамошо кунанд. Охир, Ҳалим бачаи пурқувват, узви маҳфили гӯштингирии мактаб… – Нодир ба Ҳалим наздик шуд. Ҳозир бо мушташ чунон ба сари Ҳалим мефурорад, ки…

Аҷабо, чиро мебинем? Ҳалим ба Нодир чизе гуфт, ки Нодир ба маънои «ҳеҷ гап не» бепарвоёна даст афшонду рафт. Вақти рафтанаш ҳатто ӯ табассум мекард.

Ҳайрон шудем: чӣ Нодирро аз занозанӣ боз дошт. Охир, ӯ тамоман ба ҷанг тайёр буд - ку! Шояд ягон сухани сеҳрнок гуфта ӯро аз аспи ҷаҳл фурӯ оварда бошад? Он сухани сеҳрнок чӣ бошад?

Фаҳмидем. Медонед, Ҳалим ба Нодир чӣ гуфтааст?

«Узр, ҷӯраҷон, қасдан не, нохост поятро зер кардам. Маро мебахшӣ».

*Маҳбуба Неъматзода*



Ин кадом навъи матн аст? Аз куҷо фаҳмидед? Симоҳои матн киҳоянд? Чӣ воқеа бо онҳо рӯй дод? Матн аз чанд сархат иборат аст? Чаро муаллиф матнро "Сухани сеҳрнок" ном гузоштааст?
Матнро бурров равон хонед.



Бо Нодир чӣ воқеа рӯй дод? Чаро Нодир ба сӯйи Ҳалим давид? Чаро кӯдакони дигар дар атрофи Нодиру Ҳалим ҷамъ омаданд? Онҳо чиро дидан мехостанд? Агар Ҳалим "сухани сеҳрнок"-ро истифода намебурд, чӣ мешуд? “Сухани сеҳрнок” чӣ буд? Чаро муаллиф онро "сухани сеҳрнок" номидааст? Шумо шоҳиди чунин ҳодиса шудаед? Нақл кунед.



Якҷоя бо аҳли гурӯҳ дар асоси ҳикоя якчанд савол тартиб диҳед. Аз калимаҳои «Кӣ? Киҳо?», «Чӣ? Чиҳо?», «Чӣ хел? Чӣ гуна?» ва «Чӣ кор кардан?» истифода баред.



Бозии «Курсии сеҳрнок». Дар нақши симоҳои ҳикоя бозӣ карда, ба саволҳои ҳамсинфонатон ҷавоб гардонед.



Аз матн танҳо калимаҳоеро, ки ба саволҳои «Кӣ?» ва «Киҳо» ҷавоб мешаванд, ҷудо карда нависед.



Аз рӯйи расмҳо ҳар чӣ бештар калимаҳоро муайян карда, ба сутуни мувофиқ нависед.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кардан? |
| --- | --- | --- | --- |













## ДАРСҲОИ 7-8

Дар бораи дӯстатон нақл кунед. Ӯ чӣ гуна одам аст? Ба чӣ корҳо машғул аст? Чиро дӯст медорад?

### ШОДӢ Ё ҲОДӢ

Дар як бинои барҳаво,
Андар чаҳорум ошён,
Ҳамсояи якдигаранд
Шодию Ҳодӣ, ҷӯраҷон.

Шодӣ хароби қадбаланд,
Ҳодист фарбеҳи лаванд,
Фардо қадам бар синни даҳ
Ҳар ду баробар мениҳанд.

Шодӣ ба гулҳо резад об,
Хонад гаҳу бегаҳ китоб,
Ҳодӣ вале рӯзи тамом
Дар фикру зикри хӯрду хоб...

Шодӣ, набошад модараш,
Бозӣ кунад бо додараш,
Ҳодӣ намеҷунбад зи ҷо,
Ҳарчанд гиряд хоҳараш.

Ман ҷӯраам бо он яке,
Аз ҷӯраҳои қадрдон,
Оҳиста гӯй акнун ба ман:
Шодист ё Ҳодист он?

*Убайд Раҷаб*

Шеърро ифоданок хонед? Шеър аз чанд мисраъ ва байт иборат аст? Ҳиҷоҳои як байтро ҳисоб кунед.

Ҳодиву Шодӣ дар кучо зиндагӣ мекарданд? Шодӣ чӣ хел писар буд? Ҳодӣ чӣ? Онҳо чандсола буданд? Шодӣ чӣ кор мекард? Ҳодӣ чӣ? Ба фикри шумо гӯянда ҷӯраи Шодӣ буд ё Ҳодӣ?

Имлои дунафарӣ.
Шодӣ, Ҳодӣ, ҷӯра, ошён, қадбаланд, хӯрдан, гиря, гӯй

Аз шеър калимаҳоеро, ки ба саволҳои Кӣ? Киҳо? ва Чӣ хел? Чӣ гуна? ҷавоб мешаванд, ёфта нависед.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? |
|---|---|
| | |

Дар бораи Шодӣ ва Ҳодӣ дуҷумлагӣ нависед. Аз мазмуни шеър истифода баред. Намуна: Шодӣ хароби қадбаланд аст.

## ДАРСҲОИ 9-10

Саволи "Чӣ кор кардан?" амалро мефаҳмонад. Якчанд намуна оред. Масалан, хондан, навиштан ва ғайра.

## КОРИ ХАТО

Дилшод аз мактаб омаду либосҳояшро иваз кард. Ба таги дарахти себ омада, хост, ки себ чинад. Аммо қадаш нарасид. Ӯ бо як азоб шохеро хам кард. Ҳанӯз себ начинда буд, ки шохи дарахт шикаст. Дилшод парвое накарда себҳояшро чинду ба хона рафт.

Шаб шуд, ҳама хоб рафтанд. Дилшод ҳам хоб кард. Ӯ дар хоб дид, ки аз кӯҳи баланде меафтад. Дар наздаш касе нест, ба ғайр аз он дарахти себ. Дилшод дар лаби ҷар овезон аст ва аз дарахти себ хоҳиш мекунад, ки ба ӯ ёрӣ диҳад. Дарахт овоз баровarда, мегӯяд: «Агар ту дирӯз шохи маро намешикастӣ, ҳоло ба ту ёрӣ медодам». Ҳамин лаҳза дастонаш аз хастагӣ кушода шуду ба поён афтид. Вале дар лаҳзаи охирин дарахт ба Дилшод шохаи ношикастаашро дароз кард...



Дилшод тарсида аз хоб бедор шуду зуд аз тиреза ба берун нигоҳ кард. Дид, ки дарахти себ дар ҷояш. Оҳиста ба ҷогаҳаш даромада хоб кард. Саҳар барвақт аз хоб хеста, ба назди дарахт рафт. Бахшиш пурсид. Вай фаҳмида буд, ки кори хато карда будааст. Минбаъд ӯ ҳамеша ба дарахтон ғамхорона нигоҳубин мекард.

Ба тарзи буррову равон хондани матн диққат диҳед. Матнро ба монанди омӯзгор хонед.
Ин чӣ навъи матн аст? Чӣ тавр муайян кардед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд? Матн аз чанд сархат иборат аст? Симои асосии матн кист? Бо ӯ чӣ воқеа рӯй дод? Қисми ҳақиқӣ ва тахайюлии матнро муайян кунед.



Хонандагони азиз, акнун худатон савол тартиб дода метавонед. Ҳикояро бори дигар хонед ва бо истифодаи "Чӣ кор кардан?" якчанд савол тартиб диҳед. **Намуна:** Дилшод баъди аз мактаб омадан чӣ кор кард?



Дар асоси саволҳои тартибдодаатон саволу ҷавоб кунед.



Аз матн танҳо чор калимаеро, ки ба саволи "Чӣ кор кард?" ҷавоб мегӯянд, рӯйнавис кунед. **Намуна:** омад, иваз кард



Барои ифода кардани баъзе амалҳо ба мо ду калима лозим мешавад. Ҳарчанд дар алоҳидагӣ чунин калимаҳо маънои гуногун дошта бошанд ҳам, дар якҷоягӣ маънояшонро тағйир медиҳанд. Намунаҳоро таҳлил кунед.

| | |
|---|---|
| иваз кардан | дароз кардан |
| хона рафтан | бедор шудан |
| хоб рафтан | нигоҳ кардан |
| ёрӣ додан | аз хоб хестан |
| хоҳиш кардан | нигоҳубин кардан |



Бо истифодаи калимаҳои сутуни чапи машқи боло ҷумла нависед. **Намуна:** Ман мошинчаамро бо қаламдони Насим **иваз кардам.**



Ҷумлаҳои навиштаатонро бо ҷумлаҳои навиштаи ҳамнишинатон муқоиса кунед. Кори якдигарро санҷед.



Бо истифодаи калимаҳои сутуни рости машқи боло ҷумла нависед. **Намуна:** Замира китобашро ба Манзура дароз кард.

# ДАРСҲОИ 11-12



Ба фикри шумо зимистон барои чӣ даркор аст? Шумо зимистонро дӯст медоред? Имсол зимистон хунук буд ё не?



## ЗИМИСТОН БАРОИ ЧӢ ДАРКОР АСТ?

### Қисми якум

Тобистони гунҷишкак басо хубу хуш гузашт. Очааш ба вай ҳар рӯз кирмаку магасаку малахак дошта медод. Ҳамин ки ишкамчааш пур мешуд, гунҷишкак нозунуз мекард.

– Ман ин малахакро намехӯрам! – мегуфт вай эркагӣ карда. – Ин малахак сабзтоб аст. Худат бихӯр! Ба ман малахаки кабудтоб биёр!

Гунҷишк ин малахакро худаш хӯрда, ба ҷустуҷӯи малахаки кабудтоб мерафт.

Баъзан гунҷишк ягон дона гелоси ҳил –ҳил пухтаро гирифта меовард. Гунҷишкак ташнаву гурусна бошад, чичикунон ба гелос минқор мезаду зуд нӯши ҷон мекард. Аммо серу беғам бошад, баҳона меҷуст.

– Ман аз гелос безорам, – мегуфт вай. – Минқору даҳонам суп-сурхи баднамуд мешаванд. Гелосро худат бихӯру барои ман ангури сиёҳ биёр!

Гунҷишк гелосро худаш хӯрда, ба суроғи ангури сиёҳ мерафт. Вале гунҷишкак ангури сиёҳро ҳам намехӯрд. Охир вай ташнаву гушна набуд!

– Ангур дона дорад, – мегуфт вай. – Ба ман ангури бедона биёр!




Қисми аввали матнро хонед. Гӯед, ки ин чӣ навъи матн аст? Аз рӯйи кадом хусусиятҳояш фаҳмидед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?


Мазмуни қисми якуми афсонаро муҳокима кунед. Рафтори гунҷишкакро баҳо диҳед. Ӯ чӣ гуна аст? Модараш-чӣ?


Тарзи тартиб додани саволро машқ мекунем. Нигаред ба намуна ва онро таҳлил кунед.

**Кӣ?** **Кай?** **Чӣ?** **Чӣ кор мекард?**

**Очааш ба вай ҳар рӯз кирмаку магасаку малахак дошта медод.**

Саволҳо:
1. **Кӣ** ба вай ҳар рӯз кирмаку магасаку малахак дошта медод?
2. Очааш ба **кӣ** ҳар рӯз кирмаку магасаку малахак дошта медод?
3. Очааш ба вай **кай** кирмаку магасаку малахак дошта медод?
4. Очааш ба вай ҳар рӯз **чӣ** дошта медод?
5. Очааш ҳар рӯз **чӣ кор мекард**?


Ба ҷумлаи зерин савол тартиб диҳед.

Баъзан гунҷишк ягон дона гелоси ҳил-ҳил пухтаро гирифта меоварад.


Аз матн барои ҳар як сутуни ҷадвал ду калима ёфта нависед.

| Кӣ? Киҳо? | Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кард? |
|---|---|---|---|
| | | | |

## ДАРСҲОИ 13-14


Қисми аввали афсонаро ба хотир оред. Гунҷишкак чӣ гуна буд?

### ЗИМИСТОН БАРОИ ЧӢ ДАРКОР АСТ?

#### Қисми дуюм

Ҳамин тавр, тобистону тирамоҳ гузаштанду зимистон омад. Барф борид, ҳаво сард шуд. Гунҷишкак, ки ҳанӯз яксола нашуда ва ҳаргиз барфро надида буд, аввал ҳайрон, баъд норозӣ шуд.

Вай аз очааш пурсид: – Чаро зимистон шуд? Чаро барф борид? Ба ман сармо маъқул нест!

Гунҷишк ба ин саволҳои чӯҷааш ҷавоб надод. Фақат кӯтоҳакак гуфт: – Зимистон барои чӣ даркор аст, чӯҷаҷон, сонитар мефаҳмонам!

Ҳамон сол зимистон хеле сард омад. Замин ҳамеша барфпӯш буд. Гунҷишкон баъзан ягон дона наёфта бо умед дар пеши тирезаи одамон мунтазир менишастанд.

"Шояд одамон дастархонашонро афшонанду як-ду нонреза хӯрем", – мегуфтанд онҳо.

Боре дар назди тиреза, вақте ки мунтазири нонреза буданд, гунҷишкак ба очааш гуфт: – Очаҷон, ту барои ман малахаку магасак меовардӣ, гелосу ангур ёфта меовардӣ! Оҳ, чӣ қадар ширину гуворо буданд онҳо!

Гунҷишк гӯё мунтазири ҳамин фурсат буд, ки гуфт: – Акнун фаҳмидӣ, ки зимистон барои чӣ даркор будааст? Барои он ки ба қадри рӯзҳои гарму форам ва нозу неъмати фаровон бирасем! Гунҷишкак, албатта, фаҳмид, вале иқрор нашуд. Вай шарм дошт.

*Азизи Азиз*


Бо ин афсона муаллиф ба мо чӣ гуфтанӣ аст? Он ба мо чӣ дарси ибрат медиҳад? Оё шумо ягон кӯдакеро, ки ба монанди гунҷишкак бошад, медонед?



Афсонаро бори дигар хонед ва доир ба мазмуни он саволҳо тартиб диҳед. Дар нақши гунҷишкак ё модараш бозӣ карда, бозии "Курсии сеҳрнок"-ро иҷро кунед.

Мазмуни афсонаро дар гурӯҳҳо бонавбат нақл кунед.

ҷустуҷӯй, биёр, хӯрдан, ягон, баъзан, нӯшидан, сиёҳ, баъд, кӯтоҳ, чӯҷа, барфпӯш, гӯё, рӯз, фаҳмидӣ

Ҳар як калима маъно дорад. Афсонаро ба хотир оварда, ба сутунҳои ҷадвал калимаҳои мувофиқ ёфта нависед.

| Фасли сол | Мева | Ҳашарот |
|---|---|---|
| | | |

Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед.

1) Чаро гунҷишкак ҳаргиз барфро надида буд?
2) Чаро гунҷишкон дар пеши тирезаи одамон менишастанд?
3) Барои чӣ зимистон даркор аст?

Калимаҳоро мувофиқи мазмунашон ба чор гурӯҳ ҷудо кунед. Баъзе калимаҳоро метавонед дар якчанд сутун нависед.

| Баҳор | Тобистон | Тирамоҳ | Зимистон |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Калимаҳо:** барф, борон, ях, баргҳои зард, ҳавои сард, раъду барқ, бедоршавии табиат, гарм, ҳавои абрнок, шукуфтани гулҳо, ҷамъоварии ҳосил, июн, июл, август, сентябр, октябр, ноябр, декабр, январ, феврал, март, апрел, май, яхмолакбозӣ, оббозӣ, пахтачинӣ, мевачинӣ, шудгор кардан, ниҳол шинондан, Соли нав, Рӯзи модарон, Наврӯз, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ.

## ДАРСҲОИ 15-16



Кадом нишонаҳои омадани баҳорро медонед? Дар бораи нишонаҳои омадани баҳор нақл кунед.

### ГУЛИ АВВАЛИН

Зебо, сияҳгӯш,
Ҷоят баланд аст.
Бишкуфтани ту
Бас дилписанд аст.

Ҳар кас, ки ҳар ҷо
Рӯйи ту бинад,
Наздат нишинад,
Як даста чинад.

Рӯят мусаффо,
Поки базебӣ,
Ин қадр, охир,
Ту дилфиребӣ!

Ҳар сол орӣ
Бӯйи баҳорон,
Файзи табиат
Аз кӯҳсорон.

Ҳастӣ, сияҳгӯш,
Ҳуснофари кӯҳ,
Шоҳи гулонӣ,
Тоҷи сари кӯҳ.

Моро азизӣ
Чун аввалин гул,
Эй пайки Наврӯз,
Зеботарин гул!

*Мариана Фофанова*






Шеърро ифоданок қироат кунед. Мисраъ ва байтҳои шеърро ҳисоб кунед. Калимаҳои ҳамқофияро ёбед ва нависед.

Шоира ба кадом мақсад дар шеър калимаҳои зеринро истифода бурдааст? Ба ин калимаҳо савол гузоред.

дилписанд, мусаффо, базеб, дилфиреб, ҳуснофар, зеботарин

Бо истифодаи калимаҳои боло ба монанди намуна ҷумла нависед. **Намуна:** Сияҳгӯш гули дилписанд аст.

Калимаҳое, ки ба саволҳои Чӣ хел? Чӣ гуна? ҷавоб мешаванд, аломати ашёро мефаҳмонанд. **Намуна:** сурх, сафед, калон



Аломатҳои бештари ашёи зеринро нависед. Гурӯҳе, ки зиёдтар калима менависад, ғолиб дониста мешавад.

| **Ашё (Чӣ?)** | **Аломат (Чӣ хел? Чӣ гуна?)** |
|---|---|
| Анор (мева) | **Намуна:** сурх |
| Садбарг (гул) | |
| Асп (ҳайвон) | |
| Саг (ҳайвон) | |



Дар асоси ҷадвали пуркардаатон ба монанди намуна саволу ҷавоб кунед. **Намуна:** Анор чӣ гуна мева аст? Анор меваи сурх аст.

Дар асоси ҷадвали пуркардаатон ба монанди намуна ҷумла нависед. **Намуна:** Анор меваи сурх аст.

# ДАРСҲОИ 17-18

## МУКОЛАМА



Мо агар ягон чизро донистан хоҳем, савол медиҳем. Нигаред ба расмҳо, симоҳо чӣ мепурсанд ва чӣ ҷавоб мегардонанд?




Шоҳ Мӯйсафед Шоҳ



Шумо дар матнҳои хондаатон саволу ҷавоби байни симоҳоро бисёр мушоҳида кардаед. Биёед, акнун дар матн навиштани саволу ҷавобро машқ мекунем.

Расми 1.

– Кӣ пару болатро канд? – пурсид шоҳ.
– Як пиразан, – ҷавоб дод шоҳин.



Саволу ҷавоби расми дуюмро худатон нависед.



Калимаҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Калимаҳо: гург, писарбача, мӯйсафед, шоҳ, хорпушт, деҳқон, гунҷишк, шоҳин, акка, зоғ, асп, харгӯш, саъба

| Одам | Ҳайвон (паранда) | Мева |
|---|---|---|
| | | |



Расмҳоро бодиққат мушоҳида кунед. Дар гурӯҳ муҳокима карда, гуфтугӯйи симоҳоро фикр кунед. Саволу ҷавоби онҳоро нависед. Нигаред ба намунаи оғози дарс.






Саволу ҷавоби таҳиякардаатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед.



Вақте ки ба хона меравед, ба саволҳои падару модар, бародару хоҳаратон диққат диҳед. Яке аз саволу ҷавоби худ ва аҳли оилаатонро нависед. Нигаред ба намуна.

**Намуна:**

– Имрӯз ягон баҳои панҷ гирифтӣ? – пурсид модарам.
– Ҳа, ман ду баҳои панҷ гирифтам, – ҷавоб додам ман.

# ДАРСҲОИ 19-20

Сулҳу оромии Ватанамонро киҳо муҳофизат мекунанд? Дар бораи Рӯзи Артиши Миллӣ чӣ медонед? Бародар ё хоҳари шумо аскар будаанд?

## КАЙ МАН КАЛОН МЕШАВАМ?



Ман, чун калон мешавам,
Ба аскарӣ меравам!

Мепӯшам бар сари худ
Каллапӯши хушнамуд,

Аз они аком барин,
Ситорачааш заррин.

Камзӯлаки пагондор,
Тугмачаҳояш – қатор.

Маҳкам тасма мебандам,
Ин хел мемонам қадам:

Яку дую сею чор! –
Аскари таппа-тайёр!

Кай ман калон мешавам?!
Кай аскарӣ меравам?!

*Озод Аминзода*



Шеърро ифоданок хонед. Мисраъ ва байтҳои шеърро таҳлил кунед.

Шоира пироҳани аскарро чӣ гуна тасвир кардааст? Аз матн мисол оред.

Ба калонсолони аҳли оилаатон, ки хизмати Ватанро адо кардаанд ё дар артиш хизмат мекунанд, табрикнома нависед.

Шеърро аз ёд кунед.
Аъзои оилаатонро бо Рӯзи Артиши Миллӣ табрик кунед.

## ДАРСҲОИ 21-22



Дар бораи Ватан ва ҳифзи он шеър медонед? Шеъри дӯстдоштаатонро қироат кунед.



### СУРУДИ САДОҚАТ

Аё Тоҷикистони озоди ман,
Умеди дилу хотири шоди ман.
Чу фарзанди ту ҳозирам бар дифо,
Ба ҳифзи ту ҷонро намоям фидо.

Ватан, боиси ифтихорам туӣ,
Ватан, мабдаи эътиборам туӣ,
Ватан, тору пуди вуҷудам туӣ,
Ватан, қиблагоҳи суҷудам туӣ.

Манам ворисӣ Рустами Достон,
Чу Восеъи размовари паҳлавон,
Чу сарбози Темурмалики замон,
Наёбад зи ман душмани ту амон.

Зи Хатлону Рашту Бадахшони ту,
Хуҷанд, Истаравшан, Зарафшони ту,
Ҳисори чу боғи гулафшони ту,
Шуда муттаҳид родмардони ту.

Ба софии оби зулолат қасам,
Ба покии хоку ҷалолат қасам,
Зи кӯҳсору водӣ – ҳама тоҷикем,
Ҳама аз дилу ҷон ба ту содиқем.

*Кароматулло Олимзода*



Шеърро ифоданок қироат кунед. Миқдори мисраъ ва байтҳоро шумуред.



Шоир ватанро чӣ гуна васф кардааст? Худро ба кӣ монанд кардааст? Кадом мисраъ ё байтҳо ба шумо бештар маъқул шуд? Чаро?



Имло: эътибор, Восеъ, муттаҳид, кӯҳсор, водӣ, туӣ.



Исмҳои хосро аз матн ёфта нависед.



Ба монанди намуна аз шеър ибораҳоро ёфта нависед. Намуна: размовари паҳлавон.

**мабдаъ** – ҷойи пайдоиш, асл
**қиблагоҳ** – макони парастиш
**ворис** – давомдиҳандаи кор
**размовар** – ҷанговар
**зулол** – оби бисёр соф
**ҷалол** – бузургӣ, бузургворӣ
**родмард** – марди сахӣ, дасткушод, ҷавонмард

## ДАРСҲОИ 23-24



Зимистон ба охир расида истодааст. Барфҳо об мешаванд. Ба фикри шумо Бобои Барфӣ ба куҷо меравад?



### ГАРМШАВИИ ҶАНГАЛ



Ҳаво гарму нарму форам буд! Заррачаҳои барф печу тоб хӯрда, бо нармию оҳистагӣ ба замин мефуромаданду ҳамон лаҳза об шуда, нопадид мегаштанд.

Аз ҷангал бӯйи баҳор меомад. Хорпуштак дар айвончаи хоначаи худ нишаста, аз ҳавои гарму форам нафас мекашид ва қаноатмандона табассум мекард.

“Ақли кас бовар намекунад, ки дирӯзакак, – фикр мекард ӯ, – шоххҳои дарахтҳои ҷангал аз шиддати сармо қирс-қирс зада қариб ки мешикастанд ва Бобои Барфӣ дар пойҳояш мӯзаҳои калон-калони намадин дар паси тирезаҳо бадқаҳрона қадам мезаду ғур-ғур мекард. Аммо имрӯз бошад, аз ӯ на пай ҳасту на ҳайдар, касе намедонад, ки ӯ ба куҷо рафтааст. Воқеан, Бобои Барфӣ куҷо ғайб задааст?”

Хорпуштак муайян карданӣ шуд, ки Бобои Барфӣ бояд дар куҷо пинҳон шуда бошад.

“Шояд ӯ ба дарахти санавбар баромада бошад, ба худ андешид Хорпуштак, – пас мӯзаҳои калон-калони намадинаш, ки бояд онҳоро кашида дар зери санавбар мемонд, куҷо шудаанд, охир. Ба болои санавбар бо мӯзаҳои намадин ҳатто Хирсак ҳам баромада наметавонад! ...

Шояд ӯ аз ҷангал тамоман баромада рафта бошад, пас, бояд изи пойи ӯро пайдо кард!”

Хорпуштак ба пойҳояш лижа пӯшиду дар миёни дарахтон ба давидан сар кард. Вале дар зери ягон дарахте мӯзаи намадин

ва дар ягон ҷое ягон хел изи пайро ҳам пайдо карда натавонист.

– Бобои Барфӣ! – фарёд кард Хорпуштак. – Ҷавоб деҳ, охир! ...

Аммо ҳама ҷо хомӯшӣ. Дар атроф танҳо пағаҳои барф печутоб хӯрда, ба замин меафтоданд ва аз ким-куҷое садои тук-туки Эзорсурхак ба гӯш мерасид.

**пағa** – резаҳои калон-калони барф

Ин кадом навъи матн аст? Чаро шумо чунин фикр доред? Воқеа дар кадом фасли сол аст? Кадом ҷумлаҳо ба шумо барои муайян кардани фасли сол ёрӣ расонданд?

Дар матн ҳаво чӣ гуна тасвир шудааст? Барои тасвири афтодани пағаҳои барф кадом амалҳо истифода шудаанд? Аз матн ёбед. Чаро Хорпуштак қаноатмандона табассум мекард? Дар тасаввуроти Хорпуштак Бобои Барфӣ чӣ гуна шахс аст? Ба фикри шумо Бобои Барфӣ ба куҷо рафтааст?

Дар гурӯҳҳо бозии "Саволу ҷавоб" гузаронед. Як нафар калимаеро мехонад, нафари дигар ба он калима савол медиҳад. **Намуна:** А: гарм  Б: чӣ хел?

гарм, нарм, форам, барф, заррачаҳо, оҳиста, об шудан, нопадид гаштан, баҳор, нишастан, айвонча, табассум, нафас кашидан, мӯза, намадин, пағa, Хорпуштак, Бобои Барфӣ, калон, пинҳон шудан, Хирсак, Эзорсурхак, пӯшидан, дарахт

Аз тирезаи синфхона ба берун нигаред. Ҳаво чӣ гуна аст, нависед. **Намуна:** Ҳаво хунук аст. Борон меборад.

Дар хона афсонаро якчанд маротиба хонед. Бо як ё ду ҷумла ба Хорпуштак нависед, ки Бобои Барфӣ дар куҷост. **Намуна:** Бобои Барфӣ ба мамлакатҳои хунук рафтааст.



## ДАРСҲОИ 25-26



Аввали афсонаро ба хотир оред. Хорпуштак ба ҷустуҷӯйи кӣ баромад? Ӯ дар куҷо буд?



### ГАРМШАВИИ ҶАНГАЛ



Хорпуштак дар ҷойи худ истод, чашмонашро пӯшид ва ба худ Эзорсурхаки зебоеро тасаввур кард, ки пару боли сурху нӯли дарозе дошт.

Эзорсурхак дар як шохи баланди санавбар меистод ва гоҳ-гоҳ сарашро ба ақиб мепартофт, чашмонашро нимкоф мекарду гӯё, ки хотираш ранҷида бошад, бо нӯлаш ба дарахт мезад: "Туқ-туқ!" Резаҳои пӯстлохи санавбар парешон шуда, хишир-хиширкунон оҳиста ба рӯйи барф меафтиданд...

"Эҳтимол, дар куҷо будани Бобои Барфиро Эзорсурхак донад, – аз дил гузаронд Хорпуштак. Охир вай дар баландӣ нишастааст ва ҳама ҷоро дида метавонад".

Ӯ давида ба назди Эзорсурхак рафт.

– Ҳой, Эзорсурхак, – аз дур фарёд кард Хорпуштак, – Бобои Барфиро надидӣ?

– Туқ-туқ! – садо баровард Эзорсурхак. – Вай рафт!

– Кадом тараф? Изи пойҳояш куҷост?

Эзорсурхак ба Хорпуштак бо лабу лунҷи овезон ва чашмони нимкоф назар афканду гуфт:

– Вай бе ному нишон рафт, дар ягон ҷо изи пойҳояшро ҳам намондааст!

– Чӣ хел? – ба ҳайрат афтода пурсид Хорпуштак.

– Ана ҳамин хел. Дар осмон, дар болои сар як пора абр пайдо шуду оҳиста-оҳиста ба поён фуромад...

– Ба куҷо? – пурсид Хорпуштак.

– Ба кӯҳи Беном. Туқ-туқ! – гуфт Эзорсурхак.

Хорпуштак хотирҷамъ шуду роҳи хонаашро пеш гирифт ва роҳравон кӯҳи Беномро тасаввур кард. Бобои Барфӣ дар болои он кӯҳ, дар пойҳояш мӯзаҳои калон-калони намадин ғирҷасзанон қадам мезанаду пеш меравад.

*Сергей Козлов, тарҷумаи Ҳикмат Раҳмат*

**нимкоф** – нимкушода, нимроғ

Давоми афсонаро хонед. Нақли гӯяндаро аз суханони симоҳо ҷудо карда, нишон диҳед.

Дар бораи аломатҳои Эхорсурхак савол тартиб диҳед. Аз саволҳои «Чӣ хел? Чӣ гуна?» истифода баред. Доир ба дигар қисмҳои афсона саволу ҷавоб кунед. Аз саволҳои «Дар куҷо?», «Чӣ пурсид?», «Чӣ ҷавоб дод?», «Чаро?» ва «Чӣ кор кард?» истифода баред.

Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: ҷой, пӯшидан, нӯл, гӯё, рӯй, эҳтимол, Эзорсурхак, баландӣ, надидӣ, ҳайрат, пойҳо, кӯҳ, хотирҷамъ, тасаввур, мӯза



Калимаҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кунед. Гӯед, ки калимаҳоро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо кардед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?

зебо, сурх, дароз, шох, санавбар, чашм, нимкоф, нӯл, нишастан, дидан, пӯстлох, барф, тасаввур кардан, партофтан, лаб, назар афкандан, пурсидан, абр, фуромадан



Дар бораи Эзорсурхак нависед. Ҷумлаҳои шумо бояд ба саволҳои "Чӣ хел?", "Чӣ кор мекунад?" ҷавоб гардонанд. **Намуна:** Нӯли Эзорсурхак тез аст.

# 7. ҶУМЛА

## ДАРСҲОИ 27-28



Шумо дар бораи расмҳои зерин чӣ медонед? Ба якдигар нақл кунед.








## ЧАРО ЭЗОРСУРХАК ДАРАХТРО СӮРОХ МЕКУНАД?

Дар ҷангалзори кӯҳсорони мо парандае зиндагӣ мекунад. Рангаш сиёҳ, нӯги парҳои қаноташ ва тоҷаш сафед, парҳои пушти гарданаш сурхи баланд мебошанд. Ин паранда эзорсурхак ном дорад.

Дар фасли тобистон эзорсурхак рӯзи дароз парвоз карда, хӯрок меҷӯяд. Ба танаи дарахт мешинад. Вай ба мисли парандаҳои дигар ба шохаҳои дарах намешинад. Медаваду ба танаи дарахт нӯл мезанад: тақ-тақ, тақ-тақ. Аз зери пӯстлохи дарахт кирм ё гамбускеро пайдо карда, мехӯрад.

Зимистон омад, ҳамаҷоро сармо фаро гирифт. Тамоми ҳашарот пинҳон шуданд. Пас, эзорсурхак дар зимистон чӣ мехӯрад? Нигаред, дар зери дарахт ҷалғӯзаҳои зиёд афтодаанд. Ин кадом дарахт аст? Ин дарахти чормағз аст, на санавбар. Пас, чаро дар зери он ҷалғӯзаҳои санавбар афтодаанд?

Ногоҳ ба дарахти чормағз эзорсурхаке парида омад. Дар нӯлаш ҷалғӯза овард. Ҷалғӯзаро ба тарқиши танаи дарахт гузошта, онро бо нӯлаш мекӯбад. Донаҳои ҷалғӯзаро гирифта, барои овардани ҷалғӯзаи дигар парвоз мекунад. Ҷалғӯзаи дигар оварда, онро ба тарқиш гузошта, ҷалғӯзаи пешинаро ба берун тела медиҳад. Ана барои чӣ дар зери дарахти чормағз ҷалғӯзаҳои санавбар афтодаанд. Эзорсурхак дар зимистон донаҳои ҷалғӯзаро мехӯрад.

Ин чӣ навъи матн аст? Аз чанд сархат иборат аст? Дар сархати якум сухан дар бораи чӣ меравад? Дар сархатҳои боқимонда-чӣ? Ҳар як сархатро номи алоҳида гузоред. Номи сархат бояд мазмуни онро инъикос кунад.

Ҷумлаҳои матнро ҳисоб кунед. Ҷумларо чӣ тарз муайян кардед? Чӣ ба шумо ёрӣ расонд?

Калимаҳои алоқаманд ҷумларо ташкил медиҳанд. Дар ҷумла фикр ба охир мерасад.

Ҷумлаи зерин аз чанд калима иборат аст? Калимаҳоро дар алоҳидагӣ менависем. Чӣ ҳосил шуд?

Дар ҷангалзори кӯҳсорони мо парандае зиндагӣ мекунад.

Дар, ҷангалзор, кӯҳсорон, мо, паранда, зиндагӣ, мекунад.

Калимаҳоро дар ҷумлаи боло чӣ алоқаманд кардааст?

Калимаҳои зеринро алоқаманд карда, ҷумлае, ки фикри томро ифода мекунад, нависед.

1. Ман, дар, синф, ду, хондан. Намуна: Ман дар синфи дуюм мехонам.
2. Дар, фасл, зимистон, ҳаво, сард, будан.
3. Барфҳо, боло, бом, об, шудан.
4. Ман, бегоҳ, дарс, тайёр, кардан.
5. Камзӯл, Замира, сурх, будан.
6. Эзорсурхак, дона, ҷалғӯза, хӯрдан.

Аз матнҳои китоб чор ҷумларо интихоб кунед. Калимаҳои онҳоро алоҳида нависед. Дарси оянда ҳамнишинатон онҳоро дуруст алоқаманд карда, ҷумла тартиб медиҳад.
Намуна: **Ҷумла:** Ногоҳ ба дарахти чормағз эзорсурхаке парида омад. **Калимаҳо:** Ногоҳ, ба, дарахт, чормағз, эзорсурхак, парида омадан.

## ДАРСҲОИ 29-30

Хонандагони азиз, аз дарси мазкур сар карда то дарси 34 мо дар асоси як матн якҷоя тарзи хондану таҳлил карданро аз худ мекунем. Матни мураккабтарро порча-порча мехонем. Савол тартиб медиҳем, таҳлил мекунем ва фикрамонро оид ба порчаҳо баён мекунем. Барои ҳамин ҳам, мо бояд ба ҳар як вазифа диққати ҷиддӣ диҳем.

### ТАБИАТИ МО ДАР БАҲОР

Порчаи якуми матнро се маротиба хомӯшона хонед.

### ҚИСМИ ЯКУМ

Баҳорро фасли бедоршавии табиат меноманд. Дар ин фасл рустаниҳо ва ҳайвоноте, ки ба хоби зимистона рафтаанд, бедор мешаванд. Агар мо баҳорро модари фаслҳо гӯем, хато намекунем. Чунки баракату зебоии дигар фаслҳо аз файзи баҳор аст...



Ба порчаи якум чӣ ном мегузоред? Чаро? Кадом ҷумлаи матн ба расм мувофиқ аст?

Аз матн барои ҳар се сутуни ҷадвали зерин дукалимагӣ ёфта нависед.

| Кӣ? Чӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кардан? |
|---|---|---|
| | | |

Дар асоси маълумоти дар ҷадвал омада, якчанд ҷумла нависед.

| | | |
|---|---|---|
| Дар фасли баҳор | гулу дарахтон<br>дашту даман<br>табиат<br>ҳайвонот | бедор шудан<br>шукуфтан<br>сабз шудан |

## ДАРСҲОИ 31-32

Дар асоси маълумоти ҷадвал ҷумла гӯед. Намуна: Дар фасли баҳор деҳқон ниҳол мешинонад.

| Кӣ? Киҳо? Чӣ? Чиҳо? | Чӣ кор кардан? |
|---|---|
| Деҳқон<br>Барфҳо<br>Сабза<br>Дарахтон<br>Гулҳо<br>Ҳаво | гарм шудан<br>шукуфтан<br>барг баровардан<br>кишту кор кардан<br>ниҳол шинондан<br>об шудан |

Дар асоси маълумоти ҷадвал ҷумла нависед. Намуна: Дар фасли баҳор барфҳо об мешаванд.

Порчаи дуюмро се маротиба хомӯшона хонед. Бо ҷумлаҳои навиштаатон муқоиса кунед. Чӣ фарқро мушоҳида кардед?

## ТАБИАТИ МО ДАР БАҲОР

### Қисми дуюм

Дар аввали баҳор ҳаво андак-андак гармтар шуда, яху барфҳо ба обшавӣ сар мекунанд. Деҳқонон ба ҷӯйтозакунию ниҳолшинонӣ ва кишту кори зироат шурӯъ мекунанд.

Дар ин айём аз замин сабза медамад, муғчаҳо калон шуда, дарахту буттаю гиёҳ паси ҳам гул карда, барг мебароранд. Аввал сиёҳгӯшу қоқу, бойчечаку бодом, баъд зардолую шафтолу гул мекунанд.

Ин порча аз чанд сархат иборат аст? Ба сархатҳо номи мувофиқ гузоред. Мазмуни калимаҳои мураккабро муайян кунед.

Ҷумлаҳои дар аввали дарс навиштаатонро пурратар созед.
Намуна: 1а. Дар фасли баҳор барфҳо об мешаванд.
1б. Дар фасли баҳор барфҳо ва яххо об мешаванд.

# ДАРСҲОИ 33-34



Порчаҳои якум ва дуюмро ба хотир оред. Дар онҳо сухан дар бораи чӣ мерафт?



Порчаи сеюмро се маротиба хомӯшона хонед. Гӯед, ки барои тасвири баҳор нависанда кадом калима ва ибораҳоро истифода кардааст?

## ТАБИАТИ МО ДАР БАҲОР

### Қисми сеюм

Парандаҳое, ки бо сабаби сардии ҳавои тирамоҳу зимистон ба ҷойҳои гармтар парвоз карда рафта буданд, боз парвоз карда меоянд. Онҳо лонаҳои куҳнаро ёфта, таъмир мекунанд, ё аз нав сохта, бо рангу ҳаракату овозашон муҳити зисти моро хеле зебою форам месозанд.

Боронҳои баҳорӣ, хониши парандагон, ранги зебои табиат, вазиши боду шилдир-шилдири обҳо дар вуҷуди кас як олам фикру хаёли навро бедор мекунад. Дар ин фасл иду маросимҳо зиёданд. Масалан, Иди модарон, ҷашни Наврӯз, маросими ҷуфтбаророн, бозии бодбаракон, маросими сайри лола, рӯзи парандагон ва ғайра паси ҳам меоянд.

*Содиқ Акрамов*



Мавзӯи асосии сархати якумро муайян кунед.
Дар сархати дуюм кадом хусусиятҳои баҳор тасвир шудаанд?



Дар асоси ҷумлаи (сархати) якуми матн якчанд ҷумлаи нав нависед. **Намуна:** Парандаҳо боз меоянд.



Имлои дунафарӣ.
ҷой, таъмир, ёфт, баҳорӣ, хаёл, зиёд, Наврӯз, сайр.



Аз матн панҷ набораро ҷудо карда нависед.
**Намуна:** сайри лола

## ДАРСҲОИ 35-36



Иборaҳоро бо расмҳо мувофиқ гузоред.

1. Лонаҳои куҳна
2. Борони баҳорӣ
3. Хониши парандагон
4. Вазиши бод
5. Шилдир-шилдири обҳо
6. Бозии бодбаракон
7. Маросими ҷуфтбаророн
8. Сайри лола
9. Рӯзи парандагон
10. Кишту кори зироат






Дар бораи расмҳо суҳбат кунед. Аз ибораҳои боло истифода баред.



Дар бораи расмҳо панҷ ҷумла нависед. Аз ибораҳои боло истифода баред.



Дар бораи сайри лола чӣ медонед? Шумо ягон маротиба дар чунин базм иштирок кардаед?



Шеърро ифоданок қироат кунед. Ҳиҷоҳои ҳар як мисраи ду байти аввалро ҳисоб кунед.

## БАЗМИ ЛОЛА

Лола, лола, ҳай лола,
Булбул омад ба нола.
Қаҳ-қаҳа зад кабки маст
Аз сари кӯҳу ёла.

Наврӯзу навбаҳор аст,
Дар пушта лолазор аст.
Селаи турнаро бин,
Дар осмон қатор аст.

Кӯҳу даман – пурлола,
Боғу чаман – пурлола.
Сӯйи хона меоям,
Ду дасти ман – пурлола.

Дар кӯҳу дашту саҳро
Шуд базми лола барпо.
Ҳай, ҳай, чӣ хуш баҳор аст!
Ҳай, ҳай, чӣ лола зебо!

*Нуъмон Розиқ*

Базми лоларо шоир чӣ гуна васф кардааст? Дар байти дуюм кадом паранда тасвир шудааст? Ба шумо шеър маъқул шуд? Чаро?

Дунафарӣ машғул шуда, шеърро ба ҳамдигар қироат кунед. Ҳангоми қироат манзараи базмро тасаввур кунед.

Дар фасли баҳор дашту даман сабзапӯш мешавад. Гулу дарахтон мешукуфанд. Табиат бедор мешавад.

## ДАРСҲОИ 37-38

### БАҲОРИЯ



Баҳор омад, садои булбул омад,
Насими фораму бӯйи гул омад.
Либоси сабзро саҳро ба бар кард,
Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.
Пас аз боридани борони найсон
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон!
Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, бачагон, дар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯйи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
«Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу зардолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.»

*Мирзо Турсунзода*

**садо –** овоз
**найсон –** борони баҳор, маҳин
**болида –** хурсандона, шодона
**ҷӯш –** ҳаракат, ҷӯшу хурӯш

Шеърҳои "Базми лола" ва "Баҳория"-ро муқоиса кунед. Калимаҳоеро, ки дар ҳар ду шеър истифода шудаанд, нависед. **Намуна:** булбул ...

Ба ҳашт мисраи аввал савол гузоред. Байни гурӯҳҳо саволу ҷавоб кунед. Мисраи 1. Чӣ? 2. Чӣ? 3. Чӣ гуна? 4. Чӣ гуна? 5-6. Кай? 7. Чӣ? 8. Киҳо? **Намуна:** Мисраъҳои 5-6. Кай дашту кӯҳсорон зебо мегарданд?

Чор мисраи шеърро ба ҷумла баргардонед. **Намуна:** Дар боғи мо дарахтони нок, анор ва ток мерӯянд. (Мисраъҳои 13 ва 14)

# ДАРСҲОИ 39-40

## КОРИ ЛОИҲАВӢ

## ҲИКОЯ ДАР БОРАИ БАҲОР



Хонандагони азиз! Шумо дар бораи баҳор тасаввуроти зиёд пайдо кардед. Вақти он расидааст, ки дар бораи баҳор ҳикоя нависед. Аввал дар бораи баҳор суҳбат кунед.



Дунафарӣ машғул шуда, дар асоси мазмуни дарсҳои пешин ҷадвалро пур кунед. Ба ҷадвал сатрҳои нав илова карда метавонед.

| Чӣ? Чиҳо? Кӣ? Киҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| **Намуна:** Барф | сафед, хунук | об шудан. |
| Ҳаво | | |
| Дарахтон | | |
| Гулҳо | | |
| Кӯҳу чаман | | |
| Замин | | |
| Ҳайвонот | | |
| Деҳқон | | |



Акнун ба навиштани ҳикоя оғоз кунед. **Намуна:** Дар фасли баҳор барфҳои сафед об мешаванд.



Ҳикояи навиштаи якдигарро хонед ва якҷоя ғалатҳоро ислоҳ кунед.



Ҳикояи навиштаатонро пурра кунед ва бо расм оро диҳед. Онро ном гузоред.

# ДАРСҲОИ 41-42



Шумо модаратонро дӯст медоред? Гуфта метавонед, ки барои чӣ ӯро дӯст медоред?



Матнро хонед ва бо гуфтаҳои худ муқоиса кунед.

## БАРОИ ЧӢ МОДАРАМРО ДӮСТ МЕДОРАМ?

Омӯзгор дар дарс аз хонандагон пурсид:

– Барои чӣ шумо модаратонро дӯст медоред?

Модари Рустам сохтмончӣ аст. Ӯ гуфтан мехост, ки: «Ман модарамро барои он дӯст медорам, ки ӯ хона месозад», аммо нагуфт. Агар модараш дӯзанда мебуд, оё ӯро дӯст намедошт. Агар духтур бошад-чӣ?

Замира гуфтан мехост, ки: «Ман модарамро барои он дӯст медорам, ки хӯроки бомаза мепазад», аммо ӯ ҳам чизе нагуфт. Рӯзе модараш ба меҳмонӣ рафта буд. Падараш хӯрок омода кард. Лекин Замира модарашро бад надид-ку?

Рамзия аз ҷой хеста гуфт:

– Вақте ки ман бемор бошам ё ягон ҷоям дард кунад, модарам маро навозиш мекунад. Ман сиҳат мешавам. Ман барои ҳамин модарамро дӯст медорам.

– Ман ҳам барои ҳамин! – дод зад Рустам.

– Ман ҳам ... гуфт Замира.

Маълум шуд, ки ҳамаи кӯдакон модарашонро барои ғамхориву меҳрубонияш дӯст медоштаанд.



Модари Рустам чӣ кор мекунад? Рустам модарашро барои чӣ дӯст медорад? Оё Замира модарашро барои хӯроки бомаза пухтанаш дӯст медорад? Рамзия чӣ гуфт? Чаро дигарон ба суханони Рамзия ҳамроҳ шуданд? Шумо низ суханони Рамзияро дастгирӣ мекунед? Чаро?



Дар бораи модаратон нақл кунед. Аз ҷадвали поён истифода бурда метавонед. Ба ҷадвал калимаҳои нав илова карда метавонед. **Намуна:** Модари ман ҳалиму меҳрубон аст. Ӯ роҳ месозад.

| Кӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Модар | ҳалим<br>меҳрубон<br>зебо<br>ҳунарманд<br>хирадманд<br>самимӣ<br>ростқавл<br>меҳмондӯст<br>хушмуомила | дарс медиҳад.<br>табобат мекунад.<br>хона месозад.<br>роҳбарӣ мекунад.<br>китоб менависад.<br>роҳ месозад.<br>таоми бомаза мепазад.<br>гул парвариш мекунад.<br>мошин меронад. |



Дар асоси маълумоти ҷадвали боло чор ҷумла нависед. **Намуна:** Модари ман ҳунарманд аст. Модари ман гул парвариш мекунад.





Ҷумларо давом диҳед.
Ҷумла: Ман модарамро дӯст медорам, барои он ки ...

## ДАРСҲОИ 43-44



Чӣ будани афсонаро ба хотир оред. Афсона чӣ хусусият дошт?



# МОДАР БАРОИ МАМОНТИ ХУРДАКАК

**(Қисми якум)**



Ин воқеа дар соҳили уқёнуси дури Яхбаста рӯй додааст. Боре мавҷҳои уқёнус пораи кӯҳи яхинро шикастанд. Ҳаво гарм шуд ва ях оҳиста-оҳиста об шуд. Дар дохили пораи ях Мамонти хурдакаки яхбаста буд. Вай аз нурҳои офтоб гарм шуда, ҷон даровард.

Модарҷон! – фарёд зад Мамонти хурдакак, аммо ба ӯ касе ҷавоб надод. Ӯ камтар интизор шуд. Баъд ба ҷустани модараш рафт.



Мамонти хурдакак хеле роҳ рафт. Гоҳ-гоҳ меистод ва модарашро ҷеғ мезад. Аммо модараш дар ҳеҷ куҷо набуд. Мамонти хурдакак монда шуд. Гурусна монд.

Ту кистӣ? – овози касеро шунид. Ин Гавазн буд.

Мамонти хурдакак Гавазнро ҳеҷ гоҳ надида буд ва тарсид.

– Ман модарамро мекобам! – гуфт ӯ.

– Ту тифл ҳастӣ!” – ҳайрон шуд Гавазн.

– Бале, ман кӯдакам, – гуфт Мамонти хурдакак. – Ман хоб будам, бедор шудам, дидам, ки модарам нест! – гуфта оҳи сард кашид.

– Ман модари туро ҳеҷ гоҳ надидаам! – гуфт Гавазн. – Шояд ӯро амаки Морж дида бошад?



Амаки Морж Мамонти хурдакакро дида, дар ҳайрат афтод.

– Ту кистӣ? – пурсид ӯ.

– Ман кӯдакам! – гуфт Мамонти хурдакак. Ман хоб будам, бедор шудам, дидам, ки модарам нест!

– Модарат чӣ ном дорад? – пурсид амаки Морж.

– Модар! – ҷавоб дод Мамонти хурдакак.

Амаки Морж ба хотир овард, ки дар давраҳои қадим дар Шимол ҳаво гарм буд ва дар ин ҷо ҳайвонҳои калон зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба Мамонти хурдакак хеле монанд буданд. Аммо, вақте ки ҳаво хеле сард шуд, онҳо ба Африқо рафтанд.


мамонт


гавазни шимолӣ


морж

Матнро хонед. Симоҳои онро муайян кунед. Макони воқеаро муайян намоед.

Чаро пораи кӯҳи яхин шикаст? Мамонти хурдакак дар куҷо буд? Чаро Мамонти хурдакак, ки ях карда буд, ҷон даровард? Аввалин сухани Мамонти хурдакак чӣ буд? Ҳайвони якуме, ки Мамонти хурдакак вохӯрд, чӣ буд? Чаро Мамонти хурдакак аз Гавазн тарсид? Гавазн ва Мамонти хурдакак дар бораи чӣ суҳбат карданд? Ба куҷо рафтанд? Амаки Морж чӣ гуфт?

Имлои дунафарӣ.
воқеа, уқёнус, рӯй, яхбаста, кӯҳ, яхин, фарёд, баъд, кистӣ, кӯдак, ҳайрат

Ҷумлаҳоро идома диҳед.

1. Ҳаво гарм шуд ва ...
2. Мамонти хурдакак Гавазнро диду ...
3. Ҳаво хеле сард шуд ва мамонтҳо ба ...

1. Матнро дар хона се маротиба мустақилона хонед.
2. Суҳбати Мамонти хурдакак ва Гавазнро аз матн ёфта, рӯйнавис кунед.

## ДАРСҲОИ 45-46



Қисми аввали афсонаро ба хотир оред. Мамонти хурдакак киро мекофт? Бо кӣ вохӯрд? Чӣ маслиҳат доданд?



# МОДАР БАРОИ МАМОНТИ ХУРДАКАК

### (Қисми дуюм)









– Ман ҳам ба Африқо рафтан мехоҳам! – гуфт Мамонти хурдакак. – Ман модарамро ёфтан мехоҳам.

– Ту наметарсӣ? – пурсиданд амаки Морж ва Гавазни шимолӣ.

– Не наметарсам! – гуфт Мамонти хурдакак.

Амаки Морж ба назди соҳил яхпораи калонро овард, Гавазн бошад, барои Мамонти хурдакак алаф овард, то ӯ дар роҳи сафар ба Африқо гурусна намонад. Ӯ ба болои ях савор шуда, ба самти Африқо шино кард.

Дере нагузашта ях об шуда шикаст.

– Модарҷон! – фарёд зад Мамонти хурдакак.

Ногаҳон делфинҳо пайдо шуданд. Онҳо Мамонти хурдакакро ба пушташон савор карда, ба тарафи хушкӣ шино карданд. Делфинҳо Мамонти хурдакакро ба соҳил партофтанд. Мамонти хурдакак чашмонашро кушод. Ин Африқо буд.

Дар назди ӯ боз Гавазне пайдо шуд. Аммо ин Гавазни дигар буд.

– Ту кистӣ? – пурсид Мамонти хурдакак.

– Ман Гавазн, Гавазни африқоӣ, – ҷавоб дод Гавазн. – Ту кистӣ?

– Намедонам, – гуфт Мамонти хурдакак. Ман модарамро мекобам. Амаки Морж гуфт, ки

модари ман дар ин ҷост.

– Ман модари туро дар ин ҷо надидаам! – гуфт Гавазни африқоӣ. – Шояд Тӯтии доно ӯро донад? Ӯ чандин сол аст, ки дар замин зиндагӣ мекунад.



Гавазн Тӯтиро ҷеғ зад. Тӯтӣ Мамонти хурдакакро дида дар ҳайрат афтода, гуфт, ки чунин ҳайвонро бори аввал мебинад. Ӯ бо Гавазн хеле зиёд фикр карданд. “Модари ин ҳайвони ғайриодиро аз куҷо ёбем.”



Матнро аз рӯйи нақшҳо хонед.



Қисмҳои якум ва дуюми афсонаро дар гурӯҳ бонавбат нақл кунед.



Амалҳои симоҳои зеринро аз ин порчаи афсона ёбед ва дар ҷадвал нависед. Нигаред ба намуна.

| **Кӣ?** | **Чӣ кор кард?** |
|---|---|
| Мамонти хурдакак | шино кард ... |
| Гавазни шимолӣ | |
| Амаки Морж | |
| Делфинҳо | |
| Гавазни африқоӣ | |
| Тӯтии хирадманд | |



Дар асоси ҷадвали тартибдодаатон ҷумла нависед. **Намуна:** Мамонти хурдакак ба тарафи Африқо шино кард.

## ДАРСҲОИ 47-48



Қисмҳои аввали афсонаро ба хотир оред. Мамонти хурдакак ба куҷо рафт? Бо киҳо вохӯрд?



# МОДАР БАРОИ МАМОНТИ ХУРДАКАК

### (Қисми сеюм)









– Ман дар куҷо будани модарашро медонам! – ногаҳон аз куҷое садо баромад.

Онҳо Маймунчаеро диданд. Дар дасти Маймунча банан буд.

– Бигир! – хитоб кард ӯ ба Мамонти хурдакак. Мамонти хурдакак бананро бо хартумаш дошт. Ҳама якҷоя дод зада гуфтанд: “Охир ин Филбача аст! Филбачаи пашмдор!”

– Ҳа, яъне ман Филбачаам! – хурсанд шуд Мамонти хурдакак. – Яъне, модари ман дар ин ҷост ва ҳамаи шумо ӯро мешиносед?

– Албатта! Номи ӯ Филочаи калон аст! – ҳама бо як овоз гуфтанд ҳайвонҳо.

Онҳо ба назди Филочаи калон рафтанд.

Шаб шуд ва моҳ баромад. Аммо онҳо мерафтанду мерафтанд. Ба як марғзоре расиданд. Дар он ҷо зери равшании моҳ Филочаи калон истода буд. Вай хоб буд.

– Модарҷон! – дод зад Мамонти хурдакак. Филочаи калон Мамонти хурдакакро дуру дароз тамошо карда, гуфт: “Ин кист?”

– Ин ман, – гуфт Мамонти хурдакак. – Ман туро дуру дароз кофтам! Ту маро нашинохтӣ? – гуфту гиря кард.

– Ту чӣ филбачаро нашинохтӣ? – пурсиданд Гавазн, Маймунча ва Тӯтӣ. – Бубин, хартум ва гӯшҳои вай ба монанди

гӯшу хартуми туст! Лекин вай пӯстин дорад, зеро ӯ аз шимол аст!

– Хомӯш! – гуфт Филочаи калон ва ба назди Мамонти хурдакак омад. Ӯ бодиққат ба Мамонти хурдакак нигоҳ карда, гуфт:

– Гиря накун. Дар ҳақиқат ту филбача нестӣ, ту Мамонти хурдакак ҳастӣ. Аммо ту фарзанди манӣ!

– Ман ҳеҷ чиз намефаҳмам! – гуфт Мамонти хурдакак. – Агар ман филбача набошам, пас барои чӣ ман фарзанди туям?

– Барои он ки дар давраҳои қадим сардиҳои қаҳратун фаро расиданд, мамонтҳо аз Шимол ба Африқо омаданд ва ба фил табдил ёфтанд.

– Яъне ман Филбачае ҳастам, ки дар давраҳои қадим зиндагӣ мекардаам! – хурсанд шуд Мамонти хурдакак.

– Чӣ хушбахтӣ! Ӯ ёфт шуд! – дод заданд ҳайвонҳо. Шаби Африқо ба поён расида, саҳар шуд.

Вақте ки ҳайвонҳо ба хонаҳои худ мерафтанд, Маймунча пурсид:

– Ба фикри шумо, дар ҳақиқат, мамонтҳо ба филҳо табдил ёфтаанд?

– Намедонам, – гуфт Гавазни африқой. Тӯтии хирадманд гуфт:

– Магар ин дигар ягон маънӣ дорад? Ӯ модарашро ёфт, ин аз ҳама асосӣ аст!

Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шавед. Матнро ба чор қисм тақсим кунед. Ҳар як нафар қисми худро ба ҳамгурӯҳонаш буррову равон мехонад.

Барои ёфтани модар киҳо ба Мамонти хурдакак ёрӣ расонданд? Кӣ чӣ тавр ба ӯ ёрӣ расонд? Мамонти хурдакак дар охир модарашро ёфт? Оё Филоча дар ҳақиқат модари ӯ буд?

Гавазни шимолӣ, амаки Морж ва Делфинҳо чӣ тавр ба Мамонти хурдакак ёрӣ расонданд, нависед.

Гавазни африқой, Тӯтӣ ва Маймунча чӣ тавр ба Мамонти хурдакак ёрӣ расонданд, нависед.

# ДАРСҲОИ 49-50



Дар бораи модаратон нақл кунед.



## МОДАР

Гӯянд маро чу зод модар,
Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.
Шабҳо бари гаҳвораи ман
Бедор нишасту хуфтан омӯхт.
Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам
Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.
Дастам бигирифту по ба по бурд,
То шеваи роҳ рафтан омӯхт.
Пас, ҳастии ман зи ҳастии ӯст,
То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

*Эраҷ Мирзо*

**хуфтан** – хоб рафтан
**алфоз** – сухан
**шева** – тарз



Шеърро ифоданок қироат кунед. Мисраъ ва байтҳои шеърро ҳисоб кунед. Калимаҳои ҳамқофияро аз шеър ёбед.



Суханони мазкурро шарҳ диҳед: «ҳастии ман зи ҳастии ӯст». Шоир бо ин суханон чӣ гуфтанӣ аст?



Оё шоир ҳамаи он чизҳоеро, ки мо аз модар меомӯзем, гуфтааст? Агар нагуфта бошад, чиро илова мекунед?



Матни зеринро хонед. Ҷумлаҳоро ба мисраъ ва байтҳои шеър муқоиса кунед. Оё дар матн ҳамаи гуфтаҳои шеър дарҷ шудаанд? Чӣ фарқро мебинед?

## МОДАР

Вақте ки ман таваллуд шудам, модарам ба ман шир хӯрданро омӯхт. Шабҳо маро алла гуфта, хоб рафтанро ба ман ёд дод. Дар тифлӣ ман гап зада наметавонистам. Модарам бо ман зиёд гап мезад ва сухан гуфтанро ёд медод. Дастамро гирифта тай-тай мегуфту роҳ гаштанро меомӯхт. Агар модарам намебуд, ман ҳам намебудам. То зиндаам, модарамро дӯст медорам.

Мустақилона кор кунед. Амалҳои зеринро хонед ва гӯед, ки ин амалҳоро ба шумо кӣ омӯхтааст. Онҳоро ба сутуни мувофиқ нависед. Як амалро дар якчанд сутун навишта метавонед.

| **Модар** | **Падар** | **Омӯзгор** | **Дигарон** |
|---|---|---|---|
| | | | |

роҳ рафтан, хондан, навиштан, давидан, бозӣ кардан, сухан гуфтан, расм кашидан, суруд хондан, либос пӯшидан, дандон шустан, хона рӯфтан, ҷамъу тарҳ кардан, нақл кардан, побел кардан, роҳро гузаштан, салом додан



Амалҳоеро, ки модаратон ба шумо омӯхтааст, ҷудо карда, чор ҷумла нависед. **Намуна:** Модарам ба ман сухан гуфтан омӯхт.



Амалҳоеро, ки падар ва омӯзгоратон ба шумо омӯхтаанд, ҷудо карда, чор ҷумла нависед. **Намуна:** Омӯзгор ба ман хондану навиштанро омӯхт.

# ДАРСҲОИ 51-52



Бародару хоҳарони шумо дар синфҳои болоӣ иншо менависанд. Инчунин, агар шахс ба донишгоҳ дохил шудан хоҳад, ӯ бояд иншои хуб навишта тавонад. Шумо дар бораи иншо чӣ медонед? Аз ягон кас шунидаед?



Дар поён порчаҳо аз иншои яке аз хонандагони синфҳои болоӣ оварда мешавад. Онҳоро хонед. Ҳамон порчаеро, ки ба шумо бештар маъқул мешавад, интихоб намоед.

1 Бузургии зан-модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунандаи фарзанд, инчунин, нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад.





2 Модар.... чӣ хел калимаи ширин ва дилангез аст. Вақте ки модар мегӯем, тамоми бадану рӯҳамонро як эҳсоси хубе фаро мегирад, ки мо аз он ҳаловат мебарем.

3 Модар ба мисли замин якто аст ва муҳаббати ӯ барои мо, фарзандон, беканора ва ҷовидона аст. Модар қиматтарин неъмати дунё, сарчашмаи муҳаббати беканор, ҳимматбаландтарин шахси башар аст.





4 Модар барои ҳар як шахс азизу муқаддастар аз ҳама мавҷудоти рӯйи олам аст. Модарам бароям гиромитарин ва наздиктарин инсон ҳастанд. Ҳар чӣ ки дорам, тайёрам барояш фидо созам.

Порчаи интихобкардаатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед. Гӯед, ки чаро маҳз ҳамин порчаро интихоб кардед.

Имлои дунафарӣ.

тачассум, тарбиякунанда, таърих, миллӣ, қиматтарин, неъмат, дунё, ҳимматбаландтарин, муқаддастар, рӯй

Ибораҳои зеринро хонед ва онҳоро якҷоя бо омӯзгор маънидод кунед.

чароғи хонадон
тарбиякунандаи фарзанд
қиматтарин неъмати дунё
сарчашмаи муҳаббати беканор
ҳимматбаландтарин шахси башар
гиромитарин инсон

Бо ибораҳои боло ҷумла гӯед.



Бо ибораҳои боло ба монанди намуна ҷумла нависед.
**Намуна:** Модар чароғи хонадон аст.

Дар бораи модар як ҳикояи хурд нависед. Дар он сифатҳои модаратонро тасвир кунед.

**Намуна:** Модари ман зеботарин ...

## ДАРСҲОИ 53-54



Шумо ягон маротиба ба модаратон табрикнома навиштаед? Дар бораи табрикномаи навиштаатон нақл кунед.



Ду табрикномаро хонед. Кадомаш ба шумо бештар маъқул шуд? Чаро?

### Модарнома




Модарҷони азиз,

Шуморо бо Рӯзи Модар табрик гуфта, бароятон умри дароз, саломатӣ ва хурсандиҳои зиёд хоҳонам.

Шумо барои ман зеботарин зани дунё, қиматтарин гавҳар ва пурмеҳртарин инсон мебошед.

Бо эҳтиром, писаратон Рустам.




Модарҷони азизу гиромӣ ва ғамхору ҳалими ман!

Иҷозат фармоед, Шуморо бо Рӯзи Модар табрик гӯям. Саломатии Шумо, хурсандии Шумо, бардамии Шумо орзуи ҳамешаи мост.

Бо эҳтиром, фарзандонатон Зайнура ва Ҳалим.



Сохтори табрикномаро таҳлил кунед. Аз кадом қисмҳо иборат аст? Ба кӣ равона шудааст? Кӣ табрикномаро навиштааст? Инро чӣ тавр муайян кардед?



Табрикномаи интихобкардаатонро рӯйнавис кунед. Ба ҷойи номи табриккунандагон номи худро нависед.

Дар дарси санъат ва меҳнат барои омода кардани табрикнома расм кашед. Нигаред ба намунаҳо.






Барои модаратон табрикнома нависед. Онро бо ҳамсинфон ва омӯзгор такмил диҳед. Табрикномаро тозанавис карда, ба расми кашидаатон часпонед.

Табрикномаи таҳиякардаатонро ба маърази тамошо гузоред. Табрикномаҳои дигаронро тамошо кунед. Тарзи супоридани табрикномаро машқ кунед.

Дар бораи модар як шеър интихоб кунед. Тарзи ифоданок хондани онро машқ кунед. Шеъри интихобкардаатонро ба аҳли синф қироат кунед.

Табрикномаро ба модаратон супоред. Ӯро табрик кунед ва барояш шеър қироат кунед.

## ДАРСҲОИ 55-56

Ин ҳафта борон борида буд? Шумо боронро дӯст медоред ё не? Борон фоида дорад ё зарар? Чаро?

Шеърро хонед ва фоидаи боронро гӯед. Шеърро таҳлил кунед.

### Айёми иди Наврӯз







Рӯзи иди Модарон
Чаро боридӣ борон?
Айёми иди “Наврӯз”
Боридӣ се шабу рӯз.
Бас, акнун дигар набор,
Боронгарӣ шуд бисёр.
- Не, не! Бимон, ки борам,
Ман кори беҳад дорам.
Меборам, то ҷав расад,
Зуд вақти дарав расад,
Фаровон шавад гандум
Дар роҳат бошад мардум.
Борам, то дар кӯҳсорон
Рӯяд ревоҷу торон,
Занбӯруғ шавад қатор
Дар канори бешазор,
Бари қоқую ҳулбӯ
Сабза дамад лаби ҷӯ.
Лола, ки рӯяд ба бом,
Кори ман шавад тамом.

*Маҳбуба Неъматзода*

Аз шеър ба ҳар сутун калимаи мувофиқ ёфта нависед.

| Макон | Рустанӣ |
|---|---|
| кӯҳсорон | гандум |

Манзараи кӯҳсорро дар фасли баҳор тасвир кунед.

Манзараи боғро дар фасли баҳор тасвир кунед.

# ДАРСҲОИ 57-58



Ин ҳафта борон борида буд? Шумо боронро дӯст медоред ё не? Борон фоида дорад ё зарар? Чаро?

## Базми гул

## Кори лоиҳавӣ

Тартиби иҷрои кори лоиҳавӣ:

1. Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шавед.
2. Аз маҷмӯи шеърҳо ду шеърро интихоб намоед ва тарзи ифоданок хондани онҳоро машқ кунед.
3. Доир ба гулҳои баҳорӣ расм кашед.
4. Барои муаррифӣ омода шавед.

## Шеърҳо

### Лола

Лола, лола, ҳай лола,
Булбул омад ба нола.
Қаҳ-қаҳ зада кабки маст
Аз сари кӯҳу ёла.

Наврӯзу навбаҳор аст,
Дар пушта лолазор аст.
Селаи турнаро бин,
Дар осмон қатор аст.

Кӯҳу даман пурлола,
Боғу чаман пурлола,
Сӯйи хона меоям,
Ду дасти ман пурлола.

Дар кӯҳу дашту саҳро
Шуд базми лола барпо.
Ҳай, ҳай чӣ хуш баҳор аст!
Ҳай, ҳай, лолаи зебо!

*Нуъмон Розиқ*

### Баҳор омад

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори лолазор омад.

Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ,
Бипӯш тоқии гулдӯзӣ
Баҳори лолазор омад.

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Хӯроки кабки дилтанг аст,
Аз ӯ дилҳо хурсанд аст,
Баҳори лолазор омад.

*Нуъмон Розиқ*



**Бойчечак**

Гули хушрӯй, бойчечак,
Гули худрӯй, бойчечак.
Паёми навбаҳорӣ,
Ҳай зеби тоқӣ дорӣ!
Чинамат даста-даста,
Тозон барам ба раста.
Раста пури гул шавад,
Гул зеби кокул шавад.
Ҳар кас туро бибӯяд,
Биболаду бигӯяд:
Бӯйи бойчечак омад,
Тӯйи бойчечак омад!

*Нуъмон Розиқ*





**Муждаи Наврӯз**

Субҳ дамид, рӯз шуд,
Муждаи Наврӯз шуд.
Дар сари кӯҳу пушта
Сияҳгул арӯс шуд.

Аз бари ҳар сангу шах,
Аз қабати барфу ях,
Бойчечак дида кушод,
Чу тифлак аз хоби сахт.

Замин бо либоси сабз,
Аҷаб дилрабою нағз.
Сари роҳу лаби ҷӯй
Қоқугул омад ба лафз.

Ба ҳама аҳли замин
Муждаи наврӯзӣ ин.
Баро ба кӯҳу саҳро,
Ҷилваи баҳора бин!

## ДАРСҲОИ 59-60



Шумо дар бораи иди Наврӯз чӣ медонед? Нақл кунед.



### Иди Наврӯз

Мардуми мо ҳар сол вақти баробарии шабу рӯз – 21-22 мартро бо номи Наврӯз ид мекунанд.

Пайдоиши иди Наврӯз хеле қадим аст. Тоҷикон аз замонҳои қадим то ҳол дар айёми Наврӯз либосҳои сафед мепӯшанд, ба ҳамдигар сафедӣ мепошанд, хӯрдани таоми соли навро аз шири навдӯшида сар мекунанд. Ҳар кас кӯшиш мекунад, ки дар ин рӯз рӯйи зеборо бинад, хандаю бозӣ кунад, суруду таронаҳо хонад ё шунавад.

Деҳқонон дуои хайр гуфта, ба кишту кори худ мадад металабиданд. Рӯйидани майса, гул кардани гиёҳҳои баҳорӣ аз фаро расидани иди Наврӯз мужда медиҳад. Мардум дар он шабу рӯз маросими “гулгардонӣ” мегузарониданд. Яъне ҳангоми ба даст гирифтани гули аввалин “Ту барин зебою беғам шавам, ба солу моҳҳои бисёр расам” гуфта, орзу мекунанд.

Мардум ба пешвози Наврӯз хонаҳоро рӯбучин карда, зарфҳоро тоза нигоҳ медоранд. 25 рӯз пеш аз Наврӯз барои тайёр кардани суманак гандумро шуста ва тоза карда, барои сабзонидан дар рӯйи дастархон ё зарфе мегузоранд. Ба истиқболи ин ҷашн на танҳо суманак, боз ҳар гуна таом, ҳалвою шириниҳо мепазанд. Дастархони наврӯзиро бо меваю самбӯсаҳои алафин, ширу равған, фатиру нону кулча оро медиҳанд. Аз ҳафт навъи дарахти мевадиҳанда ҳафт шохча бурида, рӯйи дастархон мегузоранд. Одамон ба хонаи хешу табор ва дӯстон рафта, ҳамдигарро муборакбодӣ мекунанд.

Матнро хонед. Миқдори сарҳатҳоро ҳисоб кунед ва ба ҳар сарҳат номи алоҳида гузоред.

Наврӯз кай ҷашн гирифта мешавад? Баробаршавии шабу рӯз чӣ маънӣ дорад? Ба фикри шумо чаро мардум либоси сафед мепӯшанд? Ранги сафед чӣ маъно дорад? Дар Наврӯз шахс чӣ кӯшиш мекунад? Кадом ҳодисаҳо аз фарорасии Наврӯз хабар медиҳанд? Барои сабзиши гандуми суманак чанд рӯз даркор аст? Боз кадом таомҳо дар рӯзи Наврӯз пухта мешаванд? Дастархони наврӯзиро чӣ гуна оро медиҳанд?

Ном ва амалҳоро мувофиқ гузоред.

| Ашё | Амалҳо |
|---|---|
| иди Наврӯз | гузарондан |
| либосҳои сафед | пошидан |
| сафедӣ | сабзондан |
| шири навдӯшида | пухтан |
| рӯйи зебо | рафтан |
| хандаю бозӣ | оростан |
| суруду тарона | нӯшидан |
| хонаҳо | тоза нигоҳ доштан |
| зарфҳо | рӯбучин кардан |
| гандум | ид кардан |
| ҳалвою шириниҳо | ҷашн гирифтан |
| дастархон | кардан |
| хонаи хешу табор ва дӯстон | пӯшидан |
| | дидан |
| | хондан |

Дар асоси ҷадвал чор ҷумла нависед. **Намуна:** Мардум дар рӯзи Наврӯз **либосҳои сафед мепӯшанд**.

Дар асоси ҷадвал шаш ҷумла нависед. **Намуна:** Мардум дар рӯзи Наврӯз **хонаҳоро рӯбучин мекунанд.**

## БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК
### (Қисми якум)

Аз мактаб ба хона омадам. Дар рӯйи ҳавлиамон касе набуд, аммо аз ошхона дуд мебаромад. Либосҳоямро иваз карда, ба даҳлез баромадам. Бӯйи хуше ба машомам расид. Ба ошхона давидам. Бибиям бо занони ҳамсоя дар деги болои оташдон чизеро бо кафгир тагурӯ мекарданд. Ҳалимахола доира мезаду Раъноапа ва янгаи Гулрухсор суруд мехонданд.

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем ...

– Бибиҷон, о ман нагуфта будам, ки суманакпазиро бе ман сар накунед? – гуфтам ба бибиям.

– Не, духтарҷон, сари вақт омадӣ. Биё аз табақ ҳафт чормағзро гиру ба дег партофта ҳафт нияти нек кун. Ҳафт маротиба дегро бо кафгир коб. Баъд рафта дугонаҳоятро даъват кун, то онҳо низ дар суманакпазӣ иштирок кунанд.

Ман аз табақча чормағз гирифта ба дег партофтам. Кафгирро мо якҷоя бо бибиям гирифта дегро кофтем. Баъд рафта ҳамаи дугонаҳоямро ба хона даъват кардам.



**шарофат –** бошараф, обрӯмандӣ
**ҷунбуҷӯл –** ҳаракат, машғули кор
**тароват –** тозагӣ, шодобӣ
**гуворо –** форам, хуш

Матнро хонед. Гӯед, ки ин чӣ навъи матн аст. Ибораҳои матнро ҷудо кунед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Духтарчаро чӣ водор кард, ки зуд ба ошхона давад? Шумо дар маросими суманакпазӣ иштирок кардаед? Чӣ бароятон хотирмон буд?

Ҳафт орзуи наврӯзӣ. Ҳафт орзуи худро нависед, то ҳангоми суманакпазӣ бо ҳафт дона чормағз орзуҳоятонро гуфта тавонед.
**Намуна:** Ман мехоҳам, ки доимо баҳои панҷ гирам. Ман мехоҳам, ки модарам ҳеҷ гоҳ бемор нашавад.

*Наврӯз иди миллии*
*тоҷикон аст. Наврӯз*
*дар аввали соли нав-*
*21-уми март ҷашн ги-*
*рифта мешавад. Нав-*
*рӯз иди баҳор, иди соли*
*нав, иди бобои деҳқон*
*мебошад. Наврӯзро то-*
*ҷикон ва дигар халқ-*
*ҳои ҳамсоя ҷашн меги-*
*ранд.*

## ДАРСҲОИ 63-64

Шумо боз кадом таомҳои миллиро медонед, ки дар иди Наврӯз мепазанд? Дастархони наврӯзиро чӣ гуна оро медиҳанд?

### БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК
### (Қисми дуюм)

Он рӯз то бегоҳ ҳама хурсандона бо рақсу суруд ба суманакпазӣ машғул шудем. Бегоҳ падару модарам аз кор омада, онҳо низ ба ният деги суманакро кофтанд. Аммо суманаки мо ҳоло тайёр нашуда буд. Бибиям онро шабона дам партофтанд ва гуфтанд, ки суманак саҳар тайёр мешавад.

Бегоҳ аҳли хонавода якҷоя ба тартиб додани рӯйхати анво барои дастархони наврӯзӣ машғул шудем. Бибиям гуфтанд, ки дар дастархони наврӯзӣ мо бояд он чизҳоеро гузорем, ки номашон бо ҳарфи "ш" ва "с" сар мешаванд. Онро инчунин "ҳафт сину ҳафт шин" меноманд...

Хонандагони азиз, матнро хонед ва ба аҳли хонавода ёрӣ расонед. Рӯйхати анвои хӯроквории, ки бо ҳарфҳои "с" ва "ш" сар мешаванд тартиб диҳед. **Намуна:** самбӯса ...

Аз рӯйи расмҳо дар бораи тартиби пухтани суманак нақл кунед.










Якҷоя бо модаратон ё бибиятон дар бораи пухтани суманак нависед. Аз расмҳои боло истифода бурда метавонед.

## ДАРСҲОИ 65-66



Чаро дар дастархони наврӯзӣ шамъ мегузоранд?



### БӮЙИ ХУШИ СУМАНАК
### (Қисми сеюм)

Бибиям аз ман пурсид:

– Духтарам, оё медонӣ барои чӣ мо дар дастархони наврӯзӣ чизҳоеро мегузорем, ки бо ҳарфҳои «с» ва «ш» сар мешаванд?

– Не бибиҷон, намедонам, ба ман мегӯед? – илтимос кардам ман.

– Пас, бодиққат гӯш кун.

**Шакар**. Имрӯз хокаи қандро шакар мегӯем. Вале дар дастархони наврӯзӣ шакар ба маънои анвои ширину хуштаъм аст.

**Шир**. Шир ғизои муқаддасест, ки инсон бори нахуст аз пистони модар меошомад. Дар хони наврӯзӣ он эътибори баланд дорад.

**Шамъ.** Ба хони наврӯзӣ ҷой ёфтани шамъ нур бахшидани он аст. Шамъ равшанӣ мебахшад, нур медиҳад. Худ месӯзаду ба дигарон фурӯғ мебахшад. Рамзи базму шодӣ. Барҳамзанандаи торикӣ. Нишонаи офтоб, бахт ва гармӣ аст.

**Шоя**. Маводе, ки дар хони наврӯзӣ вазифаи ороишӣ ва хушбӯиро дорад, шоя мебошад. Шоя маънои рустаниро дорад. Рамзи зебоӣ, ҷавонӣ, тозагӣ, зиндагӣ, ростӣ ва некӣ мебошад.

**Шарбат**. Афшураи мева: анор, себ, зардолу ва олуболу мебошад. Бо хосиятҳои шифобахшӣ ва рӯҳбаландсозиаш шарбат дар дастархони наврӯзӣ ҷойгоҳ ёфтааст.

**Шиннӣ**. Маводди ширини дигаре, ки дар хони наврӯзӣ ҷой дорад, шиннӣ (ё худ ширинӣ) мебошад, ки аз ангур, тут, харбуза ва тарбуз бо роҳи ҷӯшонидан тайёр мекунанд. Аз шакар ду маротиба ширинтар аст. Зеби ҳар дастархон ва иззати ҳар меҳмон аст.

Матнро хонед ва калимаҳои мураккабро маънидод кунед.

Бо истифодаи саволи "Барои чӣ?" ба монанди намуна савол тартиб диҳед. **Намуна:** Барои чӣ ба дастархони наврӯзӣ шакар мегузоранд?

Дар асоси саволҳои таҳиякардаатон муҳокимаи умумӣ ташкил кунед. Ба гурӯҳҳои дигар савол диҳед, ба саволҳои онҳо ҷавоб гардонед.

Ба расмҳо нигоҳ карда, гӯед, ки онҳоро ба дастархони наврӯзи гузоштан даркор аст ё не. Сабаби ба дастархони наврӯзӣ ҷо додани онҳоро гӯед.


себ


суманак


сир


сипанд


санҷид


самбӯса

Дар бораи суманак он чи ки медонед, нависед.

## ДАРСҲОИ 67-68



Шумо оид ба ягон ид ё ҷашн табрикнома навиштаед? Онро ба хотир оред ва оид ба тарзи навиштани табрикнома нақл кунед.



Намунаи табрикномаро хонед ва онро таҳлил кунед.




Омӯзгори муҳтарам!

Шуморо бо фарорасии Иди Байналхалқии Наврӯз табрику таҳният гуфта, ба шумо комёбиҳо, саломатӣ ва табъи болида хоҳонем.

Бо эҳтиром,
хонандагони синфи 2 "Г»



Ба гурӯҳҳои чорнафарӣ муттаҳид шуда, барои табрики омӯзгоратон табрикнома таҳия кунед. Онро бо расм оро диҳед.



Табрикномаи таҳиякардаатонро муаррифӣ кунед ва ботантана ба омӯзгор супоред.



Барои табрики падару модаратон як табрикнома таҳия кунед. Расм кашида, табрикномаатонро оро диҳед.



Табрикномаро ба падару модаратон супоред ва онҳоро бо иди Наврӯз табрик кунед. Ба онҳо шеър хонед.

## ДАРСҲОИ 69-70



Дар бораи Наврӯз шеъре қироат кунед.

## ХУШ ОМАДӢ, НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ!

### Кори лоиҳавӣ



Ба гурӯҳҳои чор ё панҷнафара муттаҳид шавед. Дар бораи Наврӯз шеъреро аз маҷмӯи зерин интихоб намоед. Дар бораи Наврӯз расм кашед. Дар бораи Наврӯз нақл нависед.



### Шеърҳо

**Наврӯз**

Наврӯзи тозарӯ
Омад ба дашту кӯ.
Оби зулоли рӯд
Шуст кокулони ӯ.

Бедор шуда замин
Аз накҳати баҳор.
Булбул таронахон
Бо қалби беқарор.

Гул рехт ҳар тараф
Аз хандаи баҳор.
Зебо шуд осмон,
Зебо шуд ин диёр.

Наврӯзи нозанин,
Наврӯзи кишварам,
Тобӣ ба чашми ман
Зебо чу модарам.

*Латофати Кенҷа*

**Суманак сабзаи гандум**

Сабзаи гандум суманак,
Шодии мардум суманак.
Ғизои маълум суманак,
Ризои мардум суманак.

Суманак бӯйи баҳор аст,
Суманак рӯйи баҳор аст.
Суманак тӯйи баҳор аст,
Ҳусни дилҷӯйи баҳор аст.

*Раҳмони Бобо*

**Базми наврӯзӣ**



Нағмакунон меравад
Обаки ҷӯйбор,
Селаи гунҷишкакон
Дар шохи чинор.
Боз саҳар шукуфон
Чеҳраи хуршед,
Муғчаи худ во намуд
Навдаи гулбед.
Дар сари шаҳтути пир
Саъба дар наво.
Печида савти хушаш
Дар авҷи ҳаво.
Тоза суруде бикард
Фохта оғоз,
Кафтари даштӣ ба он
Гашт ҳамовоз.
Ҷуфти парасту расид
Хонда тарона,
Рафт суруди баҳор
Хона ба хона.

*Маҳбуба Неъматзода*



Кори лоиҳавиатонро муаррифӣ кунед. Ба корҳои лоиҳавии якдигар баҳо диҳед.



Дар бораи иди Наврӯз ду шеър аз ёд кунед.

# 8. АЛОМАТИ АШЁ

## ДАРСҲОИ 1-2



Ба расмҳо нигоҳ кунед ва фарқи онҳоро муайян кунед.

Матнро хонед ва гӯед, ки дар кадом расми боло хонаводаи Азиза тасвир шудааст.













Салом, дугонаи азизам, Раъно.

Чунонки ваъда дода будам, расми аҳли оилаамонро ба ту мефиристам.

Дар расм ман ба бобоям нигоҳ дорам. Ман ҷузвдони сурх дорам. Дар танам куртаи сафед ва домани сиёҳ пӯшидаам. Мӯйи сарам сиёҳ. Ҷуроби сафед ва пойафзоли сурх дорам. Бародарам Рустам дар тарафи рости бобоям истодааст. Ӯ куртаи сурх ва шими кабуд пӯшидааст. Суҳроб – бародари калониям, дар тарафи чап. Ӯ куртаи зард пӯшидааст. Апаам Гулнора куртаи атлас дорад. Мӯйи дарози сиёҳ дорад. Додарам Азиз дар синфи якум мехонад. Ӯ куртаи сафед ва шими сиёҳ дорад. Хоҳарчаам Амина куртаи атласи ранга дорад. Додарчаи хурдиям Амирҷон дар оғӯши бобоям нишастааст.

Ту ҳам расми аҳли оилаатонро ба ман фирист.

Бо эҳтиром, Азиза.

Матнро бори дигар хонед ва ибораҳоеро, ки аломати ашёро нишон медиҳанд, ҷудо карда нависед. **Намуна:** туфлии сурх
Чанд ибора ёфтед?

Ба расмҳо нигоҳ кунед ва гӯед, ки кӣ чӣ пӯшидааст? Аз маълумоти ҷадвал истифода баред.



Азим Баҳодур Рустам Азиза Раъно Раҳима

Дар асоси ҷадвал ба монанди намуна ибора нависед. Намуна: Куртаи сафед

| Чӣ? | | Чӣ хел? |
|---|---|---|
| курта | тоқӣ | кабуд |
| костюм | пешдоман | сафед |
| шим | доман | сиёҳ |
| пойафзор | бандак | сурх |
| хилъат | поҷома | сабз |
| | | қаҳваранг |

Дар бораи Азим ва Раҳима ҷумла нависед.
**Намуна**: Азиза куртаи кабуд, пешдомани қаҳваранг, поҷомаи кабуд ва пойафзори сиёҳ дорад.

Раъно ба Азиза расми аҳли оилаашонро равон кардааст. Аммо мактуб нанавиштааст. Шумо ба ҷойи Раъно ба Азиза мактуб нависед. Ҳамчун намуна ба мактуби Азиза нигаред.



## ДАРСҲОИ 3-4

Бозии "Кист он?" Дар бораи сарулибоси як нафар аз расм нақл кунед. Номашро нагӯед. Ҳамгурӯҳон ин шахсро меёбанд.




Дар бораи сарулибоси се нафари боло нависед.
**Намуна:** Азиз куртаи зард, шими кабуд, кулоҳи кабуду сафед ва пойафзори зард пӯшидааст.

### Либос аз кадом мавод тайёр карда мешавад?

Либос моро аз таъсири сардӣ, нури офтоб ва омилҳои дигаре, ки ба пӯстамон зарар мерасонанд, муҳофизат мекунад. Бофандагон аз риштаҳои пашмин, пахтагин, абрешимӣ ва ё нахҳои сунъӣ дар дастгоҳҳои бофандагӣ матоъҳои гуногун мебофанд ва сипас аз онҳо либос медӯзанд.

Ба ибораҳои зерин диққат диҳед.
риштаҳои пашмин, риштаҳои пахтагин, риштаҳои абрешимӣ, нахҳои сунъӣ.

Як сурати аҳли оилаатонро интихоб кунед. Доир ба расм нақл тайёр кунед. Ду ё се ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 5-6

Шумо худатон либос мепӯшед? Шумо либоспӯширо дӯст медоред ё не?

### ЛИБОСҲОЯМ ҚАҲР КАРДАНД

**(Қисми аввал)**



Буд, набуд, писараке буд. Номи ӯ Анварҷон буд. Вай либос пӯшиданро дӯст намедошт. Дар фасли тобистон бибиаш бо азоб ба ӯ як-ду либос мепӯшонд. Аммо дар фасли зимистон либос пӯшондани Анварҷон хеле мушкил буд.

– Намехоҳам, намекунам, намепӯшам ... – фарёд мезад Анварҷон ва аз назди бибиаш гурехта мерафт.

Боре чунин ҳодиса рӯй дод. Анварҷон чун ҳамеша бо бибиаш бояд ба сайру гашт мебаромад.

– Шиматро пӯш, – зорӣ карда гуфт бибиаш.

– Намепӯшам! – рад карда, дасти бибиашро тела дод.

– Барои чӣ? – ғамгин шуд бибӣ.

– Шим безеб аст, – ҷавоб дод Анварҷон.

– Ту чӣ хел шим пӯшиданӣ ҳастӣ?



– Ман ... Ман... Ман шими сабзи ба монанди баргҳои дарахт пӯшидан мехоҳам, – гуфта мағрурона ба бибиаш нигарист. Ногаҳон шимаш ба ду шохчаи борики дарахти сербарги сабз табдил ёфт.

– Вой, ин чист? – ҳайрон шуд Анварҷон.

– Шиме, ки ту мехостӣ, – ҷавоб дод бибӣ.

Шохчаҳои дарахт хам шуда, Анварҷонро як шаппотӣ заданд.

– Вой, ин шохчаҳо ҷанг мекунанд, – тарсид Анварҷон.

– Аммо ту худат чунин шим мехостӣ, ҷавоб дод бибӣ. – камзӯлчаат низ ба ту маъқул нест.

– Маъқул нест! Он безеб аст, мехарошад!

– Ту чӣ хел камзӯлча мехоҳӣ?

– Ман камзӯлчаи мулоим, ба монанди пари паранда мехоҳам! – ҷавоб дод Анварҷон.



1. Матнро дунафарӣ бонавбат буррову равон хонед.
2. Аз матн ибораҳоеро, ки аломати ашёро дар бар мегиранд, ҷудо карда нависед. **Намуна:** шими сабз



Анварҷон чӣ кор карданро дӯст намедошт? Ба Анварҷон чӣ гуна шим маъқул буд? Шимаш ба чӣ табдил ёфт? Чӣ хел камзӯлча мехост?



Ба фикри шумо, камзӯлчаи Анварҷон ба чӣ табдил ёфт? Чаро?



Дар асоси ҷадвал ба монанди намуна ибора тартиб диҳед ва онҳоро шарҳ диҳед. **Намуна:** шими кабуди тунук

| Чӣ? | Чӣ хел? | Чӣ хел? |
|---|---|---|
| шим<br>камзӯл<br>курта<br>кулоҳ<br>доман<br>ҷемпер | кабуд<br>сиёҳ<br>сафед<br>сабз<br>қаҳваранг<br>зард | пашмин<br>пахтагин<br>абрешимин<br>ғафс<br>тунук<br>кӯтоҳ/дароз |



Гӯед, ки шумо чӣ гуна либос доред? **Намуна:** Ман костюми кабуди пахтагин дорам.

## ДАРСҲОИ 7-8

Қисми аввали афсонаро ба хотир оред. Анварҷон дар бораи камзӯлчааш чӣ мегуфт? Ба ӯ чӣ хел камзӯлча маъқул буд?

### ЛИБОСҲОЯМ ҚАҲР КАРДАНД

**(Қисми дуюм)**

Ногаҳон камзӯлча бо остинҳояш қанот зада, ба парандаи калон табдил ёфт. Паранда гарданашро дароз карду хост, ки писари гапнодароро нӯл занад.

– Вой, ин мепучад, тарсид Анварҷон.

– Ту худат чунин камзӯлча мехостӣ, – ҷавоб дод бибӣ. – Борониатро мепӯшӣ?

– Не. Вай тугма ва чангакҳои зиёд дорад, ман дастамро ба остин ва поямро ба почаи шим дароварданӣ нестам! Ман мехоҳам, ки онҳо зинда шуда, худашон поям ва дастамро пӯшонанд!

Ба зудӣ боронии ӯ зинда шуда, роҳ гашта, остинҳояшро болову поён бардошта, ба Анварҷон ҳамла кард.

– Вой, ин чӣ кор карда истодааст – тарсид Анварҷон.

– О, худат ҳамин тавр мехостӣ, – ҷавоб дод бибӣ. – Кафшҳоятро пӯшидан намехоҳӣ?



– Не, онҳо бандак доранд. Ман онҳоро бастан намехоҳам. Ман мехоҳам, ки онҳо худашон ба поям пӯшида шаванд ва бандак надошта бошанд! Дарҳол бандакҳои кафшҳо ба монанди морчаҳо аз кафш баромада, ба куҷое ғайб заданд. Кафшакҳо ба ду сагча табдил ёфтанд ва забонашонро бароварда, ба тарафи Анварҷон ҳамла карданд ва ӯро газидан мехостанд.



– Вой, онҳо мегазанд, – тарсид Анварҷон.

– О, худат ҳамин тавр мехостӣ, – ҷавоб дод бибӣ. – Кулоҳат ба ту маъқул нест–а?

– Не, – мағрурона ҷавоб дод Анварҷон. – Вай безеб аст, пӯпакча дорад! Ман мехоҳам, ки онҳо ба монанди хирсча гӯш дошта бошанд! Дарҳол пӯпаки кулоҳ ба монанди тӯбча ҷаҳида ба кӯчае ғайб зад. Кулоҳ ба сари гӯшдори хирс табдил ёфта, ғуррос зад ва гуфт:

Ба фикри шумо хирс ба Анварҷон чӣ гуфт? Ақидаатонро дар хотир гиред.

1. Матнро мувофиқи нақшҳо бурровy равон хонед.
2. Қисми тахайюлии матнро аз қисмҳои ҳақиқӣ ҷудо кунед.

**Намуна:**

Тахайюлӣ: Ногаҳон камзӯлча бо остинҳояш қанот зада, ба парандаи калон табдил ёфт.

Имлои дунафарӣ.

боронӣ, камзӯлча, пӯшидан, дӯст, сайр, ҳайрон, зиёд, бибӣ, маъқул, тӯбча, ғуррос, гӯш, ғайб, кулоҳ

Чӣ ба чӣ табдил ёфт? Бозӣ кунед. **Намуна:** Шим. Шим ба дарахт табдил ёфт.

| Чӣ? | Ба чӣ табдил ёфт? |
|---|---|
| шим<br>камзӯлча<br>кафшҳо<br>кулоҳ | сари хирс<br>паранда<br>дарахт<br>сагча |



Чӣ ба чӣ табдил ёфт? Дар асоси матн ва ҷадвал ҷумла нависед. **Намуна:** Камзӯлча ба паранда табдил ёфт.

## ДАРСҲОИ 9-10



Қисми дуюми афсонаро ба хотир оред. Кулоҳи Анварҷон ба чӣ табдил ёфт? Ба фикри шумо ӯ ба Анварҷон чӣ гуфт?



### ЛИБОСҲОЯМ ҚАҲР КАРДАНД

**(Қисми сеюм)**

– Боз чӣ ба ту маъқул нест, бачаи ноуҳдабаро. Тез либосатро пӯш. Акнун ҳамаи либосат чӣ тавре ки худат мехостӣ, ҳамон тавр шуданд! – гуфт хирс.

– Бибиҷон, – гиря кард Анварҷон. – Ман мехоҳам, ки либосҳои куҳнаи ман баргарданд. Онҳоро баргардонед, илтимос!

– Чӣ хел ман онҳоро бармегардонам, худат онҳоро сеҳр кардӣ. Танҳо ту онҳоро баргардонда метавонӣ.

– Шим, камзӯлча, боронӣ, кафшакҳо, кулоҳчаам! – фарёд кард Анварҷон. – Баргардед, илтимос, назди ман оед! Ман дигар ҳамеша худам либос мепӯшам ва бо бибиам ҷанҷол намекунам!

Дарҳол шохчаҳои дарахт ба шим табдил ёфтанд. Баъд парандаи бадқаҳр ба камзӯлча табдил ёфт. Боронӣ итоаткорона дар назди камзӯлча хобид. Бандакҳои кафшҳо аз куҷое баргаштанд, сагчаҳо аккос заданро бас карда, боз ба кафшҳо табдил ёфтанд. Дар охир пӯпаки кулоҳ баргашта, ба сари хирсак баромад ва хирсак ба кулоҳ табдил ёфт.



– Чӣ хел нағз! – шод шуд Анварҷон. – Салом, дӯстони азизи ман! Чӣ хел шумо, хуб ҳастед? Бибиҷон, биё либосҳоро пӯшем ва ба сайру гашт бароем. Ман бояд ба рафиқонам ин ҳикояи аҷоиброро нақл кунам.

1. Матнро аз рӯйи нақшҳо хонед.
2. Дар гурӯҳҳои чорнафара машғул шуда, афсонаро ба пуррагӣ нақл кунед.

Хирс ба Анварҷон чӣ гуфт? Чаро Анварҷон гиря кард? Оё бибӣ либосҳояшро баргардонд ё ягон каси дигар? Чаро Анварҷон шод шуд?

Бозии "Курсии сеҳрнок". Дар нақшҳои симоҳои афсона бозӣ карда, ба саволҳои ҳамсинфон ҷавоб гардонед. **Намуна:** Анварҷон, чаро ту шиматро пӯшидан нахостӣ?

Дар кадом фасл чӣ гуна либос пӯшидан даркор аст? Чаро? Суҳбат кунед.



Доир ба либос ва пойафзоли расм ибора нависед. **Намуна:** куртаи остинкӯтоҳ

Ба монанди намуна се ё чор ҷумла нависед. **Намуна:** Ҷемперро дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон мепӯшанд.

## ДАРСҲОИ 11-12

Дар рӯзҳои ид, махсусан дар иди Наврӯз, шумо чӣ гуна либосҳо мепӯшед? Дар рӯзҳои ид чӣ кор мекунед?

### РАҚҚОСА



Камзӯлчааш – атласӣ,
Туфличааш – ялтасӣ.
Тоқичааш – оҳарӣ.
Пироҳанаш – пар-парӣ.
Ду рӯяш мисли анор,
Кокулчаҳояш – қатор.
Мусиқиро дониста,
По мемонад оҳиста.
Даст афшонда ба ҳар сӯ,
Мекунад рақси хушрӯ.
Аз рақси зебои ӯ,
Нозу таманнои ӯ,
Аз чарх гаштани ӯ,
Аз табассуми дилҷӯ
Ба хона нур борад,
Шавқу сурур борад.

*Мавҷуда Ҳакимова*

Шеърро ифоданок хонед. Мазмуни шеърро бо расм муқоиса кунед.

Шеърро бори дигар хонед. Ба калимаҳо савол гузошта ба сутуни мувофиқи ҷадвал нависед.

| Чӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Намуна: туфлича | ялтасӣ | по мемонад |

Дар асоси мазмуни шеър ҷумла нависед. **Намуна:** Раққоса камзӯлчаи атласӣ дорад.

# ДАРСҲОИ 13-14



Ба расмҳои поён нигаред. Дар бораи онҳо нақл кунед.







## БОҒҲОИ ДИЛКУШО

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва талу теппаҳо зебо ороста гардидаанд. Рӯйи онҳо бо сабзаву гулҳои сурх, киштҳои гуногун пӯшида шудааст. Шапаракҳои сурх, зард, сиёҳ ва сафед парида мегарданд. Парандаҳо ба деворҳои пасту баланд, бомҳо ва ба рӯйи гулҳои рангоранг менишинанд, бо овозҳои шӯх месароянд.

*Садриддин Айнӣ*



Матнро хонед ва манзарaро тасаввур кунед. Нависанда манзарaро чӣ гуна тасвир кардааст. Агар рассом мебудед, дар асоси ин матн расм кашида метавонистед? Чаро?



Барои тасвири манзара кадом калимаҳо зарур мешаванд? Ҷадвалро таҳлил кунед. Сифатҳои нав илова кунед.

| Чӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? |
|---|---|
| кӯҳ | баланд, сербарф, осмонбӯс |
| теппа | васеъ, сералаф, сабз, зебо, рангин |
| боғ | дилкушо, зебо, сабз, сердарахт |

Дар асоси ҷадвал якчанд ибора нависед. **Намуна:** кӯҳи баланд

Манзараи зеринро аз назар гузаронед. Дар бораи он нақл кунед. Ибораҳои навиштаатонро истифода баред.



Шеърро аз ёд кунед.

## БОҒИ БОЛО

Боғи боло –
Боғи зебо,
Як девораш аз ар-ар,
Як девораш лаби ҷар.

Боғи боло –
Ҳай барҳаво,
Пур аз анвои ангур,
Мегирад чашми кас нур.

Боғи боло –
Нокаш – аъло,
Себзораш – пурлола,
Ҳар лола чун пиёла!

Боғи боло –
Ҳай дилкушо,
Тирамоҳаш – файзбор,
Хуштар бувад аз баҳор!

Боғи боло –
Ҳусни ин ҷо,
Боғбон ин ҷо кӣ бошад?
Дасташ тилло кӣ бошад?

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*

# 9. БЕҲДОШТ ВА САЛОМАТӢ

## ДАРСҲОИ 15-16

1. Саломатӣ чист? Киро шахси солим мегӯянд?
2. Ба расмҳо нигаред ва гӯед, ки кадом писар солим аст? Чаро?





Матнро хонед ва гӯед, ки одам барои саломат будан чӣ корҳоро бояд анҷом диҳад.

### САЛОМАТӢ ЧИСТ?

Бисёр одамон гумон доранд, ки саломатӣ ин бемор нашудан асту бас. Албатта, ин андеша дуруст аст, аммо маънии саломатӣ танҳо бемор нашудан набуда, балки мафҳуми васеътар дорад. Яъне саломатӣ на танҳо табъи болида, балки беҳбудии маънавии инсонро низ фаро мегирад.

Инсон барои он ки саломат бошад, бояд тозагиро риоя намояд, ба варзиш машғул шавад, дар вақти муайян хӯроки серғизо хӯрад ва истироҳати бофароғат кунад. Аз одатҳои бад худдорӣ кунад.

Аз «Чӣ? Кай? Дар куҷо?»

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Маънои калимаҳои мураккабро аз мазмуни матн муайян кунед.

Амалҳои зеринро хонед ва онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед: амалҳои шоиста ва ношоиста.

дар як рӯз ақаллан ду маротиба дандон шустан, пеш аз хӯрок даст шустан, рӯзи дароз хоб рафтан, зиёд телевизор тамошо кардан, дасти ношуста хӯрок хӯрдан, дар як ҳафта на камтар аз ду маротиба сар шустан, ба варзиш машғул шудан, дар ҷойи партовгоҳ бозӣ кардан, мева ва сабзавотро ношуста хӯрдан.

| Амалҳои шоиста | Амалҳои ношоиста |
|---|---|
| **Намуна:** пеш аз хӯрок даст шустан | дар ҷойи партовгоҳ бозӣ кардан |

Олуфтабек амалу рафторҳои ношоиста дорад. Ҳамеша чиркин аст, ҳама ҷоро ифлос мекунад, дасташро ношуста хӯрок мехӯрад, дар партовгоҳ бозӣ мекунад, чизҳои чиркинро ба хона меорад. Ӯро насиҳат кунед. **Намуна:** Олуфтабек, ту бояд ҳар саҳар дасту рӯятро шӯйӣ.

Аз калимаҳои боло истифода бурда, ба монанди намуна се ҷумла нависед. **Намуна:** Шахси солим дар як рӯз ақаллан ду маротиба дандонҳояшро мешӯяд.



## ДАРСҲОИ 17-18



Барои тоза ва саломат нигоҳ доштани дандонҳо чӣ бояд кард?



Шеърро хонед. Гӯед, ки оқибати нашустани дандон чист?

### Талхак дандон нашустааст





Талхак баровард
Дандонаш аз ёд,
Дандонаш омад
Охир ба фарёд:

«Моро нашуштӣ,
Моро ту куштӣ!
Беҷонаке мо!
Лиққонаке мо!

Чун бели кухна
Мо занг бастем,
Аз ҳамсуханҳо
Шарманда ҳастем!»

Дандон бишӯяд
Доим Мадина.
Аз ӯ биёяд
Бӯйи пудина!

*Наримон Бақозода*



1. Шеърро буррову равон қироат кунед.
2. Дар асоси мазмуни шеър саволу ҷавоб кунед.



Ба Талхак чӣ маслиҳат медиҳед? Чаро?



### МУҲОФИЗАТИ ДАНДОН

Дандон барои одам бисёр зарур аст. Одам бо дандон ҳар гуна хӯрокро хоида, майда карда мехӯрад.

Чормағз, донаки зардолу, бодом ва дигар чизҳои сахтро бо дандон шиканӣ, лат мехӯрад, мекафад. Ҳамин ки ба ҷойҳои кафида оби хунук, чой ва хӯроки гарм даромад, дандонат дард мекунад.Чизҳои сахтро бо дандонат нашикан.

Вақте ки оби хунук хӯрдӣ, дандонат хунук мешавад. Дар ҳамин вақт зуд чой ва ё хӯроки гармро нахӯр, чунки дандон гарму ху-

нук шуда, сири дандон мекафад.

Барои он ки дандон чиркин ва даҳон бадбӯй нашавад, ҳар рӯз дандонро бо хамираи дандоншӯйӣ бишӯй.

Ҳамин тавр, агар дандонҳоятро тоза нигоҳ дорӣ, онҳо садаф барин сафед ва бедард мешаванд. Дандон ҳусни инсон аст.



Матнро хонед ва натиҷаи амалҳои зеринро гӯед.

Агар чормағзро бо дандон шиканӣ ...
Агар донаки зардолу ва бодомро бо дандон шиканӣ ...
Агар оби хунук нӯшида, дарҳол ғизои гарм хӯрӣ ...
Агар ҳар рӯз бо хамираи дандоншӯйӣ дандон нашӯйӣ ...



Ба монанди намуна ҷумла нависед. **Намуна:** Агар чормағзро бо дандон шиканӣ, дандонат мекафад.



1. Шеър ва тавсияҳоро бори дигар хонед.
2. Додаратон ин корҳоро иҷро карда истодааст, ӯро насиҳат кунед. Насиҳататонро нависед.

1. Рустам бо дандонҳояш чормағз мешиканад.
2. Рустам бо дандонаш донаки зардолу ва бодом мешиканад.
3. Рустам бо дандон симро қат мекунад.
4. Рустам оби ях нӯшида, дарҳол чойи гарм менӯшад.
5. Рустам дар як ҳафта як маротиба дандон мешӯяд.

**Намуна:** Рустам бо дандонҳояш чормағз мешиканад. Рустамҷон, ту бо дандонҳоят чормағз нашикан. Дандонҳоят мекафанд.



## ДАРСҲОИ 19-20



Номҳои навъҳои варзишро ба расмҳо мувофиқ гузоред. Навъи варзиш: карате, бандпарак, гимнастика, баскетбол, футбол, оббозӣ, давидан.





Шумо кадом навъи варзишро дӯст медоред? Аввал ба ҳамдигар нақл кунед, сипас як ҷумла нависед. **Намуна:** Ман каратеро дӯст медорам.



## БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ ЧӢ ГУНААНД?

Бозиҳои олимпӣ мусобиқаҳои варзишие буданд, ки дар шаҳри Олимпи Юнон дар чор сол як маротиба сурат гирифта, панҷ рӯз идома меёфтанд. Бозиҳо аз рӯйи мусобиқаҳои панҷгонаи варзишӣ – гулӯлапартоӣ, ҷаҳидан ба дарозӣ, найзаандозӣ, давидан ва гӯштингирӣ ҷараён мегирифт. Ғолибон бо шохчаи дарахти зайтун сарфароз мегардиданд.

Бозиҳои олимпӣ дар асри XIX аз ҷониби омӯзгори фаронсавӣ Пйер де Фреди барқарор карда шуданд. Ӯ чунин мешуморид, ки машғулиятҳои варзишӣ қобилияти инсонро инкишоф медиҳанд.

Соли 1896 намояндагони тамоми мамлакатҳо дар шаҳри Афинаи Юнон ҷамъ омада, кушодашавии Бозиҳои олимпии якумро дар замони муосир таҷлил намуданд.

Чунин қарор шуд, ки Бозиҳои олимпӣ дар ҳар чор сол дар шаҳрҳои гуногуни олам гузаронида шаванд. Шумораи навъҳои мусобиқа низ афзуд.

Бозиҳои олимпӣ чӣ гуна мусобиқа аст? Аввалин бор дар куҷо баргузор гардидаанд? Ба ғолибон дар қадим чӣ медоданд? Ҳоло ба ғолибон чӣ медиҳанд? Бозиҳои олимпӣ кай дубора барқарор шуданд? Кӣ онро барқарор кард? Бозиҳои олимпӣ дар чанд сол гузаронда мешаванд?



Ба чеҳраҳои варзишгарон нигоҳ кунед. Шумо онҳоро мешиносед? Онҳо дар кадом навъи варзиш соҳиби медали олимпӣ гаштаанд?



Дилшод Назаров



Расул Боқиев



Мавзуна Чориева

| Варзишгар | Медал | Бозиҳои олимпӣ | Навъи варзиш |
|---|---|---|---|
| Дилшод Назаров | тилло | соли 2016 | гулӯлапартоӣ |
| Расул Боқиев | биринҷӣ | соли 2008 | дзюдо |
| Мавзуна Чориева | биринҷӣ | соли 2012 | бокс |



Дар асоси ҷадвал муколама кунед. Намуна: **А.** Дилшод Назаров. **Б.** Дилшод Назаров дар Бозиҳои олимпии соли 2016 соҳиби медали тилло гардид.

Дар асоси ҷадвал ҷумла нависед. Намуна: Дилшод Назаров дар Бозиҳои олимпии соли 2016 соҳиби медали тилло гардид.

# ДАРСҲОИ 21-22

## БАРОИ СОЛИМ ВА ЧЕМПИОНИ ОЛИМПӢ ШУДАН ЧӢ БОЯД КАРД?

### (Кори лоиҳавӣ)



Ҳамаи шумо имконияти чемпиони олимпӣ шуданро доред. Барои ин шумо бояд якчанд корро анҷом диҳед. Кадом корҳоро?



Якҷоя муҳокима карда, рӯйхати корҳоеро, ки барои чемпиони олимпӣ шудан зарур аст, тартиб диҳед. Мазмуни дарсҳои пешинаро ба хотир оред.

**Намуна:**

1. Саҳар барвақт аз хоб хестан.
2. Варзиши пагоҳирӯзиро ба ҷо овардан.

Рӯйхати тартибдодаатонро бо рӯйхати зерин муқоиса кунед.

Барои чемпиони олимпӣ шудан шахс бояд:

1. Саҳар барвақт аз хоб хеста, ба варзиш машғул шавад.
2. Дасту рӯяш ва дандонҳояшро тоза шуста, ноништо кунад.
3. Либосҳояшро тоза нигоҳ дорад.
4. Дарсҳояшро доимо тайёр кунад.
5. Калонсолонро ҳурмат кунад.
6. Дағалӣ ва ҷанг накунад.
7. Аз одатҳои бад дурӣ ҷӯяд.
8. Аз худаш хурдсолонро муҳофизат кунад.
9. Ба варзиш доимо машғул шавад.
10. Хӯроки серғизо хӯрад.

Рӯйхати тартибдодаатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед.



## ДАРСҲОИ 23-24



Ба расм нигоҳ карда, гӯед, ки шумо дар бораи ин ҳайвон чӣ медонед?



Матнро хонед ва гӯед, ки бо динозаврҳо чӣ ҳодиса рӯй додааст?



### ДИНОЗАВРҲО

Динозаврҳо ҳайвонҳои калонҷуссае мебошанд, ки аз давраҳои хеле қадим дар рӯйи Замин зиста, тақрибан 65 миллион сол қабл ба куллӣ нобуд шудаанд. Динозаврҳо бузургтарин ҳайвоноти рӯйи Замин буданд. Вазни баъзе аз онҳо ба 70 тонна мерасид, ки ин баробари вазни 10 фили калонҷусса мебошад.

Олимон якчанд сабабҳои нобудшавии динозаврҳоро таҳқиқ кардаанд, ки яке аз онҳо дигаргуншавии иқлим ва яхбандиҳои тӯлонӣ аст. Сабаби дигарашро аз фалокати азим – ба Замин бархӯрдани шиҳобпораи бузург медонанд.

Ҳамчунин, ба қавли олимон, боз имкон дорад, ки ҳайвоноти дигари зӯртар аз динозаврҳо пайдо шуда, онҳоро аз маконҳои зисташон танг карда, ба нобудшавӣ бурдаанд.

**шиҳобпора –** ҷисми физикии сангӣ ё сангию филизӣ, ки аз фазо ба замин меафтад



Имлои дунафарӣ.
миллион, куллӣ калонҷусса, тонна, динозавр, тӯлонӣ, шиҳобпора, зӯртар, нобудшавӣ



1. Матнро бурров у равон хонед.
2. Дар бораи динозаврҳо саволу ҷавоб кунед.
3. Динозаврҳоро бо дигар ҳайвонҳо муқоиса кунед ва нависед.

**Намуна:** Динозаврҳо аз филу говҳо калонтар буданд.

## ДАРСҲОИ 25-26



Дар расм чӣ тасвир шудааст? Шумо дар бораи он чӣ медонед?

Матнро хонед ва ба тарзи хондани рақамҳо диққат диҳед.



## АҲРОМИ ХЕОПС

Аҳроми Хеопс муъҷизаи беназири қадима буда, тақрибан 4 ҳазору 700 сол қабл бунёд шудааст. Баландии аҳром зиёда аз 146 метр, бари ҳар яке аз рӯяҳояш 233 метр буда, давродавраш қариб 1 километр мебошад. Вай аз тахтасангҳои бузурги сафедранге бино шудааст, ки вазни ҳар кадомаш ба 2,5 то 30 тонна мерасад.

Муҳандисон шумурдаанд, ки барои бунёди аҳроми Хеопс дар маҷмӯъ зиёда аз 2 миллион тахтасангҳои хурду бузург сарф шудааст. Барои аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани ин тахтасангҳо ба фикри одамони имрӯза камаш 20 ҳазор поезди боркаш лозим, ки ҳар кадомаш сӣ қатор вагон бошад.

*Аз «Ҳафт муъҷизаи олам»*



Матнро хонед ва ченакҳои вақт, дарозӣ ва вазнро аз матн муайян карда, ба ҷадвал нависед.

| Ченаки вақт | Ченаки дарозӣ | Ченаки вазн |
|---|---|---|
| | | |

Тарзи хондани рақамҳои зеринро машқ кунед:
**4700 -** чор ҳазору ҳафтсад
**146,6 -** як саду чилу шашу аз даҳ шаш
**233 -** ду саду сиву се
**2,5 -** дую аз даҳ панҷ
**2,6 -** дую аз даҳ шаш,

Рақамҳои зеринро хонед.

**156 7** **5 7** **4 5** **3800**

Бозии "Кӣ зудтар!"
Калимаҳо: аҳром, Хеопс, муъҷиза, тақрибан, бунёд, рӯяҳо, тахтасангҳо, сафедранг, муҳандисон, миллион, поезд

Аз матн ба саволҳои зерин ҷавоб ёфта нависед.

1. Аҳроми Хеопс кай бунёд шудааст?
2. Баландии аҳром чанд метр аст?
3. Рӯяҳои аҳром чанд метр аст?
4. Аҳром аз чӣ сохта шудааст?
5. Вазни тахтасангҳо чанд тонна аст?
6. Барои бунёди аҳром чанд тахтасанг истифода шудааст?
7. Барои аз як ҷо ба ҷойи дигар бурдани тахтасангҳои аҳром чанд поезд лозим аст?

Хондани кадом қисми матн ба шумо мушкил буд? Онро чӣ гуна ҳал кардед? Ба шумо чӣ ё кӣ ёрӣ расонд? Барои дуруст хондани чунин матнҳо онро якчанд маротиба хондан лозим аст.

Дар бораи аҳроми Хеопс ба аҳли хонаводаатон нақл кунед. Онро ба додарону хоҳаронатон хонед.

## ДАРСҲОИ 27-28

Шумо маънои калимаи "муаллақ"- ро медонед? Ба расмҳо нигаред ва онҳоро шарҳ диҳед.

### БОҒИ МУАЛЛАҚИ БОБУЛ



Боғи муаллақ болои чор қабат айвонҳои бузурги зинамонанд бунёд гардид. Ҳунармандону меъморон болои айвонҳоро бо тахтасангҳои ҳамвори яклухт пӯшонданд. Баъд аз рӯйи он як қабат қиру маводди обногузар кашиданд. Сипас ду қабат хишти пухта чида, ба рӯяш гаҷ молиданд. Болои хишту гаҷ барои нигоҳ доштани обу намӣ як қабат тахтасурб кашиданд. Аз болои ҳамаи ин ба рӯйи айвонҳо қабати ғафси хок рехтанд, то ки дарахтони бузург ба осонӣ сабзанд.

Боғи муаллақ басо зебову дилфиреб буд. Гӯё дар кӯҳе як боғи муҳташам бо дарахтони сояафкан доман густурда бошад. Шилдирроси оби наҳрҳову навои мурғони хушилҳон як пораи биҳиштро мемонд. Силсилаи сутунҳои айвон дар паноҳи дарахтони анбӯҳ ва буттаҳои зич ниҳон буданд. Сутунҳои ду қабати болоии айвон бо сабаби зиёдии дарахтони азим қариб наметофтанд. Ба назари бинанда ба монанди боғи дилфиреби муаллақ менамуд.



Дар поёни боғ ҳавзи бузурги сунъӣ сохта буданд. Акси боғ, дарахтони сарсабз ва силсилаҳои айвонҳо дар оби шаффоф инъикос меёфт.

*Бароти Абдураҳим*

**айвон** – нишастгоҳ, суфаи баланди болопӯшида
**муаллақ** – овезон, овехташуда
**қир** – моддаи сиёҳранге, ки аз нафт тахшин шуда мемонад ва дар мумфарш кардани роҳҳо ба кор меравад
**гач** – моддаи сафеди шабеҳи оҳак

Тарзи хондани калимаҳои зеринро машқ кунед:
муаллақ, айвонҳо, тахтасангҳо, обногузар, тахтасурб, дилфиреб, муҳташам, сояафкан, шилдиррос, дилфиреб, инъикос, силсила, сарсабз

Бозии "Кӣ зудтар!" Бо калимаҳои боло бозиро иҷро намоед.

Аз матн ибораҳоеро, ки ба намуна монанданд, ҷудо карда нависед.
**Намуна:** дарахтони сояафкан – Чӣ гуна дарахтон?

Матнро бори дигар хонед ва тартиби кори меъморонро гӯед.
Намуна: Аввал болои айвонҳоро бо тахтасангҳои ҳамвори яклухт пӯшонданд. Баъд ...

Боғи муаллақ дар болои чӣ бунёд шудааст? Барои бунёди боғ меъморон чӣ корҳоро анҷом доданд? Боғи муаллақ чӣ гуна буд? Дар боғ чиҳо буд? Дар поёни боғ чӣ буд?

Дар бораи Боғи муаллақ ба аҳли хонаводаатон нақл кунед. Матнро ба додарону хоҳаронатон хонед.



## ДАРСҲОИ 29-30



Шумо асалро дӯст медоред? Асал чӣ тавр тайёр мешавад, медонед?

## ЗАНБӮРҲОИ АСАЛ ЧӢ ГУНА ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД?







Занбӯрҳои асал ба тарзи оилавӣ зиндагӣ мекунанд. Як оилаи занбӯр аз якчанд гурӯҳ иборат аст. Ҳар гурӯҳ вазифаи муайянро иҷро мекунад. Занбӯрҳои корӣ аз гулҳо **шаҳд ҷамъ** мекунанд ва онро ба занбӯрхона оварда, ба асал табдил медиҳанд. Занбӯрҳои сарбоз занбӯрхонаро муҳофизат мекунанд. **Маликазанбӯр** тухм мегузорад. Дар фасли зимистон занбӯрони корӣ аз асали **тайёркардаашон** ғизо мегиранд ва зинда мемонанд.

Вақте ки ба занбӯр душман таҳдид мекунад, аз паси шикамчааш неши тези **заҳролудро** бароварда, ӯро мегазад. Аммо ин тарзи муҳофизат ба ивази ҷони худи занбӯр муяссар мегардад, зеро пас аз халондан аз неш маҳрум мешавад ва мемирад.

*Аз «Чӣ? Кай? Дар куҷо?»*

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Ба тарзи хондани калимаҳои ҷудошуда диққат диҳед.

Дар бораи ҳаёти занбӯрон саволҳо омода кунед. Бо гурӯҳҳои дигар саволу ҷавоб кунед.

Аз матн вазифаҳои занбӯронро ҷудо карда нависед. Кадом гурӯҳи занбӯрон чӣ корҳоро иҷро мекунад?

## ДАРСҲОИ 31-32



Ба фикри шумо атлас аз чӣ бофта мешавад? Пахта? Абрешим? Пашм?

### АБРЕШИМРО ЧӢ ТАВР КАШФ КАРДАНД?



















Бори аввал абрешимро чиниҳо чандин аср пеш кашф кардаанд. Нахҳои абрешимро аз пиллаи кирмакҳои тутхӯр мегиранд, ки дар Чин ин гуна шабпаракҳоро махсус парвариш мекарданд. Модакирмак якбора 400 тухм мегузорад. Ин тухмчаҳо ба кирмак табдил ёфта, дар давоми шаш ҳафта бо барги тут парвариш меёбанд. Баъд аз даҳонашон ғоз баровarда, худро бо он мепечонанд ва пилла ҳосил мешавад. Ҳамин ғозҳои пилла нахи абрешим мебошанд.

Барои як килограмм абрешим 5500 пилладона лозим аст. Аввал пиллаҳоро дар об ҷӯшонида, кирмакро нобуд мекунанд ва нӯги ғози пилларо ба ғалтакҳои махсуси пилларесӣ баста, мепечонанд. Баъд нахҳои пилларо ресида, аз он матои абрешимӣ мебофанд.

1. Матнро хонед ва қисмҳои онро ба расм алоқаманд намоед.
2. Дар асоси мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.

Барои тасвири ҳар расм як ҷумла нависед.
**Намуна:** 1. Модакирмак тухм мегузорад.

Аз матои абрешим чиҳо тайёр мекунанд? Ду ё се ҷумла нависед.
**Намуна:** Аз матои абрешим куртаи духтарона тайёр мекунанд.

# ДАРСҲОИ 33-34

## МАШҚҲОИ ИЛОВАГӢ

муаллақ, айвонҳо, тахтасангҳо, обногузар, тахтасурб, дилфиреб, муҳташам, сояафкан, шилдиррос, инъикос, силсила, сарсабз , занбӯр, гурӯҳ, ҷамъ, маликазанбӯр, пилла, шабпарак, аввал, ғалтак, пилларесӣ, абрешимӣ

Дар гурӯҳҳои чорнафара машғул шуда, ҳар чӣ бештар ибора нависед.

| **Чӣ? Чиҳо?** | | **Чӣ хел? Чӣ гуна?** | |
|---|---|---|---|
| муъҷиза<br>аҳром<br>боғ<br>тахтасангҳо<br>хишт<br>дарахтон<br>мурғон | ҳавз<br>занбӯрҳо<br>кирмакҳо<br>неш<br>нах<br>матоъ | сабз<br>хушилхон<br>қадима<br>абрешим<br>абрешимӣ<br>асал<br>корӣ<br>беназир<br>тутхӯр<br>заҳролуд | сафедранг<br>муаллақ<br>зебо<br>пухта<br>сояафкан<br>азим<br>сарсабз<br>ҳамвор<br>бузург |

Дар асоси маълумоти ҷадвал ҷумла нависед.
**Намуна:** Меъморон болои айвонро пӯшонданд.

| Кӣ? Киҳо? Чӣ? Чиҳо? | Чӣ кор мекунанд? |
|---|---|
| меъморон<br>ҳунармандон<br>занбӯрҳои корӣ<br>маликазанбӯр<br>занбӯрҳои сарбоз<br>модакирмакҳо<br>кирмакҳо | қабати ғафси хок рехтан<br>тухм гузоштан<br>болои айвонро пӯшондан<br>барги тут хӯрдан<br>ғоз баровардан<br>худро печондан<br>гаҷ молидан<br>шаҳд ҷамъ кардан<br>занбӯрхонаро муҳофизат кардан |

# ХИСЛАТҲОИ БОТИНӢ

## ДАРСҲОИ 35-36



Ҷасур чӣ гуна шахсро мегӯянд?



### МУҲАББАТИ ҶАСУР

Яке аз рӯзҳои офтобии аввали баҳор буд. Дар байни роҳи оҳани наздикии истгоҳи Хонақоҳ ду писарбача бозӣ мекарданд. Онҳо чунон саргарми бозӣ буданд, ки ҳатто ба ҳуштаккашону фашшасзанон торафт наздик омадани поезд аҳамият намедоданд. Хонандаи синфи панҷум Муҳаббат ҳамин вақт аз паҳлуи роҳи оҳан гузашта, ба мактаб мерафт.

Вай аз пайваста ҳуштаки дароз кашидани поезд хавферо ҳис кард. Ба ақиб нигоҳ карда, як лаҳза дар ҷояш шах шуда монд. Поезд босуръат меомад.



Вале хурдтаракон бошанд, ба поезд эътибор намедоданд.

Муҳаббат ба сӯйи бачаҳо шитофт. Вай якеро аз роҳи оҳан берун баровард. Вақте ки сӯйи бачаи дуюм давид, поезд аллакай наздик шуда буд. Муҳаббат писаракро аз роҳ берун баровarда, худро аз паси ӯ ба канор гирифт. Поезд тирвор гузашта рафт.

Муҳаббат ҷони худро дар хатар гузошта, ду писари хурдсолро аз фалокат наҷот дод.

Маълум шуд, ки он ду писарак Ёқуби сесола ва Муҳиддини сеюнимсола будаанд. Падару модарони Ёқубу Муҳиддин ба Муҳаббати ҷасур аз самими дил миннатдорӣ изҳор карданд.

**хавф** – хатар
**Хонақоҳ** – номи маҳаллае дар Ҳисор
**тирвор** – тез, босуръат

1. Матнро хонед ва гӯед, ки мавзӯи асосии он чист. Як мавзӯи зеринро интихоб намоед:
   а) Бозӣ кардани бачаҳо дар роҳи оҳан.
   б) Ба мактаб рафтани Муҳаббат
   в) Аз фалокат наҷот додани кӯдакон
2. Кадом мавзӯъро интихоб кардед? Чаро?



Дунафарӣ саволу ҷавоб кунед.
Ҳодиса **кай** рӯй дод? Ҳодиса **дар куҷо** рӯй дод? Симои асосии ҳикоя кист? Ӯ чӣ кор кард? Агар Муҳаббат кӯдаконро аз роҳ берун намеовард, чӣ мешуд?

Имлои дунафарӣ.
аввал, ҳуштаккашон, фашшосзанон, Муҳаббат, аллакай, ҳатто, суръат, эътибор, фалокат.

Сифатҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед. Нигаред ба намуна.

қадбаланд, ҳалим, ҷасур, ҳилагар, қадпаст, зебо, ҷингиламӯй, айёр, маккор, софдил, ростгӯй, дурӯғгӯй, одил, хандонрӯй, абрукамон

| Хислатҳои зоҳирӣ | Хислатҳои ботинӣ |
|---|---|
| қадбаланд | ҳалим |

Як хислати зоҳирӣ ва як хислати ботинии нафареро нависед.
Намуна: Замира қадбаланд аст. Ӯ духтари ростгӯй аст.

# ДАРСҲОИ 37-38



Ба шумо чӣ гуна шахс писанд аст? Шахси зебо ё шахси хуб? Чаро?

## БАРОДАР ВА ХОҲАР

Падаре як писар ва як духтар дошт. Писараш хеле зебо буд. Аммо духтараш назарногир ва безеб буд. Рӯзе писару духтар бозӣ мекарданд ва аз як хона ба хонаи дигар давутоз мекарданд. Ногоҳ дар болои мизи модарашон оинаро диданд. Писар худро дар оина дида хеле фахр кард ва зебоии худро таъриф кард. Духтар ғамгин шуда, ба назди падараш рафт ва шикоят кард, ки бародараш аз ҳусну ҷамолаш фахр мекунад.

Падараш ҳар ду фарзандашро бо меҳрубонӣ ба оғӯш гирифта, насиҳат кард. “Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам, ту кӯшиш кун, ки бо кирдори хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту, духтарам, кӯшиш кун, ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ.”

*Аз “Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким”*

1. Матнро дунафарӣ бурровy равон хонед.
2. Насиҳати падарро хонед ва шарҳ диҳед.
3. Ба писар ва духтар гӯед, ки кадом амалҳои хубу некро иҷро карда метавонанд.

Ба воситаи калимаҳои "Кӣ?", "Кай?", "Чӣ кор кард?" ва "Чаро?" савол тартиб диҳед. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб кунед.

Ба писараку духтарак якчанд маслиҳат нависед, то панди падарро фаромӯш накунанд. **Намуна:** Шумо бояд ростгӯй бошед.

1. Матнро дар хона якчанд маротиба хонед.
2. Даҳ хислати хуби одамонро нависед. **Намуна:** меҳрубон ...

## ДАРСҲОИ 39-40



Номи ҳикояро хонед. Мазмуни пандро шарҳ диҳед.



### АВВАЛ АНДЕША, БАЪД ГУФТОР

Як рӯзи тобистон буд. Офтоб медурахшид. Мардуми зиёд дар истгоҳи роҳи оҳан интизор буданд. Дар байни мардум як гурӯҳи наврасон низ буд, ки ба истироҳатгоҳ мерафтанд. Дар он ҷо мағозаҳо, қаҳвахонаҳо ва ошхонаҳои зиёд буд.

Садои баландгӯяк аз омадани қатора хабар дод. Ҳама барои ба қатора савор шудан омода шуданд.

Гурӯҳи наврасон ғалоғула карда, аввалин шуда ба қатора савор шуданд. Онҳо аз ҳама пеш ба ҷойҳояшон нишастанд.

Ҳама ҷойҳо пур шуданд. Ногаҳон марде бо писараки дувоздаҳсола давон омада ба қатора савор шуданд. Онҳо дар назди гурӯҳи наврасон нишастанд. Қатора ба ҳаракат даромад.

Писарак аз дидани ҳама чиз дар ҳайрат монда буд. Ӯ ба падараш нигоҳ карда гуфт: “Падар, қатора ба пеш ҳаракат мекунад ва ҳама чиз ба қафо меравад.” Падар сарашро меҷунбонд.



Вақте ки қатора тез ҳаракат кард, писарак боз дод зада гуфт: “Падар, дарахтон сабзанд ва тез гузашта истодаанд.” Падараш гуфт, “Бале, ҷонам” ва табассум кард.

Ба монанди кӯдаки хурдсол писарак аз ҳама чиз хурсанд мешуд ва ба ҳайрат меафтод.

Дар истгоҳе мевафурӯше ба даруни вагон даромад. Писарак аз падараш хоҳиш кард, ки ба ӯ себ бихарад. Падараш ба ӯ себ харид. Ӯ гуфт: “Шакли себ аз мазааш ширинтар аст. Ман

ин рангро хеле дӯст медорам.”

Гурӯҳи наврасон ҳар кореро, ки писарак иҷро мекард, мушоҳида мекарданд. Онҳо аз падари писарак пурсиданд: “Писари шумо бемор аст? Барои чӣ вай дигар хел рафтор мекунад?”

Як писарак аз гурӯҳ масхара карда, дод зад: “Ба фикрам, писари ӯ девона аст.”

Падари писарак оромона ба гурӯҳи наврасон ҷавоб дод: “Писари ман нобино таваллуд шуда буд. Якчанд рӯз пеш ӯро ҷарроҳӣ карданд ва чашмони ӯ бино шуданд. Ӯ ин ҳама чизро дар умраш бори аввал дида истодааст.”

Наврасон ором шуданд. Аз падару писар бахшиш пурсиданд.



1. Матнро бурровy равон хонед.
2. Матн аз чанд сархат иборат аст, муайян кунед.



Матнро бори дигар хонед. Қисмҳоеро, ки ба мавзӯъҳои зерин мувофиқанд, аз матн ҷудо кунед.

1. Бетамкинии наврасон
2. Омадани қатора
3. Хулоса
4. Кунҷковии писар
5. Тасвири истгоҳи роҳи оҳан
6. Шарҳи воқеа
7. Ҷобаҷо шудани мусофирон



Дар асоси мазмуни матн саволҳо нависед. Аз калимаҳои зерин истифода баред: Кӣ? Кай? Дар куҷо? Чӣ кор кардан? Чаро? Чӣ хел? Кӣ? Киҳо?



Бо ҳамнишинатон дар асоси саволҳои навиштаатон саволу ҷавоб кунед.

## ДАРСҲОИ 41-42



Шумо ягон маротиба мушоҳида кардаед, ки шахсе аз роҳ сангҳоро гирифта ба як тараф мепартояд? Ба фикри шумо чаро ӯ чунин мекунад?



# МАН ОДАМ ҲАСТАМ

Шом фаро расида буд. Дар роҳ ду шахс: падару писари ҳаштсолааш мерафтанд. Дар байни роҳ санге буд.

Падар сангро надида, пешпо хӯрд ва пояш захм бардошт. Пояш хеле дард кард. Лангида-лангида ба як тараф рафту дасти писарашро гирифта, роҳашро идома дод.

Рӯзи дигар падару писар боз бо ҳамон роҳ баргаштанд. Падар боз сангро надида, ба он зад ва пояш дубора зарб хӯрд.

Рӯзи сеюм низ падару писар бо ҳамон роҳ рафтанд. Ҳарчанд то ҷойи сангхобида масофаи зиёд буд, падар ба писар гуфт:

— Бодиққат пеши поятро нигоҳ кун, писарам. Мо бояд сангро гузарем.

Онҳо ба ҷое, ки падараш ду маротиба пешпо хӯрда пояшро захмин карда буд, расиданд. Падару писар оҳиста-оҳиста қадам заданд, аммо санг дар ҷояш набуд.

Дар як тарафи роҳ мӯйсафеде нишаста буд.

— Бобоҷон, — пурсид писарак, —шумо дар ин ҷо сангро надидед?

— Ман онро аз роҳ гирифта партофтам.

— Шумо низ пешпо хӯрдед?

— Не, ман пешпо нахӯрдам.

— Пас, чаро сангро аз роҳ гирифта партофтед?

— Писарам, барои он ки ман одамам.

Писарак каме фикр карда, аз падараш пурсид:

— Оё шумо одам нестед?

*Сухомлинский А.В.*


Матнро бурровy равон хонед.
Матнро дар гурӯҳҳо мувофиқи нақшҳо хонед.


Чаро писарак ба падараш чунин саволи ноҷо дод?


Вазъиятҳои зеринро хонед, гӯед, ки ин шахсон бояд чӣ кор кунанд.

**Вазъияти 1.** Шаб ҳаво хеле сард шуд. Роҳравҳо ҳама ях бастанд. Марде саҳар барвақт ба кор мерафт. Ногоҳ лағжида ба замин афтод.

**Вазъияти 2.** Деҳаи Чаман дар соҳили чапи дарё воқеъ аст. Деҳаро бо роҳи калон танҳо як кӯпруки чӯбин пайваст мекунад. Ҷо-ҷо баъзе чӯбҳои кӯпрук фарсуда шудаанд. Истиқоматкунандагони деҳа ин ҷойҳоро бо азоб мегузаранд.

**Вазъияти 3**. Амаки Раҷаб дар саргаҳи деҳа зиндагӣ мекунад. Ӯ саги калони чӯпонӣ дорад. Ӯ ҳеҷ гоҳ сагашро намебандад. Бегоҳ, вақте ки мардум аз кор бармегарданд, саг сари роҳи онҳоро гирифта, ба тарафашон ҳамла мекунад. Одамон маҷбур мешаванд, ки то омадани амаки Раҷаб дар поёни деҳа мунтазир шаванд.


Ба монанди вазъиятҳои боло ҳодисаеро аз маҳалли худ нақл кунед.


Барои шахсони дар вазъиятҳои 1-3 омада тавсия нависед.
**Намуна:** Мард бояд ба рӯйи ях қум пошад.


Матни "Ман одам ҳастам" ва вазъиятҳои болоро бо аҳли оилаатон хонед. Як вазъияти ба ин монандро аз ҳаёти одамони атрофатон нависед.
Намуна: Дар хонаи мо устоҳо кор мекарданд. Дар рӯйи ҳавлӣ чӯбҳои мехдори зиёд партофта шуда буданд. Додарам дар ҳавлӣ давутоз мекард. Ногоҳ ба пояш мех халид. Бибиам ба устоҳо гуфт, ки тамоми чӯбу асбобҳояшонро ҷамъ кунанд ва ба ҷойи бехавф гузоранд.

## ДАРСҲОИ 43-44



Оё дӯстон қалбакӣ мешаванд? Калимаи «қалбакӣ» чӣ маъно дорад?



### ДӮСТОНИ ҚАЛБАКӢ

Харгӯше дар ҷангал зиндагӣ мекард. Вай дӯстони зиёд дошт. Аз дӯстонаш фахр мекард.

Рӯзе Харгӯш садои сагони ваҳширо шунид. Хеле тарсид. Вай хост аз дӯстонаш ёрӣ талаб кунад. Ба назди Оҳу рафт. Ӯ гуфт: "Дӯсти азиз, сагони ваҳшӣ маро сур карда истодаанд. Ту метавонӣ бо шохҳои тезат онҳоро аз ҷангал пеш кунӣ?"

Оҳу гуфт: "Дуруст ман онҳоро пеш карда метавонам. Аммо ман ҳоло кор дорам. Аз Хирс ёрӣ пурс."

Харгӯш ба назди Хирс рафт ва гуфт: "Дӯсти азиз, шумо хеле бақувват ҳастед. Хоҳиш мекунам, ба ман ёрӣ расонед. Сагҳои ваҳшӣ маро сур карда истодаанд. Илтимос, онҳоро аз ҷангал пеш кунед."

Хирс ҷавоб дод, "Бубахш, ҷӯраҷон, ман хеле гурусна ва монда шудаам. Бояд хӯрок ёбам. Илтимос, аз Маймун ёрӣ пурс."



Харгӯшаки бечора ба назди Маймун, Фил, Буз ва ҳамаи дӯстонаш рафт. Аммо ягон кас ба Харгӯш ёрӣ нарасонд.



Харгӯшак фаҳмид, ки худаш бояд роҳи халосиро ёбад. Ӯ дар пушти буттае пинҳон шуд. Оромона истод. Сагҳои ваҳшӣ ӯро наёфтанд. Онҳо ҳайвоноти дигарро сур карданд.
Харгӯшак фаҳмид, ки худаш бояд кӯшиш кунад ва ба дигарон вобаста набошад.

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Сархатҳои матнро ҳисоб кунед. Ба сархатҳо ном гузоред.

Харгӯш дар куҷо зиндагӣ мекард? Ӯ аз чӣ фахр мекард? Харгӯш аз чӣ тарсид? Чаро ба назди Оҳу рафт? Оҳу ба ӯ ёрӣ расонд? Оҳу чӣ баҳона ҷуст? Баъд Харгӯш ба назди кӣ рафт? Чӣ ҷавоб гирифт? Харгӯш аз хатар чӣ тавр халос шуд?

Мо медонем, ки на ҳамаи дӯстон ба монанди дӯстони харгӯшанд. Дӯстони хуб ҳам зиёданд. Ба харгӯш мисол оварда фаҳмонед, ки дӯстони ҳақиқӣ ҳам мешаванд.
Намунаи суҳбат: Харгӯшаки азиз. Дӯстони хуб ҳам хеле зиёданд. Масалан, як рӯз ман дафтарамро дар хона фаромӯш кардам. Дӯстам ба ман дафтари навашро ҳадя кард.

Ба харгӯшак дар бораи дӯстатон нависед. Ӯ мактуби шуморо хонда, дилаш ба дӯстӣ гарм мешавад. Нигаред ба намуна.

Харгӯшаки азиз,
Ту аз дӯстонат хафа нашав. Дӯстон ҳақиқӣ ҳам мешаванд. Дугонаи ман Анора дӯсти ҳақиқӣ аст. Ӯ духтари боодаб, доно ва ботамкин аст. Як рӯз ман вазифаи хонагиро тайёр накарда будам. Ӯ пеш аз дарс ба ман ёрӣ расонд. Ман баҳои хуб гирифтам.
Бо эҳтиром,
Сарвиноз

Инсон бояд аз он андеша кунад, ки дар зиндагӣ му-
вофиқи рафтори худ му-
кофот мегирад. Некӣ шо-
истаи таҳсину офарин,
бадӣ сазовори ҷазо ме-
бошад. Пас аз ин ду
кадоми беҳтар аст?

## ДАРСҲОИ 45-46



Вазъияти зеринро хонед ва ба рафтори Нодир баҳо диҳед.

Рӯзе Замира бемор шуд. Модараш мехост ӯро ба назди духтур барад. Барои ҳамин Замира ба мактаб нарафт. Додари Замира – Нодир худро бемор вонамуд кард. Ба модараш гуфт, ки ӯ низ имрӯз ба мактаб намеравад.



### РӮБОҲ, САНГПУШТ ВА МӮРЧА
### (Қисми якум)

Як рӯз Рӯбоҳ, Сангпушт ва Мӯрча ҳамроҳ рафта истода буданд, ки паҳлуи роҳ як тӯда арзанро диданд.

— Биёед, бурда кишт мекунему ҳосилашро тақсим карда мегирем, — таклиф карда гуфт Рӯбоҳ.

Арзанро аз рӯйи замин ҷамъ карда гирифтанд.

— Акнун замин ёфтан лозим аст, — гуфт Сангпушт ва ҳар се рафта истода, дар таги теппае як ҷойи барои кишт муносибро ёфтанд.

Рӯбоҳу Сангпушту Мӯрча ба шудгор сар карданд. Камакак кор карда буданд, ки Рӯбоҳ якбора ба тарафи теппа нигоҳ карда гуфт:

— Эй ҷӯраҳо, ин теппа ба болои киштамон меафтидагӣ барин, меҳнатамон барбод меравад. Шумоён шудгор кардан гиред, ман рафта теппаро дошта меистам.

Рӯбоҳ ҳамин тавр гуфта, ба паҳлуи теппа баромаду баҳузур хоб кард.

Бегоҳӣ Сангпушту Мӯрча киштро тамом карда, акнун ба ягон ҷой рафта дам гирифтанӣ буданд, ки Рӯбоҳ хеста ба пеши онҳо омад.

— Сари вақт рафта будаам, — гуфт Рӯбоҳ, — теппа чаппа шуда истода будааст. Агар намедоштам, ҳам меҳнатамон месӯхту ҳам худамон нобуд мешудем.



1. Матнро бурровү равон хонед.
2. Матнро мувофиқи мавзӯъҳо ба чанд қисм ҷудо кунед. **Намуна:** а) Ёфтани арзан б) ...
3. Симоҳои матнро муайян карда, суханони онҳоро аз матн ҷудо кунед.



Ба фикри шумо Рӯбоҳ дар ҳақиқат теппаи чаппашудаистодаро нигоҳ дошт? Ақидаатонро шарҳ диҳед. Рафтори Рӯбоҳ ва Нодирро муқоиса кунед. Кадоми онҳо бахил ва кадомаш маккор аст?



Имлои дунафарӣ.
Рӯбоҳ, рӯз, тӯда, паҳлу, якбора, ҷӯра, теппа, Мӯрча, кӯфтан, бисёр.



Аз матн гӯяндаи ин суханонро муайян карда, ба монанди намуна нависед.
**Намуна:** — Биёед, бурда кишт мекунему ҳосилашро тақсим карда мегирем, — гуфт Рӯбоҳ.

— Акнун замин ёфтан лозим аст.
— Эй ҷӯраҳо, ин теппа ба болои киштамон меафтидагӣ барин, меҳнатамон барбод меравад.
— Шумоён шудгор кардан гиред, ман рафта теппаро дошта меистам.



Дар бораи сифатҳои зоҳирӣ ва ботинии Рӯбоҳ, Сангпушт ва Мӯрча якчанд ҷумла нависед.
**Намуна:** Рӯбоҳ зард аст. Вай маккор аст.

## ДАРСҲОИ 47-48



Қисми аввали афсонаро ба хотир оред. Ба фикри шумо давоми афсона чӣ мешавад?

### РӮБОҲ, САНГПУШТ ВА МӮРЧА
### (Қисми дуюм)

Тирамоҳ шуд. Мӯрчаю Сангпушт арзани заб-зард пухта хобидаро даравиданд, кӯфтанд, бод карданд. Дар ҳамин вақт аз куҷое Рӯбоҳ пайдо шуда омад. Вай бо ҳавас хирмани тиллоранги арзанро аз назар гузаронида, дар гирдаш як давр зада гуфт:

—Ҷӯраҳо, ин ҳосил он қадар ҳам бисёр не, ба тақсим кардан намеарзад. Биёед, як шарт мебандем. Ҳар ки шартро бурад, ҳосил аз они вай мешавад.

— Чӣ шарт? — пурсид Сангпушт.

— Шарт ҳамин, — ҷавоб дод Рӯбоҳ, — ба таги ана он дарахти сада рафта, аз он ҷо ҳар сеямон ба сари хирман давида меоем. Ҳар кӣ аз ҳама пеш ояд, ҳосил аз они вай мешавад.

Сангпушту Мӯрча ночор розӣ шуда, ҳамроҳи Рӯбоҳ ба таги дарахти сада рафтанд.

— Тайёр бошед! — гуфт Рӯбоҳ.

Сангпушту Рӯбоҳ ба давидан тайёр шуда истоданд.

— Давидем! — гуфта Рӯбоҳ ба сӯйи хирман тохт. Мӯрча фурсатро ғанимат дониста, ба думи Рӯбоҳ маҳкам часпида



гирифт.

Рӯбоҳ ба сари хирман расида, думи дарозашро ба рӯйи он гузошту:

— Ана ба сари хирман расидам, ҳосил аз они ман! — гуфта қоҳ-қоҳ зада хандид.

— Ҳой, думатро бардор, маро мачақ кардӣ-ку! — гуфт Мӯрча аз рӯйи думи ӯ ба рӯйи арзан фуромада, — "Аз они ман шуд" мегӯйӣ? Не, ман кайҳо ба ин чо расида омада будам.

— Чӣ тавр ту аз ман пештар ба ин чо омадӣ? Ман ҳеҷ бовар намекунам, ки ту аз ман тезтар метохта бошӣ! — гуфта Рӯбоҳ чанчол бардошт.

Дере нагузашта Сангпушт ҳам омад. Вай Мӯрчаро аз чанчол халос карданӣ шуда, ба Рӯбоҳ гуфт:

— Дӯсти азиз! Туро ду саги тозӣ кофта гаштааст. Онҳо маро дида, чойи исти туро пурсиданд. Ман "намедонам" гуфтам, онҳо маро хуб кӯфтанд. Ҳоло сагҳо ба ин тараф меоянд. Ана, ак-аки сагҳоро магар намешунавӣ?!

Рӯбоҳ тарсида гурехта рафт.

Бо ҳамин тадбир Сангпушту Мӯрча аз Рӯбоҳи ҳилагар халос шуда, ҳосили арзанро дар байни худ тақсим карда гирифтанду тамоми зимистон хӯрда хоб карданд.

Матнро бурров у равон хонед. Дар асоси мазмуни афсона саволу чавоб кунед. Дар асоси матни афсона саҳнача тартиб дода, онро ичро намоед.

Калимаҳои зеринро ба ду гурӯҳ чудо карда, нависед. Нигаред ба намуна.

| Хуб | Бад |
|---|---|
| ростгӯйӣ | дурӯғгӯйӣ |

ростгӯйӣ, дурӯғгӯйӣ, чанг кардан, дӯстӣ кардан, меҳрубонӣ, бадкирдорӣ, хасисӣ, ғайбат кардан, озор додан, гапнодарой, дарс тайёр кардан, ба дигарон ёрӣ расондан, калонсолонро ҳурмат кардан, ба варзиш машғул шудан, ҳайвонотро озор додан

# ДАРСҲОИ 49-50



Шумо маънои калимаи «хасис»-ро медонед? Чӣ гуна одамро хасис мегӯянд?

**хасис** – мумсик



Калимаи зерин аз чанд калима иборат аст. Ҳар яки он дар алоҳидагӣ чӣ маъно дорад? Агар якҷоя навишта шаванд, оё маъно тағйир меёбад?
Калима: кулоҳдӯз



Калимаҳои нав созед. **Намуна:** пахтачин

| | |
|---|---|
| мӯза | |
| курта | чин |
| тоқӣ | дӯз |
| сар | тарош |
| пахта | |



Номи ҳикояро хонед. Ба фикри шумо дар он сухан дар бораи чӣ меравад?

## МАРДИ ХАСИС ВА КУЛОҲДӮЗ

Боре марди хасисе ба устои кулоҳдӯз як дона пӯсти гӯсфанд оварда хоҳиш кард: – Аз ин пӯст бароям кулоҳе бидӯз.

– Хеле хуб, – гуфт кулоҳдӯз, – медӯзам.

Он мард аз дукони кулоҳдӯз баромаду фикр кард: «Охир, ин пӯст калон аст. Шояд дуто кулоҳ дӯхтан мумкин бошад?. Боз ба назди кулоҳдӯз омаду гуфт:

– Усто, ту метавонӣ аз ин пӯст бароям дуто кулоҳ бидӯзӣ?

– Чаро надӯзам, албатта, медӯзам! – гуфт кулоҳдӯз

– Ин тавр бошад, дуто бидӯз, – гуфт он мард ва рафт. Каме роҳ рафту фикр кард ва баргашту пурсид: – Усто, аз ин пӯст сето кулоҳ дӯхта наметавонӣ?

– Чаро не? Сето ҳам медӯзам!

Марди хасис хурсанд шуду пурсид: – Чорто дӯхта метавонӣ?
– Чорто ҳам метавонам!
– Панҷто ҳам метавонӣ?
– Панҷто ҳам медӯзам.
– Шашто ҳам?
– Медӯзам!
– Ҳафтто ё бехтараш ҳаштто ҳам метавонӣ?
– Чаро натавонам? Ҳаштто ҳам метавонам.
– Пас, бароям ҳаштто кулоҳ бидӯз!
– Хеле хуб, ҳаштто медӯзам. Баъди як ҳафта биё.

Марди хасис баъди як ҳафта ба назди кулоҳдӯз омад ва пурсид: – Кулоҳҳои маро дӯхтӣ?
– Дӯхтам! – гуфт усто ва ба шогирдаш фармуд:
– Кулоҳҳоро биёр!

Шогирд рафту ҳаштто кулоҳ овард. Вале онҳо чунон хурд буданд, ки ба сари одам не, фақат ба себ пӯшондан мумкин буд.



Мард ҳайрон шуду пурсид:
– Чаро кулоҳҳо ин қадар хурданд?
– Худат фикр кун! – гуфт устои кулоҳдӯз. Марди хасис ҳаштто кулоҳи хурдакакро гирифта рафт ва ҳамеша фикр мекард: «Чаро кулоҳҳо ин қадар хурд шуданд? Чаро?»

 Ҳикояро аз рӯйи нақшҳо хонед.

 Ба саволи марди хасис ҷавоб гардонед. «Чаро кулоҳҳо ин қадар хурд шуданд? Чаро?»

 Дар асоси афсонаи «Марди хасис ва кулоҳдӯз» **ба таври шифоҳӣ** афсонаи нав тартиб диҳед. Усто ва талаби марди хасисро тағйир диҳед. Намуна: Боре марди хасисе ба устои мӯзадӯз ...

# МАШҚҲОИ ИЛОВАГӢ

Тарзи навиштани калимаҳои зеринро машқ кунед.

бақувват, аммо, шиддат, омӯзгор, албатта
мӯза, кӯза, кулоҳдӯз, пӯст, дӯхтан, дукон
баъд, маълум, эълон, маълумот, аъло
як, ёфтан, бисёр, комёб, юнучқа, тағйир
хасисӣ, некӣ, омадӣ, гуфтӣ, дӯхтӣ, равшанӣ

Калимаҳои муқобилмаъноро аз ду сутун муайян карда, нависед.
**Намуна:** калон - хурд

| | |
|---|---|
| калон | хароб |
| гарм | нотавон |
| фарбеҳ | паст |
| тавоно | хурд |
| баланд | кӯтоҳ |
| дароз | хунук |

Дар асоси маълумоти ҷадвал ба монанди намуна якчанд ҷумлаи алоқаманд нависед.

| **Касб** | **Чӣ кор мекунад?** | **Дар куҷо кор мекунад?** |
|---|---|---|
| Духтур | одамонро табобат мекунад | беморхона |
| Омӯзгор | таълим медиҳад | мактаб |
| Мӯзадӯз | пойафзол медӯзад | устохона |

Намуна: Мӯзадӯз пойафзол медӯзад. Ӯ дар устохона кор мекунад.

## ДАРСҲОИ 51-52



Афсонаи таҳияkardaатонро ба ҳамдигар нақл кунед.
**Намуна:** Боре марди хасисе ба ...

Оё кӯдакон хасис мешаванд? Ягон мисол оварда метавонед? Барои хасис нашудан чӣ бояд кард?

### ЧАРО РАНГИ СОБИРА КАНД?

Соати аввал тамом шуд. Собира ба берун набаромада, аз ҷояш намеҷунбид. Дугонааш Замира ҳам, ки дар назди ӯ менишаст, дар синф монда, китобчаи нави худро мехонд.

“Агар ман ҳозир кулчаҳоямро хӯрам, – аз дил гузаронд Собира – Замира ҳам ба ман ҳамроҳ мешавад. Агар ба ӯ надиҳам, чашмгурусна мегӯяд. Диҳам, он гоҳ дигарон ҳам мепурсанду худам сер намешавам”.

Дар танаффуси дигар ҳам нашуд. Ҳарчанд Собира номаълумакак кисаҳояшро аз кулчаву мавиз пур карда берун баромада бошад ҳам, ҳамсинфонаш Гуландому Соро аз ӯ дур намешуданд. Онҳо ӯро ба бозӣ даъват карданд. Собира розӣ нашуд. Охир, бо шиками гурусна чӣ хел бозӣ кардан мумкин? Худаш то вақти мактабравӣ ба бозӣ андармон шуда, дер монда омад. Барои гурусна намондан модараш ба ҷуздони ӯ кулчаву мавиз андохт, ки вақти танаффус хӯрад.

Онҳо бо баҳсу мунозира машғул буданд, ки занги даромад зада шуд. Пас аз дарси сеюм бошад, ҳамсинфон ба саҳни мактаб баромада бозӣ ташкил карданд. Хулоса, то охири дарс Собира хеле гурусна монда, бо рангу рӯйи канда ба хона омад. Ин аҳволи ӯро модараш дида ба ташвиш афтод.

Ба фикри шумо модараш ба Собира чӣ гуфт?

– Ҳа, духтарам, ба ту чӣ шуд? Мабодо касал нашудӣ?

– Не, – беҳолона гуфт Собира.

Чашми модар ба лабҳои хушкидаи духтараш афтоду аз таги гап пай бурд ва маслиҳатомез гуфт:

– Ин корат нағз не, духтарам. Ман кулчаву мавизро бисёртар додам, ки бо дугонаҳоят хӯрӣ, ту бошӣ ...



Чаро баъди дарси якум Собира кулчаву мавизи овардаашро хӯрда натавонист? Дар танаффуси дуюм кӣ ба Собира халал расонд? Оё рафтори Собира хуб буд? Чаро? Рафтори Собираро баҳо диҳед.



Сабабу натиҷаи ҳодисаро муайян кунед.

Сабаби беҳол шудани Собира чӣ буд?
а. Хӯрокашро бо дугонаҳояш нахӯрд.
б. Аз хасисӣ ба хӯрдани хӯрок фурсати муносибе наёфт.
в. Модараш ба вай хӯрок надод ва ӯ аз гуруснагӣ беҳол шуд.

Натиҷаи рафтори Собира чӣ буд?
а. Беҳол шуд.
б. Дугонаҳояш ранҷиданд.
в. Дарсро тайёр накард.



Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: аввал, танаффус, номаълумакак, бозӣ, мактабравӣ



Ҷумларо давом диҳед. Ҷумла: Собира духтари хасис аст, зеро ...



Ҳикояро бори дигар хонед. Оид ба мазмуни матн се савол нависед. Аз саволҳои Кӣ?, Кай?, Дар куҷо? истифода баред.
**Намуна:** Кӣ дар назди Собира менишаст?

## ДАРСҲОИ 53-54



Шумо мустақилона барои ба мактаб рафтан омода мешавед ё ягон кас ба шумо ёрӣ мерасонад?



## БА ҲЕҶ КАС НАМЕГӮЯМ

Ману Лутфӣ дар синфи дуюм мехонем. Ҳар рӯз ман ба хонаи ҷӯраам меоям. Баъд ҳар дуямон ба дарс меравем. Як бор омадам, ки модари Лутфӣ ба вай либос мепӯшонад. Ман ба аҳволаш хандидам. Чунки ман аллакай худам либосамро мепӯшам.



Аз чӣ бошад, ки Лутфӣ модарашро ба либос пӯшондан намонду гиряро бардошт. Аз кори вай ҳайрон шудам. «Ман либос намепӯшам, ман мактаб намеравам» – гуфта, пояшро ба замин мезад.

Модари Лутфӣ гуфт, ки аз хандаи ман қаҳри ҷӯраам омадааст. Акнун вай аз мактабравӣ шарм медоштааст. Гӯё ман либос пӯшида натавонистанашро ба ҳама мегуфтаам.

Аз ин гапҳо боз хандаам гирифт. Лекин бо як азоб хандаамро нигоҳ дошта гуфтам:

– Ман ба ҳеҷ кас намегӯям, ки ту либос пӯшида наметавонӣ.

Лутфӣ куртаашро аз дасти модараш кашида гирифту худаш пӯшид.

– Ана, худат пӯшида метавонистӣ-ку! – гуфт модараш. – Ё хандаи ҷӯраат таъсир кард?

Лутфӣ гап назада шимашро аз танаш кашид. Ман тарсидам, ки боз қаҳри Лутфӣ омад. Акнун боз мактаб намеравам мегӯяд. Хайрият, ин тавр нашуд. Вай шимашро ҳам худаш пӯшид.

– Дидӣ, – гуфт модари Лутфӣ ба ман. – Ҷӯраат шимашро ҳам худаш пӯшида метавонад. Андаке пеш шимашро ҳам ман пӯшонда будам. Мана акнун худаш пӯшид.

– Акнун ман ба ҳамаи бачаҳо мегӯям, ки ҷӯраам Лутфӣ либосашро худаш пӯшида метавонад.

– Ба бачаҳо нагӯй, – хоҳиш кард Лутфӣ.

– Майлаш, ба ҳеҷ кас намегӯям, – гуфтам ман.

*Насими Раҷаб*

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Симоҳои матнро муайян кунед.
3. Суханони симоҳоро аз матн ҷудо кунед.
4. Аломатҳои китобати истифодашударо таҳлил кунед.

Вақте ки писарак ба хонаи Лутфӣ омад, чиро дид? Чаро ӯ хандид? Чаро Лутфӣ намонд, ки модараш либосашро пӯшонад? Чаро Лутфӣ ба мактаб рафтан нахост? Оё суханони рафиқаш ба Лутфӣ таъсир кард? Чаро? Ин рӯз Лутфӣ чиро аз худ кард? Лутфиро эрка гуфтан мумкин аст? Чаро?

Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: Лутфӣ, дуюм, рӯз, ҷӯраам, меоям, баъд, ҳардуямон, аллакай, ҳайрон, гиря, мактабравӣ, гӯё, пӯшидан

Гӯед, ки кадом корҳоро худатон мустақилона иҷро карда метавонед. Аз калимаҳои зерин истифода баред. **Намуна:** Ман либосамро худам пӯшида метавонам. Ман хӯрок пухта наметавонам.

| |
|---|
| либос пӯшидан, китоб хондан, либос шустан, дасту рӯй шустан, дарзмол кардан, хӯрок пухтан, мисолҳоро ҳал кардан, масъалаҳоро ҳал кардан, расм кашидан, велосипед савор шудан, либос дӯхтан, хона рӯфтан, бозӣ кардан, шеър навиштан, ҳикоя навиштан |

Худ, додар ва хоҳаратонро муқоиса карда, ба монанди намуна як ҷумла нависед. Аз калимаҳои боло истифода баред.
**Намуна:** Ман мисолҳоро ҳал карда метавонам. Додарам мисол ҳал карда наметавонад.

Ба монанди намуна чор ҷумла нависед. Аз калимаҳои боло истифода баред.
**Намуна:** Ман дарзмол карда наметавонам. Модарам дарзмол карда метавонад.

# ДАРСҲОИ 55-56



Қоидаҳои нигоҳубини китобро номбар кунед. Чаро мо бояд китобҳоямонро тозаву озода нигоҳ дорем?



## МАЪРИФАТОМӮЗИ МО

Хоҳӣ, ки доно шавӣ,
Зӯру тавоно шавӣ,

Аз таҳи дил хон китоб,
Ҳикмати ӯ беҳисоб.

Он, ки китобе нахонд,
Дур зи дониш бимонд.

Чун нафаси навбаҳор
Тоза нигоҳаш бидор.

Сатри варо хат мазан,
Як варақ аз ӯ накан.

Ӯ чу муаллим ба мо,
Ҳар суханаш раҳнамо.

Минбари хониш – китоб,
Раҳбари дониш – китоб.

Ҳамдами дилсӯзи мост,
Маърифатомӯзи мост.

Алӣ Бобоҷон

1. Шеърро ифоданок хонед.
2. Калимаҳои ҳамқофияро муайян кунед.
3. Шеър аз чанд мисраъ ва байт иборат аст?
4. Шоир китобро ба чӣ монанд кардааст?
5. Шеърро таҳлил кунед.



Қоидаҳои нигоҳубини китобро тартиб диҳед. Қоидаҳоро дар вараќи алоҳида нависед ва ба аҳли синф муаррифӣ намоед.
Намуна: Китобро даррондан мумкин нест.



Шеърро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 57-58



Шумо конфетро дӯст медоред? Ба шумо кадом навъи конфет маъқул аст?



### КОНФЕТ
### (Қисми аввал)



Карим аз ҷӯйи калон об меовард. Ногоҳ аз пеши роҳи ӯ амакаш баромада монд. Вай дар халтачаи селлофанӣ аз мағоза конфет гирифта меомад. Карим чизе нагӯяд ҳам, аз халтачаи селлофанӣ чашм наканда меистод. Амаки ӯ ин ҳолро даррав пай бурду “ма” гуфта якчанд конфетро ба Карим дароз кард. Карим онро гирифту саросема ба кисааш андохта истода буд, ки аз дари ҳавлӣ додараш Салим берун баромад.

– Вай чӣ? – пурсид Салим.

– Ҳеҷ чиз не, – худро ба нодонӣ андохта истод Карим.

– Конфети амакам додагӣ канӣ?

– Хоб дидӣ-чӣ, амакам конфет надоданд-ку? – ба гапаш қатъӣ истод Карим.

– Набошад, аз ҷоят наҷунбида ист, – конфетро худаш ёфта гирифтанӣ шуд Салим.

– Ҳозир кисаю бағалҳоятро кофта меёбам.

– Ман аввал обро бурда ба модарам диҳам, баъд кофтан гир,

– гуфт Карим ва саросема сатилро бардошту тез-тез қадам монда, ба ҳавлӣ даромада рафт.

**конфет** – маҳсулоти ширини қаннодӣ, ки бештар лӯнда ё лӯлаи коғазпеч мешавад.



Ба фикри шумо Карим дар ҳавлӣ чӣ кор кард? Конфетҳоро хӯрд ё пинҳон кард? Фикратонро нависед ё дар хотир нигоҳ доред.

1. Тарзи буррову равон хондани матнро машқ кунед.
2. Мавзӯи асосии қисми аввали ҳикояро муайян кунед.
3. Аломатҳои китобати дар матн истифодашударо шарҳ диҳед.
4. Матнро аз рӯйи нақшҳо хонед.

Карим бо амакаш дар кӯчо вохӯрд? Ҳангоми вохӯрдан Карим чӣ кор мекард? Оё Карим аз амакаш конфет пурсид? Агар напурсида бошад, амакаш чӣ хел фаҳмид, ки ба Карим конфет – мефорад? Салим чиро пай бурд? Салим аз Карим чӣ пурсид? Чаро Салим дарҳол кисаю бағали Каримро накофт?

**чашм накандан -** дурудароз ба чизе нигоҳ кардан
**пай бурдан -** фаҳмидан, дарк кардан

   

Ба расмҳо нигоҳ кунед ва ҷумлаҳоро пурра созед. Аз ибораҳои «чашм накандан» ва «пай бурдан» истифода баред.

1. Писарбача аз компютер ... .
2. Мурғобӣ омадани рӯбоҳро ... .
3. Гурба аз қурбоққа ... .
4. Гунҷишкон омадани гурбаро ... .

Дар асоси ҷадвал ба монанди намуна ҷумла нависед. **Намуна:** Рустам себро дӯст медорад. Аммо ӯ шафтолуро дӯст намедорад.

| Ном |  |  |
|---|---|---|
| Рустам |  |  |
| Сарвиноз |  |  |
| Аҳмад |  |  |
| Мунира |  |  |

## ДАРСҲОИ 59-60

Қисми аввали ҳикояро ба хотир оред. Ба фикри шумо Карим конфетҳоро чӣ кор кард. Як ҷавобро интихоб намоед.

1. Карим конфетро зуд хӯрд.
2. Карим конфетро пинҳон кард.
3. Конфетро ба гурба дод.
4. Конфетро ба модараш дод.

Давоми ҳикояро хонед ва бо ҷавоби интихобкардаатон муқоиса кунед.

### КОНФЕТ
#### (Қисми дуюм)

Вай то ба миёнҷойи ҳавлӣ ҳамин тавр рафту гашта ба ақибаш нигоҳ карда дид, ки Салим наменамояд. Вақтро ғанимат дониста, Карим даррав аз кисааш конфетҳоро гирифта ба рӯймолчааш маҳкам басту ба болои бом партофт. Барои он ки мабодо Салим шубҳа накунад, ягон донаи конфетро Карим ба даҳонаш набурд.

Худи ҳамин дам аз ақиби вай Салим давида омад ва бағалу кисаҳои ӯро аз як сар кофта дид, вале аз конфет нишоне наёфт.

– Акнун дилат қарор гирифт? – ба додараш киноя кард Карим.

Салим аз ин кори худ каме хиҷолат кашидагӣ барин шуду якта-якта қадам монда, ба тарафи кӯча баромада рафт.

– Салимро расо боб кардам, – гуфт худ ба худ хурсанд шуда Карим.

Ба расм нигоҳ кунед. Гӯед, ки бо конфетҳо чӣ ҳодиса рух дод?



Давоми ҳикояро хонед ва бо пешгӯйии худ муқоиса кунед.

## Конфет
## (Қисми хотимавӣ)

Аз байн каме вақт гузашт. Вай фурсатро ғанимат дониста, муштро дар торикӣ заданӣ шуд. Аз devори ҳавлӣ ба як азобу уқубат ба болои бом баромад. Дид, ки як зоғи ало рӯймолчаи ӯро аллакай сӯрох карда, даҳонашро бо конфет ширин карда истодааст. Фурсати овоз баровварданаш ҳам нашуд. Зоғи ало Каримро диду боқимондаи конфетро бо нӯлаш гирифта, чолокона ба ҳаво парвоз кард. Карим чӣ кор карданашро надониста, аз паси вай хеле вақт ба осмон чашм дӯхта монд.

Б. Ортиқов

Чаро вақте ки Карим ба ҳавлӣ даромад, ба ақибаш нигоҳ кард? Карим конфетро ба куҷо партофт? Барои чӣ Карим конфетро нахӯрд? Чаро Салим хиҷолат кашид? Муштро дар торикӣ задан чӣ маъно дорад? Дар болои бом Карим чиро дид? Карим худро чӣ гуна ҳис кард? Шумо ба Карим чӣ маслиҳат медиҳед?

1. Дар асоси ҳикоя хулоса бароред. Хасисӣ, бахилӣ ва тоқахӯрӣ одати хуб аст ё бад?
2. Рафтори Собира ва Каримро муқоиса кунед. Ба онҳо чӣ маслиҳат медиҳед?

Имлои дунафарӣ.
ҷӯй, нагӯяд, нодонӣ, дидӣ, ҳавлӣ, миёнҷо, рӯймолча, даррав

Ҷумлаҳоро ба охир расонед.
1. Собира духтари хасис аст, барои он ки ӯ ... .
2. Карим писари хасис аст, барои он ки ӯ ... .

Ҷумлаи зеринро ба охир расонед.
**Намуна:** Ман хасис нестам, барои он ки ... .

# ДАРСҲОИ 61-62



Хусусиятҳои ҳайвоноти зеринро гӯед. **Намуна:** Асп ҳайвони хонагӣ аст.

    



Калимаҳои зеринро хонед ва онҳоро ба ҳайвонҳо мувофиқ гузоред.

качпо, дарранда, зирак, маккор, тездав, нодон, хонагӣ, бур, қаҳваранг, сиёҳ, сафед, зард, думдароз, бадхашм, чӯпонӣ, газанда, чолок, серҳаракат, фарбеҳ, қадпаст, қадбаланд, тобовар, гурусна

| Чӣ? | Чӣ гуна? Чӣ хел? |
|---|---|
| Асп | намуна: тездав |
| Хирс | |
| Гург | |
| Рӯбоҳ | |
| Саг | |



Дар асоси маълумоти ҷадвал ибора тартиб диҳед.
**Намуна:** аспи тездав



Аз ибораҳои тартибдодаатон ҷумла нависед.
**Намуна:** аспи тездав - Асп ҳайвони тездав аст.



Дар бораи ҳайвонҳои зерин ҷумла нависед. Ҳайвонҳо: гурба, гов, харгӯш, муш

## ДАРСҲОИ 63-64



Шумо дар бораи мӯрчаҳо чӣ медонед? Нақл кунед.





## МӮРЧАЯК
### (Шиносоӣ)

Буд, набуд, ду мӯрчаяк буд. Ҳар дуяш ҳам як хел, ду қатра об барин. Номи яктааш Калонаку номи дигараш Майдаяк.

Калонак бисёр боақлу вазнин буд. Вай худашро ба падараш монанд карданӣ мешуд. Худи падараш барин мӯйлабчаҳояшро оҳиста, босавлат меҷунбонд. Падараш барин якта-якта, саросема нашуда қадам мемонд. Кам гап мезад. Ҳамеша ба хона ё пӯчоқи донак, ё мағз, ё донаи биринҷро кашола карда меовард.

Аммо Майдаяк ин хел набуд. Вай бисёр шӯх буд. Аз хона гурехта, ба ҷойҳои дур мерафт. Бо мӯрчаякони дигар занозаниву часпочаспӣ мекард. Гӯштин мегирифт. Ба хона бисёр вақт бо дасти холӣ меомад.

Як рӯз Калонаку Майдаяк аз хонаашон берун баромаданд. Ҳаво гарм ва офтоб баланд буд. Дар ин гуна рӯзҳо кори мӯрчаҳо авҷ мегирад. Онҳо тамоми баҳору тобистону тирамоҳ хӯрок ҷамъ мекунанд, то ки дар зимистон гурусна намонанд.

Майдаяк аз қафои Калонак рафта истода хаёл мекард, ки чӣ тавр карда чашми акаашро хато кунаду гурезад. Вай бо ҳамин хаёл дар паси санге пинҳон шуд. Аммо Калонак зуд ӯро ёфту аз гарданаш сахтакак пучида гуфт:

– Боз гурехтанӣ ҳастӣ, гарданғафс?

– Не, – гӯён ҷавоб дод Майдаяк паси гарданашро хорида, – ба назарам дар назди санг гандум будагӣ барин намуд.

– Ҳушёр бош, фиребгар! – гӯён Майдаякро огоҳ кард Калонак, – ин дафъа гурезӣ, то мурданат дошта мезанам!

– Хуб, тавба кардам, – гуфт Майдаяк, – дигар намегурезам. Аммо худаш боз дар фикри гурехтан буд.

1. Тарзи буррову равон хондани афсонаро машқ кунед.
2. Ба аломатҳои китобат диққат диҳед ва маънои онҳоро гӯед.

Барои чӣ мӯрчаякҳо Калонаку Майдаяк ном доранд? Калонак чӣ гуна буд? Майдаяк-чӣ? Барои чӣ як рӯз Калонаку Майдаяк аз хона берун баромаданд? Майдаяк дар чӣ хаёл буд? Чаро Калонак Майдаякро фиребгар номид?

Сифатҳои Калонаку Майдаякро мувофиқ гузоред. Кадомаш чӣ хислатҳоро дорад?

**Хислатҳо:** боақл, вазнин, камгап, коргар, шӯх, коргурез, ҷангара, фиребгар, гарданғафс, гапгир, гапнодаро, ростгӯй.



Ба монанди намуна ҷумла нависед. **Намуна:** Калонак мӯрчаи боақл аст.

Имлои дунафарӣ.
мӯрчаяк, ҳардуяш, бисёр, боақл, мӯйлабча, якта-якта, шӯх, хаёл, ёфт, гӯён, гарданғафс, хӯрок, ҷамъ

Хислатҳои Калонаку Майдаякро муқоиса кунед. **Намуна:** Калонак коргар аст. Аммо Майдаяк коргурез аст.

1. Матнро бори дигар хонед.
2. Аз матн шакли дурусти ин ҷумлаҳоро ёфта нависед.

Калонак бисёр нодон ва сабук буд.
Майдаяк бо мӯрчаякони дигар дӯстӣ мекард.
Майдаяк ба хона донаҳои бисёр меовард.

## ДАРСҲОИ 65-66

Қисми аввали афсонаро ба хотир оред. Гӯед, ки Калонак ва Майдаяк чӣ хусусиятҳо доштанд. Майдаяк чӣ кор кардан мехост?

Ба фикри шумо Майдаяк гурехта тавонист? Чӣ тарз?

## ГУРЕХТАНИ МАЙДАЯК

Дар ин вақт аз пеш як мӯрчаи пир баромада монд. Ин мӯрча падари Калонаку Майдаяк буд. Вай як донаи калони биринҷро кашола карда меовард.

– Ҳа, куҷо меравед? – гуфта пурсид ӯ.

– Ба шикор баромадем, дада, – гӯён ҷавоб дод Калонак. – Лекин Майдаякатон гурехтан мехоҳад.

– Ҳа, ту сарсахтча! – гуфт Мӯрчаи пир ва Майдаякро оҳистакак пучида монд. – Дигар нагурез, вагарна модарат танбеҳатро медиҳад!

– Хуб, намегурезам, – боз паси гарданашро хорида ваъда дод Майдаяк.

Мӯрчаи пир ба Калонак нигоҳ карда гуфт:

– Рост бо ҳамин роҳи ман омадагӣ рафтан гиред, дар он ҷо зане биринҷ тоза карда нишастааст. Гирду пешаш пур аз биринҷҳои бомаза. То бегоҳ анборчаамонро хеле пур карда мегирем. Шитоб кунед, тезтар қадам монед!

– Хуб, дада, – ҷавоб дод Калонак боадабона.

Мӯрчаякон боз ба роҳ даромаданд. Баъд аз хеле роҳ гаштан пурсида-пурсида кони биринҷҳои бомазаро ёфтанд. Зане нишаста биринҷ тоза мекард. Аз табақи вай донаҳои калону хурди биринҷ ба замин мерехт.

Ба фикри шумо Майдаяк чӣ баҳона ёфта гурехт?



– Ту ана ин хурдтарашро гир, ман ана ин калонтарашро, – гуфт Калонак ба Майдаяк.

Майдаяк гап назада, биринҷдонаро газида кашола кард.

“Аз афти кор, имрӯз бозӣ накарда мемонам”, – мегуфт ӯ дар дилаш.

Аммо дар нисфи роҳ дид, ки Калонак бо донаи биринҷ овора шуда ба ӯ нигоҳ намекунад. Ӯро гӯё фаромӯш кардааст.

Майдаяк дарҳол борашро партофту ба тарафе гурехта рафт. Вай хеле давида, аз роҳаш бозистод ва ба ақибаш нигоҳ кард. Дид, ки Калонак наменамояд.



1. Матнро сенафарӣ аз рӯйи нақшҳо хонед. **Нақшҳо:** Мӯрчаи пир, Калонак ва Майдаяк.

2. Нақли афсона дар гурӯҳҳо. Афсонаро ба ҳамдигар нақл кунед.



Дар гурӯҳи дунафарӣ саволу ҷавоб кунед.

Мӯрчаи пир кӣ буд? Мӯрчаи пир аз Калонаку Майдаяк чӣ пурсид? Калонак ба падараш аз чӣ шикоят кард? Падар ба писаронаш чӣ фармуд? Кони биринҷ дар куҷо буд?



Иборaҳои зеринро таҳлил кунед. Аз кадом калимаҳо иборатанд? Чӣ тавр пайваст шудаанд? Ҳар як калима дар алоҳидагӣ чӣ маъно дорад? Дар якҷоягӣ – чӣ?

мӯрчаи пир
донаи калон
биринҷи бомаза
кони биринҷ





Ба расмҳо нигаред ва ибора нависед.
**Намуна:** себи сурх

## ДАРСҲОИ 67-68



Қисми дуюми афсонаро ба хотир оред. Майдаяк чӣ тавр аз бародараш гурехт?

### МОҶАРОИ МАЙДАЯК ВА ПУРХӮР



Ана акнун бозӣ кардан мумкин!

Ногоҳ Майдаяк чӯрааш Пурхӯрро дида монд.

Пурхӯр рӯзе як анборча чормағзро пакқос хӯрда буд. Аз ҳамон вақт номаш Пурхӯр шуда монда буд.

– Ҳой, Пурхӯр! – гӯён фарёд зад Майдаяк, – гӯштин мегирӣ?

– Вақтам нест, – гуфт Пурхӯр дар ҷавоб, – барои чормағз меравам. Дар он ҷо духтараке чормағз шикаста нишастааст.

– Тарсидӣ, тарсончак?

– Ҳой, Майдаяк, дониста гап зан! – гуфт бо қаҳр Пурхӯр, – чунон дошта занам, ки то соли дигар аз ёдат набарояд!

– Биё, набошад, гӯштин мегирем, канӣ кӣ киро дошта мезанад! – гӯён боз ба асаби Пурхӯр расид Майдаяк.

– Вақтам нест, вагарна чунон боб кунам, ки!... – гуфт боз Пурхӯр.

– Фақат "занам, ки, занам, ки" мегӯию худат метарсӣ! – гуфт Майдаяк.

– Ман метарсам? – гуфт Пурхӯр чашмонашро ало-було карда. – Биё, набошад! Чунон бардошта занам, ки худат боракалло гӯйӣ!

– Мебинем! – гуфт Майдаяк аз миёни Пурхӯр гирифта.

Аммо Пурхӯр ногоҳ "исто, исто!" -гӯён дастони Майдаякро аз миёнаш кушода партофт.

– Агар ман туро афтонам, ба ман чӣ медиҳӣ? – гуфт ӯ.

– Чӣ медиҳам? Ту аввал маро афтон, баъд гап зан! – гӯён ҷавоб гардонд Майдаяк.

– Не, – розӣ нашуда гуфт Пурхӯр, – агар ту афтонӣ, ман ба ту ҷойи чормағзро нишон медиҳам. Ту чӣ?

Ба фикри шумо Майдаяк чӣ ваъда дод?

– Хайр, ман ҷойи биринҷро нишон медиҳам! – гӯён ба шарти ӯ розӣ шуд Майдаяк.

Мӯрчаякон аз миёни якдигар гирифтанд. Майдаяк зӯр мезад, ки Пурхӯрро афтонад. Пурхӯр бошад, зӯр мезад, ки Майдаякро афтонад.Мӯрчаякон ҳай зӯр мезаданд, ҳай зӯр мезаданд! ... Чангу ғубор аз замин хеста ба осмон дакка зад.

– Ҳа! .. – зӯр зада фарёд мекашид Майдаяк.

– Ҳа!.. – дод зада мегуфт Пурхӯр.

Дар охир Майдаяк зӯр баромаду Пурхӯрро афтонд.

– Акнун ҷойи чормағзро нишон медиҳӣ! – гӯён талаб кард Майдаяк.

– Не, нишон дода наметавонам, гуфт дар ҷавоб Пурхӯр. – Агар ман ба ту ҷойи чормағзро нишон диҳам, падарам маро мекушад.

Майдаяк Пурхӯрро тарсонда гуфт:

– Набошад, боз ба хок бардошта мезанам!

– Хайр ... – ночор розӣ шуда гуфт Пурхӯр, – биё, рафтем.

Пурхӯр Майдаякро ба ҷойи чормағз овард. Он ҷо чормағз чунон бисёр будааст, ки!..

Рафтори Майдаяк ва Пурхӯрро баҳо диҳед. Оё онҳо кори дуруст карданд? Оё танҳо бо ҷанг метавон ягон чизро аз худ кард? Хуб набудани рафтори Майдаяку Пурхӯрро бо мисол шарҳ диҳед.

Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: бозӣ, Пурхӯр, паққос, хӯрдан, гӯён, гӯштин, тарсидӣ, мегирӣ, биё, миён, аммо, баъд, ҷой, зӯр, фарёд, бисёр, хайр

Ба монанди намуна дар асоси ҷадвал ҷумла нависед. **Намуна:** Шахси боодоб бо дигарон ҷанг намекунад.

| | | |
|---|---|---|
| Шахси боодоб | бо дигарон ҷанг<br>ба дигарон ёрӣ<br>ба дигарон дурӯғ<br>ҳамеша рост<br>бо ҷӯраҳояш муросо<br>бо дугонаҳояш қаҳрӣ | мекунад.<br>намекунад.<br>мерасонад.<br>намерасонад.<br>мегӯяд.<br>намегӯяд.<br>намешавад. |

## ДАРСҲОИ 69-70



Моҷарои Майдаяк ва Пурхӯр бо чӣ анҷомид? Ҳоло Майдаяк ва Пурхӯр дар куҷо қарор доранд?



Давоми афсонаро хонед ва гӯед, ки барои чӣ ба ин қисм чунин ном гузошта шудааст?

### Зӯри беҳуда миён мешиканад

Майдаяк аз чормағз каме хӯрд. Ҳай, ҳай! Аҷаб чормағзи бомаза!..

– Кадомашро мегирӣ? – гуфт Пурхӯр.

– Аз ҳама калонашро! – ҷавоб дод Майдаяк ва чормағзпораеро, ки аз худаш даҳ баробар калон буд, ҷудо карда гирифт.

– Хайр, зудтар аз ин ҷо дафъ шав, набошад ҳардуямон ҳам ба бало мемонем! – гӯён Пурхӯр чормағзпораи хурдакакеро кашола карда рафт.

Майдаяк ҳам аз кунҷи чормағзпора газида, ба роҳ даромад. Чормағзпораи калон бисёр вазнин буд. Майдаяк ба обу арақ ғӯтид. Дасту пояш ба дард даромаданд. Аммо вай мардигариро аз даст надода, чормағзпораро ба сӯйи хонаашон мекашид.

Хеле роҳ рафт. Ана, аз дур хонаашон ҳам намудор шуд.

Майдаяк камтар дам гирифту боз чормағзпораро газида пеш кашид. Аммо натавонист. Вай хеле монда шуда, аз мадор рафта буд. Майдаяк дар қаҳр шуду чормағзпораро аз болотараш газида кашид.

Ногоҳ чормағзпора бар болои худи Майдаяк ғелид ва ӯро ба замин пахш кард. Тамоми устухонҳои бадани Майдаяк шақаррос зада рафт.

– Вой! Вой! – дод зад Майдаяк. – Вой мурдам!

Майдаяк аз таги чормағзпора баромаданӣ шуда хуб зӯр зад. Аммо зӯраш нарасид. Баръакс, чормағз ӯро боз сахттар ба замин зер кард.

– Ёрӣ диҳед, – гӯён фарёд кашид Майдаяк ва пеши чашмонаш торик шуда, аз ҳуш рафт.

Чаро Майдаяк чормағзпораи аз ҳама калонашро соҳиб шуд? Чаро дасту пойи Майдаяк ба дард даромаданд? Чаро Майдаяк чормағзро дигар кашола карда натавонист? Агар Майдаяк пораи хурдро мегирифт, чӣ мешуд? Чаро Майдаяк дод зад? Кадоме аз ин сифатҳо дар ин лаҳза ба Майдаяк мувофиқ аст? Чаро?
**Сифатҳо:** хасис, чашмгурусна, бадқаҳр

Ин қисми афсонаро ба се қисм ҷудо кунед. Дар кадом қисм Майдаяк хурсанд аст? Дар кадом қисм ӯ монда шудааст, аммо тан намедиҳад? Дар кадом қисм ӯ беҳол шудааст? Инро чӣ тавр муайян кардед?

Шумо ҳам афсона навишта метавонед! Дар асоси қолиби зерин афсонаи худро нависед. Афсонаи навиштаатонро муаррифӣ кунед.

Буд, набуд, як ... буд. Ӯ бисёр ... ... буд. Ӯ ... дӯст медошт. Рӯзе ... ба ... мерафт. Дар роҳ ба ... вохӯрд. Онҳо якҷоя ба ... рафтанд. Дар он ҷо ... диданд. Хеле ... шуданд. Ногоҳ ... омаду онҳоро ... . Онҳо ... шуда ба хона баргаштанд.

Ба расмҳо нигоҳ кунед. Барои ба таври шифоҳӣ нақл кардан омода шавед. Инчунин аз рӯйи расмҳо метавонед афсона нависед.





**Калимаҳо:** борон боридан, мӯрча, тар шудан, паноҳгоҳ кофтан, занбӯруғ, пинҳон шудан, шабпарак, муш, гунҷишк, харгӯш, калон шудан, офтоб баромадан, хурсанд шудан.

## ДАРСҲОИ 71-72



Қисми чоруми афсонаро ба хотир оред. Аҳволи Майдаяк чӣ гуна буд? Чаро?



## ОҚИБАТИ ГАПНОДАРОӢ

Майдаяк чашмонашро кушода, худашро дар хонаашон дид. Дар гирди ӯ падараш, модараш, Калонак, Пурхӯр, бобою модаркалонаш, холаву холабача ва аммаву аммабачаҳои бисёраш ҷамъ омада буданд.

– Ба ҳуш омад! – гӯён модари Майдаяк аз шодӣ гирист.

– Ҳа, ту сарсахтча! – гуфт бар болои сари ӯ хам шуда падараш. – Қариб мурда будӣ-я!.. Хайрият, ман фарёдатро шунида, ба ёрӣ давидам!

– Аз зӯри беҳуда миён мешиканад! – гӯён ба гап ҳамроҳ шуд бобои Майдаяк. – Ту бояд омада ба мо ҷойи чормағзро хабар медодӣ, ҳамаамон якҷоя шуда чормағзҳои аз ин калонтарро ҳам кашонда меовардем. Аммо ту бошӣ, ба чормағзи аз худат даҳ баробар калон зӯр зада, қариб мурда будӣ. Коратро дониста кунӣ, намешуд? Акнун минбаъд аз Калонак дур нашав! Фаҳмидӣ?

– Дигар намекунам гӯй! – гуфт модари Майдаяк.

Майдаяк гапҳои бобояшро нағз фаҳмида буд. Аз кардааш худаш ҳам пушаймон буд. Аммо ба иқрор шудан гарданаш ёрӣ намедод, шарм медошт.

Вай бардурӯғ “Э вой дастакам!” – гӯён рӯяшро ба тарафи девор гардонд.

**Пӯлод Толис**

1. Ин қисми афсонаро дунафарӣ ба ҳамдигар хонед.
2. Суханони модар, падар ва бобои Майдаякро аз матн ёбед.
3. Оид ба аломати хитоб (!) ва ҷойи истифодаи он суҳбат кунед.



Афсонаи "Мӯрчаяк"-ро ба хотир оред. Якҷоя кор карда, ҷадвали поёнро пур кунед. Якчанд сифат ва амалҳои симоҳоро нависед.

| Кӣ? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор кард? |
|---|---|---|
| Калонак | | |
| Майдаяк | шӯх | гурехт |
| Пурхӯр | | |



Дар асоси ҷадвали таҳиякардаатон ҷумла нависед.
**Намуна:** Майдаяк мӯрчаи шӯх буд. Вай аз бародараш гурехт

Мӯрча ҷонвари хурдакак аст. Вай хеле меҳнатдӯст мебошад. Мӯрча ҷонвари беозор ва боғайрат аст. Мӯрчаҳо гурӯҳ-гурӯҳ зиндагӣ мекунанд. Дар зиндагӣ мӯрчагон тартиби қатъӣ доранд.

## ДАРСҲОИ 73-74

Шумо ҳамаи рангҳоро медонед?

Ба расмҳо нигаред ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.

Нӯли кабк чӣ гуна аст? Ранги лола чӣ гуна аст? Гелос чӣ ранг дорад? Ранги осмон чӣ гуна аст? Ранги гули қоқу чӣ гуна аст? Ранги гули савсан-чӣ? Барги бед чӣ гуна аст? Гули бобуна чӣ ранг дорад? Шоҳтуту мармиҷон чӣ ранг доранд?




Шеърро хонед ва бо ҷавобҳоятон муқоиса кунед.

### БАҲОРИ НАҚҚОШ

Борон гузашту шуд ҷаҳон
Зеботар аз рангинкамон.
Гӯё ки наққоши баҳор
Омад пайи нақшу нигор.
Бо мӯқалам бигрифт он
Ранге аз ин рангинкамон.
Молид ранги сурхро
Бар нӯли кабки хушсадо.
Ваҳ, гул чӣ сон хушранг шуд!
Гелос оташранг шуд!
Молид нилобӣ баҳор
Бар осмони беғубор.
Гаштанд сони заъфарон
Гулбаргҳои қоқувон.
Ранги бунафши дилкушо –
Бар савсани гулзори мо.
Зангорро – бар барги бед,
Бобунаро – ранги сафед!
Ранги сияҳ бигзошт он
Бар шоҳтуту мармиҷон.
Охир худаш аз ҳафт ранг
Пӯшид камзӯли фаранг.

*Наримон Бақозода*

Ба монанди намуна бо нишон додани ранг 10 ҷумла нависед.
Намуна: Анор сурх аст.

## ДАРСҲОИ 75-76



Шумо ягон маротиба ба кӯҳсор рафтаед? Таассуроти худро нақл кунед.



Матнро бодиққат хонед ва манзараро тасаввур кунед.

### ОФТОБИ ҶАҲОНТОБ

Айёми тобистон офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост омада, кӯҳу биёбонро баробар равшан ва гарм карда буд. Рӯзи тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди айёми баҳор муътадил ва форам буд. Кабкҳои дарӣ гоҳо дар теппа ва гоҳо дар камар сайругашт мекарданд. Мурғони хушилҳон бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста, нағмасароӣ мекарданд. Оби софи ҷӯйчаҳо, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб, аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, ба шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағмасаро ҳамовозӣ мекарданд.

Гӯсфандон дар хоби ноз, бузғолагон дар давутоз, чӯпонбачагон дар давидан, оҳубаррагон дар рамидан, хулоса, ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

**айём** – замон, вақт
**фароз** – баландӣ, боло
**кабки дарӣ** – навъе аз кабки кӯҳӣ
**хушилҳон** – мурғони хушовоз, хушхон
**ҷаҳонтоб** – равшанкунандаи дунё
**рамидан** – тарсидан



1. Матнро буррову равон хонед.
2. Гӯед, ки нависанда чӣ тавр манзараро тасвир кардааст.
3. Бори дигар матнро хонед ва калимаҳои душворфаҳмро таҳлил кунед.

Матнро бори дигар хонед ва расмҳоро бо ҷумлаҳои матн мувофиқ гузоред.




Ибораҳоро дар шакли ҷумла нависед.
**Намуна:** гӯсфандон дар хоби ноз – Гӯсфандон хоб буданд.

гӯсфандон дар хоби ноз
бузғолагон дар давутоз
чӯпонбачагон дар давидан
оҳубаррагон дар рамидан

Дар асоси маълумоти дар ҷадваломада ҷумла гӯед. **Намуна:** Офтоби ҷаҳонтоб медурахшид.

| Чӣ? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Офтоб | ҷаҳонтоб | дурахшидан |
| Кабкҳо | дарӣ | сайругашт кардан |
| Мурғон | хушилҳон | нағмасарой кардан |
| Об | соф | аз кӯҳ фуромадан |

Дар асоси маълумоти дар ҷадвал омада ҷумла нависед.
**Намуна:** Кабкҳои дарӣ сайругашт мекарданд.

## ДАРСҲОИ 77-78



Дар расм чиро мебинед, гӯед.

## МАНЗАРАИ ТОБИСТОН



Дар асоси расм ва маълумоти дар ҷадвал омада дар бораи расм нақл кунед. Намуна: Чӯпонбача дар лаби ҷӯй нишастааст.

| Кӣ? Чӣ? Чиҳо? | Дар куҷо? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Чӯпонбача | дар лаби ҷӯй<br>дар зери дарахт | най навохтан<br>нишастан |
| кабк | дар лаби ҷӯй<br>дар назди чӯпонбача | суруд хондан<br>хиромидан |
| говон | дар саҳро<br>дар доманаи кӯҳ | чаридан |
| дарёчаи кӯҳӣ | аз кӯҳ | шоридан |

Дар асоси расм ва маълумоти дар ҷадвал омада, дар бораи расм ҷумла нависед. **Намуна:** Чӯпонбача дар лаби ҷӯй най менавозад.

Расми «Субҳи чӯпонон»-и Зуҳур Ҳабибуллоевро мушоҳида кунед. Дар бораи расм ҳикояи хурд нависед. Аз маълумоти ҷадвал истифода баред.



| Кӣ? Киҳо? Чӣ? Чиҳо? | Дар куҷо? | Чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|
| Чӯпони ҷомасурх<br>Саги сиёҳ<br>Саги зард<br>Чор чӯпон | дар зери дарахтон<br>дар назди гулхан<br>дар бари чӯпон<br>дар рӯ ба рӯйи гулхан | суҳбат кардан<br>чой нӯшидан<br>ба оташ нигаристан<br>рост истодан<br>чой ҷӯшондан |

**Намуна:** Чӯпони ҷомасурх дар назди гулхан чой меҷӯшонад.

# ДАРСҲОИ 79-80

## МУНАҚҚИДОНИ НАВРАС
### (Кори лоиҳавӣ)



Дар гурӯҳҳои чорнафарӣ муҳокима карда, як расми поёнро интихоб кунед. Дар бораи расм нақл нависед.







Нақли навиштаатонро ба аҳли синф муаррифӣ кунед. Кори якдигарро баҳо диҳед.

# ДАРСҲОИ 81-82



Ба фикри шумо ҳайвонот ҳам дарс мехонанд? Чӣ тавр? Мисол оварда метавонед.

## ХИРСБАЧАҲО ЧӢ ТАВР ҲАЁТРО ОМӮХТАНД?

### (Қисми якум)



Очахирси пир ду бача дошт. Рӯзҳои аввал хирсбачаҳои фарбеҳу лаванд дар ғори на он қадар чуқур хоб мекарданд. Модарашон чизи ёфтаашро ба ин ҷо меовард.

Баъдтар хирсбачаҳо калонтар шуданду аз паси модар ба ҳама ҷо медавидагӣ шуданд. Ба куҷое очахирс равад, онҳо аз паси ӯ кашола мешуданд. Очахирс ба беша рафтанӣ ё худ ба кӯҳ баромаданӣ шавад ҳам, онҳо аз ӯ қафо намемонданд.



Модар ба ин саёҳатҳо иҷозат медод, зеро ки ба кӯҳу беша одат кардани хирсбачаҳо бароиояндаи онҳо лозим буд.

Вақте ки хирсбачаҳо калонтар шуданд, модар қарор дод, ки ба онҳо баъзе чизҳоро ёд диҳад.

Рӯзе вай бачаҳояшро ба доманаи кӯҳ бурд, ки дар он ҷо дарахти калони чормағз меистод. Шохаҳои дарахт пур аз чормағз буд.

Очахирс ба ду пойи ақибаш рост истода, бо пойҳои пешаш аз шохаи ғафси дарахт гирифту онро сахт ҷунбонд. Ба замин чормағзи бисёре рехт.

Очахирс шохаи дигари дарахтро гирифта афшонд. Хирсбачаҳо диданд, ки модарашон шохаи дигарро ҳам ҳамин хел афшонд ва аз он чормағзи бисёре афтид.

Сонӣ очахирс чормағзҳоро ба даҳонаш андохта кумур-кумур хӯрдан гирифт. Хирсбачаҳо ҳам ба чормағзхӯрӣ даромаданд.

**лаванд** – танбал



Барои чӣ?
Барои чӣ очахирс ба ғор чизи ёфтаашро меовард?
Барои чӣ хирсбачаҳо аз қафои модарашон мерафтанд?
Барои чӣ очахирс ба хирсбачаҳо ба саёҳати кӯҳӣ иҷозат медод?
Барои чӣ рӯзе очахирс бачаҳояшро ба доманаи кӯҳ бурд?
Барои чӣ очахирс шохаҳои дарахти чормағзро сахт ҷунбонд?



Ҳикояро дар гурӯҳҳо бонавбат нақл кунед.



Имлои дунафарӣ.
Калимаҳо: рӯз, баъдтар, медавидагӣ, кӯҳ, саёҳат, баъзе, бачаҳояш, бисёр, пой, сонӣ, чормағзхӯрӣ



Дар асоси маълумоти ҷадвал саволу ҷавоб кунед. **Намуна:** Кӣ ба хона хӯрок меоварد? Очахирс.

| Кӣ? Чӣ? Киҳо? Чиҳо? | Чӣ хел? Чӣ гуна? | Чӣ кор мекунад? Чӣ кор кард? |
|---|---|---|
| Очахирс<br>Хирсбачаҳо | пир<br>фарбеҳ<br>лаванд<br>меҳрубон | ба хона хӯрок овардан<br>ба беша рафтан<br>ба кӯҳ рафтан<br>аз қафои модар рафтан<br>ёд додан<br>чормағз афшондан<br>чормағз хӯрдан |



Дар асоси маълумоти ҷадвал ва мазмуни ҳикоя ҷумла нависед.
**Намуна:** Хирсбачаҳои лаванд аз қафои модарашон мерафтанд.

## ДАРСҲОИ 83-84

Қисми якуми ҳикояро ба хотир оред. Очахирс ва хирсбачаҳо ба кадом кор машғул буданд?

### ХИРСБАЧАҲО ЧӢ ТАВР ҲАЁТРО ОМӮХТАНД?

### (Қисми дуюм)

Рӯзи дигар ҳам очахирс ҳамин корашро такрор кард. Очахирс дарахтро афшонд, хирсбачаҳо аввал ба ҳаракатҳои модарашон нигоҳ карда истоданд ва баъд ҳамроҳи вай чормағзҳои бамазаро лаззат бурда хӯрданд.

Рӯзи сеюм онҳо боз ба ҳамон ҷо рафтанд, вале ин дафъа очахирс дарахтро наафшонд.

Хирсбачаҳо ба болои дарахт чашм медӯхтанду фикр мекарданд, ки кай чормағз мерехта бошад. Вале ҳеҷ набуд, ки чормағз афтад.

Пас яке аз хирсбачаҳо базӯр ба пойҳои ақибаш рост шуда, як шохаро доштu чунон сахт афшонд, ки чормағз мисли борон ба замин рехт.

Очахирс дар як тараф нишаста, ба бачаҳояш хурсандона нигоҳ мекард. Вай хотирҷамъ буд, ки акнун бачаҳояш барои худ хӯрок ёфта метавонанд.

*В. Байдерин*

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Сархатҳои матнро ҳисоб кунед. Сархат чист?
3. Калимаҳои "аввал", "сонӣ", "баъд"-ро шарҳ диҳед.



Рӯзи дигар очахирс чӣ кор кард?
Чаро рӯзи сеюм очахирс дарахтро наафшонд?
Хирсбача ҳаракатҳои киро такрор кард? Чаро очахирс хурсанд шуд?

Калимаҳои "аввал" ва "баъд"-ро шарҳ диҳед. Ҷумлаҳоро хонед ва мавқеи онҳоро таҳлил кунед.

1. Хирсбачаҳо **аввал** ба ҳаракатҳои модарашон нигоҳ карданд ва **баъд** ҳамроҳи вай чормағзҳои бамазаро лаззат бурда хӯрданд.
2. Замира **аввал** табақу косаро шуст ва **баъд** дарсҳояшро тайёр кард.
3. Рустам **аввал** либосҳояшро иваз кард ва **баъд** хӯрок хӯрд.

Ба расмҳо нигоҳ кунед ва гӯед, ки аввал чӣ кор кардан зарур аст ва баъд чӣ кор кардан даркор аст.





Ба расмҳо нигаред ва ба монанди намуна ҷумла нависед.
**Намуна:** Аввал дастонатонро шӯед ва баъд хӯрок хӯред.

Ба ҷойҳои холӣ амалҳои мувофиқро гузошта нависед.

1. Аввал ... ва баъд ... .
2. Аввал ... ва баъд ... .
3. Аввал ... ва баъд ... .
4. Аввал ... ва баъд ... .

## ДАРСҲОИ 85-86



Шумо дар бораи парандаҳои зерин чӣ медонед? Нақл кунед.















### ТАДБИРИ КАБК

Баҳор. Дашту даман пур аз гулҳои баҳорӣ. Аз ҳар тараф хониши кабк, овози чириқ-чириқи гунҷишкон ба гӯш мерасад. Офтоб нурафшонӣ мекунад. Насими форам бӯйи муаттарро ба машоми кас мерасонад.

Ману духтарчаам Мунаввара соатеро дар саҳро бо гулчинӣ гузарондем. Баногоҳ назари Мунаввара ба парандачаҳои хурд-хурди хокистарранге афтод. Мунаввара аз пушти парандагон давид. Онҳо ҳанӯз парида наметавонистанд, тез-тез по монда, ба ин сӯю он сӯ медавиданд.

Мунаввара чӯҷаеро дошта гирифт. Дар ҳамин вақт дид, ки модари онҳо ғалтону хезон рафта истода буд. Духтарам чӯҷаро сар доду кабкро доштанӣ шуд. Кабк бошад, аввал оҳиста, баъд тез-тез по монда, ба ақибаш нигоҳ кардан гирифт: чӯҷаҳо кайҳо дар таги буттаҳо пинҳон шуда буданд.



Ногоҳ кабк ба ҳаво парвоз карду зуд аз назар ғоиб шуд.

Мунаввара ноумед шуда гиря кард.

– Чаро чӯҷаро сар додӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Ман... ман... калонашро доштанӣ будам, – гуфт Мунаввара маъюсона.

**машом –** димоғ
**муаттар –** хушбӯ
**маъюсона –** ғамгинона

1. Матнро буррову равон хонед.
2. Луғати навро таҳлил кунед.
3. Аломатҳои китобати истифодашударо таҳлил кунед.
4. Матн аз чанд сархат иборат аст? Номи матн чист?

Кадом фасли сол буд? Мунаввара бо падараш дар саҳро бо чӣ кор машғул буд? Мунаввара ногоҳ чиро дид ва чӣ кор кард? Чаро кабк худро ланг нишон дод? Барои чӣ Мунаввара ғамгин шуд?

Имлои дунафарӣ.
баҳорӣ, гӯш, нурафшонӣ, бӯйи муаттар, Мунаввара, гулчинӣ, хокистарранг, ҳанӯз, чӯча, бутта, баъд, аввал, маъюсона

Ба расмҳо нигаред ва дар бораи фасли баҳор нақл кунед.










Дар бораи фасли баҳор нависед. Калима ва ибораҳои зеринро истифода баред: дурахшидани офтоб, об шудани барф, гул кардани дарахтон, хониши булбулон, шукуфтани гули сиёҳгӯш, лола, лона сохтани фароштурук, парвози шабпаракҳо, парвози занбӯракон.
**Намуна:** Дар фасли баҳор барфҳо об мешаванд.



## ДАРСҲОИ 87-88



Шумо кадом фасли солро бештар дӯст медоред? Чаро?






Матнро хонед ва гӯед, ки ба Мурод кадом фасл бештар маъқул аст?

### ЧОР ОРЗУ

Мурод ба чана савор шуда, дар болои барфтӯда ба ҳар тараф мелағжид ва дар рӯйи дарёи яхбаста яхмолакбозӣ мекард. Рухсораҳояш суп-сурх, вақташ хуш ба хона омада ба падараш гуфт: “Зимистон чӣ қадар хуб аст! Ман мехоҳам, ки доимо зимистон бошад!” “Ин орзуятро ба дафтарчаи ман навис”, – гуфт падараш.Мурод ин орзуяшро ба дафтарчаи падараш навишта монд.

Баҳор омад.

Мурод дар чаманзор аз паси шабпаракҳои рангоранг давида гашт, гул чид ва давон-давон ба пеши падараш омада гуфт: “Чӣ хуш аст ин баҳор! Ман орзу дорам, ки доим баҳор бошад!” Падараш боз дафтарчаашро аз кисааш бароварда ба

Мурод фармуд, ки ин орзуяшро ҳам навишта монад.

Тобистон расид.

Мурод бо ҳамроҳии падараш ба алафдаравӣ рафт. Рӯзи дароз писарак шодӣ мекард: моҳӣ медошт, меваҳои буттагӣ мечид, дар рӯйи алафи хушбӯй меғелид ва бегоҳирӯзӣ ба падараш гуфт: “Ана ман имрӯз хуб хурсандӣ кардам! Ман мехоҳам, ки тобистон асло ба охир нарасад!” Ин орзуи Мурод ҳам ба ҳамон дафтарча навишта шуд.

Тирамоҳ даромад.

Дар боғ себҳои сурх ва нокҳои зардро мечиданд. Мурод ниҳоят хурсанд шуда, ба падараш гуфт: “Тирамоҳ аз ҳамаи фаслҳои сол нағзтар аст!”

Он гоҳ падараш дафтарчаи хотирааашро баровард ва ба Мурод нишон дод, ки вай ин гапҳоро ҳам дар бораи зимистон, ҳам дар бораи баҳор, ҳам дар бораи тобистон гуфтааст.

*К. Ушинский*

Расмҳоро ба қисмҳои матн мувофиқ гузоред. Гӯед, ки барои иҷрои ин вазифа чӣ ба шумо ёрӣ расонд?




Дар асоси мазмуни матн саволу ҷавоб кунед. **Намуна:** Мурод барои чӣ зимистонро дӯст медошт?

Шумо кадом фаслро дӯст медоред ва барои чӣ? Ҷумла нависед. **Намуна:** Ман фасли тобистонро дӯст медорам. Барои он ки мо ба таътил мебароем.

барфбозӣ кардан, пухтани меваҳо, ба сайругашт рафтан, Иди Наврӯз, Соли нав, оббозӣ кардан, чукрӣ хӯрдан, тарбузу харбуза, дарс хондан, рӯзи таваллуд

## ДАРСҲОИ 89-90



1. Суҳбат дар бораи дӯстӣ.
2. Дар бораи дӯстӣ фикратонро гӯед.

### ДӮСТӢ
### (Афсона)



Оҳуе дар баландии хушобу ҳаво ва сералаф мечарид.

Чашми вай ба Гунҷишке, ки ҳар сӯ меҷаҳид, афтод. Оҳу ба вай нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ ин қадар ҷастухез дорӣ, магар ба саёҳат омадӣ?

– Не, ман ба назди ту омадам, мехоҳам бо ту ошно шавам, – ҷавоб дод Гунҷишк. – Парво накун, аз дасти ман бисёр корҳои хуб меояд. Худат дида, баъд қоил мешавӣ.



Оҳу ин гуфтаҳои Гунҷишкро қабул кард. Онҳо аз ҳамон рӯз дӯстона зиндагӣ мекарданд. Баъдтар бо онҳо Муш ошно шуд.

Рӯзе Оҳу аз рафиқонаш ҷудо шуда, ногоҳ ба доми сайёд афтод. Сайёд хост, ки оҳуро зинда ба хонааш барад. Бинобар ин, ӯро ба дарахт сахт баста, худаш ба лаби ҷӯй рафт.

Гунҷишк ба ҷустуҷӯйи Оҳу баромада, дид, ки ӯро дар як дарахт сахт баста мондаанд. Вай зуд ба назди Муш рафта воқеаро баён кард.

Ҳар дуяшон ба назди Оҳу омаданд. Муш бо дандончаҳои тезаш бандро зуд бурид.

Оҳу аз банд озод шуда, бо дӯстони хурдтараки бовафои худ ба даштҳои дилкушо баромада рафт.

**сайёд** – шикорчӣ; **дом** – банд, ресмон; **дилкушо** – дилкаш

1. Матнро дунафарӣ ба ҳамдигар буррову равон хонед.
2. Матн аз чанд сархат иборат аст, гӯед.
3. Ибораҳоро аз матн ҷудо кунед. **Намуна:** корҳои хуб.

Оҳу чиро дид? Гунҷишк ба Оҳу чӣ гуфт? Оҳу ва Гунҷишк боз бо чӣ дӯст шуданд? Сайёд Оҳуро ба дом афтонда чӣ кор кард? Дӯстон Оҳуро аз банд чӣ тарз озод карданд?

Яке аз пандҳоро ҳамчун хулосаи афсона интихоб намоед. Интихобатонро шарҳ диҳед.

1. Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
   Дар парешонҳоливу дармондагӣ.
2. Дӯст гӯяд заҳрвор, душман гӯяд шакарвор.
3. Дӯсти ҷонӣ беҳ аз дӯсти нонӣ.

Имлои дунафарӣ.
ҷастухез, саёҳат, бисёр, баъд, дӯстона, зиндагӣ, баъдтар, рӯз, сайёд, ҷӯй, ҷустуҷӯ, воқеа, дуяшон, сералаф

Матнро хонед ва ҷадвалро пур кунед.

| Кӣ? Чӣ? | Дар куҷо? | Чӣ кор мекард? |
|---|---|---|
| Оҳу | | |
| Гунҷишк | | |
| Муш | | |
| Сайёд | | |

Дар асоси ҷадвал ҷумла нависед.

Афсонаро дар хона якчанд маротиба хонед.
Дар асоси ҷадвали боло ду ё се ҷумла нависед.

## ДАРСҲОИ 91-92



Сухани хуб морро аз хонааш баровардааст. Ин зарбулмасалро чӣ хел мефаҳмед?

# ҶАВОН ВА ГӮСФАНД
## (Қисми якум)



Мусофире аз роҳ мегузашт. Дид, ки як ҷавон озодона дар кӯчаҳо гаштугузор мекунад ва гӯсфанде аз пасаш ҳамчунин шоду хуррам бозикунон равона аст. Ҳарчанд марди мусофир дунёдида буд, аз ин манзара сахт ба ҳайрат афтод. Зеро он ҷавон гӯсфандро бо ресмон набаста буд ва аз пасаш кашолакунон намебурд. Балки гӯсфанди шӯх аз банду баст раҳо буд ва чун соҳибаш озодона мегашт.



Мусофир аз ҷавон пурсид:

– Ин чӣ сирру асрор аст, ки гӯсфанд бе банду ресмон аз пасат меравад? Оё намегурезад?

Ҷавон ҷавоб дод:

– Дили ман аз гӯсфандам пур аст. Агар ҳоло чашми онро хато кунаму дар гӯшае пинҳон шавам, ҳатман маро пайдо мекунад.

Мусофир нобоварона ба ҷавон нигарист. Ҷавон барои исботи суханаш худро ба кӯчаи дигар гирифт ва дар миёни издиҳом нопадид гардид. Гӯсфанд низ худро ба издиҳом зад ва соҳибашро пайдо карда, гӯё воқеае рӯй надода бошад, аз дунболаш рафтан гирифт. Аз касе, аз чизе намехӯсид, ҳарос надошт, озодона роҳ мерафт ва мардум бо ҳайрат ба он нигоҳ мекарданд.

Марди мусофир аз паси ҷавону гӯсфандаш давид, то ба онҳо расида гираду сирру асрори ин аҷоиботро бори дигар пурсад.

**издиҳом** – ҷамъомади мардуми зиёде дар як ҷо
**мусофир** – шахси аз ҷойи дигар омада
**хӯсидан** – тарсидан, рамидан
**сир** – чизи махфӣ ва пӯшида

1. Тарзи бурррову равон хондани ҳикояро машқ кунед.
2. Маънои калимаҳои мураккабро аз мазмуни матн муайян кунед.
3. Маънои феълҳои мазкурро таҳлил кунед: гаштугузор кардан, ба ҳайрат афтодан, дилпур будан, нопадид гардидан, аз дунболи чизе ё касе рафтан, расида гирифтан.

Ҷавон дар кучо гаштугузор мекард? Мусофир аз чӣ сахт ба ҳайрат афтод? Чаро мусофир нобоварона ба ҷавон нигарист? Ҷавон чӣ кор кард? Гӯсфанд-чӣ?

Имлои дунафарӣ
кӯча, гаштугузор, гӯсфанд, хуррам, дунёдида, ҳайрат, шӯх, гӯша, гӯё, воқеа

Ба фикри шумо сирру асрор дар чӣ буд? Як ҷавобе, ки ба шумо писанд аст, интихоб намоед. Интихобатонро шарҳ диҳед.

1. Ҷавон гӯсфандро бо қанд ром карда буд. Ӯ ба гӯсфанд қанд медод ва гӯсфанд аз пасаш мегашт.
2. Гӯсфанд тарсончак буд ва барои ҳамин аз паси ӯ мегашт.
3.Ҷавон гӯсфандро аз хурдӣ калон кардааст ва ҳамеша бо ӯ меҳрубонӣ мекунад. Барои ҳамин гӯсфанд аз ӯ ҷудо шудан намехоҳад.

Ба ҷойҳои холӣ амали мувофиқ гузоред. **Амалҳо:** гаштугузор кардан, ба ҳайрат афтодан, дилпур будан, нопадид гардидан, аз дунболи чизе ё касе рафтан, расида гирифтан, гумон кардан.

Рустам бо дӯсташ дар боғ ... ... . Ногоҳ онҳо ҳодисаеро диданду ... ... . Дар осмон равшание пайдо шуда, ба зудӣ ... ... . Онҳо ... ..., ки ин равшанӣ ба назарашон тофтааст. Аммо камтар дертар диданд, ки одамон ба тарафи дарвозаи боғ меравand. Онҳо аз ... одамон ... . Вақте ки ба издиҳом ... ..., диданд, ки дар он ҷо пуфаки калон кафидааст.

## ДАРСҲОИ 93-94



Қисми аввали ҳикояро ба хотир оред. Ба фикри шумо сирри ром будани гӯсфанд дар чӣ буд?



# ҶАВОН ВА ГӮСФАНД
## (Қисми дуюм)

Ҷавон давида омадани марди мусофирро диду аз рафтан бозистод.



Мусофир, ки нафасаш аз давидан танг шуда буд, ду-се бор амиқ нафас гирифту ба забон омад:

– Эй ҷавон, ман гирди ҷаҳон гардидаам, бисёр чизҳоро дидаам. Аммо ин манзарае, ки байни туву гӯсфанд мебинам, дар ҳеҷ куҷо надидаам.

Ҷавон табассум карду гуфт:

–Ҳеҷ аҷоиботе нест. Ин гӯсфанд аз гӯсфанди дигар фарқ надорад.

Мусофир пурсид:

–Агар фарқ надошта бошад, чаро ба ин андоза аҳл асту ром асту меҳрубон аст?

Ҷавон боз хандид. Гуфт:

–Худи шумо ба пурсиши худ ҷавоб гуфтед. Меҳрубонӣ! Ин гӯсфанд баррача буд, ки ба ман унс гирифту одат кард. Аз ман ба ғайр аз меҳрубониву лутфу эҳсон рафтори дигареро надидааст. Меҳрубонӣ неруи бузургест, ки бегонагонро ба ҳамдигар наздику қарин мегардонад. Он ресмони ноаёне, ки ба гардани гӯсфанд баста шудаасту онро аз ман як қадам дур рафтан намемонад, меҳрубонӣ ном дорад.

Мусофир ҷавонро таҳсин кард ва муддати тӯлонӣ аз дур ба меҳрубониву қаринии ин ду офаридаи Худованд наззора намуд.

*Ҳикояҳо аз "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ. Бозгӯйи Гулназар*

**амиқ** – чуқур
**унс гирифтан** – дӯст шудан
**лутф** – нармӣ, меҳрубонӣ
**эҳсон** – некуӣ
**қарин** – наздик

1. Тарзи буррову равон хондани ҳикояро машқ кунед.
2. Маънои калимаҳои мураккабро аз мазмуни матн муайян кунед.
3. Мавзӯи асосии ҳикояро якҷоя бо аҳли синф муайян намоед.

Агар шумо ҳайвони хонагӣ дошта бошед, ҳатман ба ӯ меҳрубонӣ кунед. Онро озор надиҳед. Бе нону дон намонед.

Доир ба мазмуни ҳикоя (ҳар ду қисм) панҷ савол омода намоед. Саволҳоро дар варақи алоҳида навишта, ба гурӯҳи дигар супоред. Гурӯҳҳо бояд ба саволҳо ба таври хаттӣ ҷавоб гардонанд.

Дирӯз Азиза сагашро дар байни бозор гум кардааст. Эълони ӯро хонед ва саги Азизаро аз расмҳо аниқ созед.



**Диққат! Диққат!**

Дирӯз ман сагчаи зебоямро дар бозор гум кардам. Сагчаи ман Полвон ном дорад. Гӯшҳои ӯ дароз, чашмонаш сиёҳ, биниаш сиёҳ, қадаш паст нест, рангаш сиёҳ нест, рангаш зард нест, гарданбанд надорад. Полвони мо сап-сафед аст.

Агар Полвонро ёфтед, ба телефонҳои 123456789 занг занед. Азиза.

Ба монанди эълони боло дар бораи яке аз сагҳое, ки дар расм мебинед, эълон нависед.

## ДАРСҲОИ 95-96

Ба расми дар матн омада нигаред ва гӯед, ки дар бораи ин парандаҳо чӣ медонед.

### ЗОҒ ВА КАРГАСИ ЛОФЗАН

Осмон соф буду равшан. Мурғакони зиёде ба ҳар сӯ парвоз мекарданд, меболиданд, гӯё аз шодӣ арғушт мерафтанд. Ногоҳ Зоғу Каргас ҳампарвоз шуданд. Зоғ ба Каргас гуфт:

– Эй дӯст, бол зану болотар парвоз кун.



Каргас бо такаббуру худнамоӣ лоф зад:

– Эй Зоғ! Ту кучоою ҳампарвозӣ бо ман кучо! Оё ту мисли ман ба авҷи осмон баромада метавонӣ?

Зоғ бо хоксорӣ ба забон овард:

– Ман каргас набошам ҳам, шояд тавонам.

Каргас як печутоб заду боз гуфт:

– Шояд ҳамчун ман баланд парвоз карда тавонӣ. Аммо чун ман дурбин буда наметавонӣ. Ман аз баландии баландиҳо донро дар замин мебинам.

Зоғ ба қар-қар даромад:

–Бовар намекунам, ки аз ин баландӣ донро дида тавонӣ. Исбот кун.

Каргас бо фахру виқор боз баландтар баромад ва Зоғро гуфт:

– Ба ман баробар шав. Ба ту донро нишон медиҳам.

Зоғ ба ӯ баробар шуд. Каргас ба як гӯшаи дашти беканор ишора карда, овоз баровард:

–Эй Зоғ, нигоҳ кун. Ҳо, дар зери буттаи канори тали рег чанд дона гандум ҳаст. Мебинӣ?

Зоғ, ҳарчанд кӯшиш кард, чизеро надид.
– Не, Каргас, чизеро намебинам.

Онҳо поин шуданд ва Каргас бо худнамоӣ худро ба зери бутта гирифт ва ногоҳ ба доми сайёд банд шуд. Ҳарчанд худро ба ин сӯ - ба он сӯ зад, халос шуда натавонист.

Ба нолидан сар кард:

–Эй вой! Ба дом афтодам. Чӣ кунам, ки халос шавам?!

Зоғ, ки шоҳиди ин фоҷиаи Каргас буд, ботааҷҷуб пурсид:

–Ту, ки аз ҳамон баландӣ дони хурди гандумро дидӣ, чаро доми сайёдро надидӣ?

Каргас аз ин пешомад менолиду Зоғ ҳайратзада буд.

*Ҳикояҳо аз "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ. Бозгӯйи Гулназар*

1. Калимаҳои мураккабро ёфта, маънои онҳоро аз мазмуни матн муайян кунед.
2. Матнро мувофиқи нақшҳо дунафарӣ хонед.



Бо истифодаи саволҳои Чӣ? Дар куҷо? Чаро? Чӣ кор кард? саволу ҷавоб кунед.



Рафтори Каргас ва Зоғро арзёбӣ кунед. Оё такаббур ва лофзанӣ рафтори хуб аст?

Рафиқатон лофзанӣ карда истодааст. Ӯро аз нияташ гардонед. Аз калимаҳои дар хонача буда истифода баред.

1. Ман дар як дақиқа ба болои дарахти баландтарин мебароям.
2. Ман дар ду дақиқа 20 самбӯса мехӯрам.
3. Ман дарёи паҳнро шино карда мегузарам.
4. Ман аз болои оташ ҷаҳида метавонам.

| |
|---|
| шикамдард шудан, ғарқ шудан, афтидан, сӯхтан |

1. Ҳикояро бори дигар хонед.
2. Ба монанди намуна, дар асоси машқи боло ҷумла нависед.

**Намуна:** 1. Ман дар як дақиқа ба болои дарахти баландтарин мебароям. Ба дарахт набаро, меафтӣ.

# 11. БОЗИҲОИ КӮДАКОНАИ ТОҶИКӢ

## ДАРСҲОИ 97-98

Шумо дар бораи ашёи дар расм буда чӣ медонед? Бо ин бозича чӣ тарз бозӣ кардан мумкин аст?




Матнро хонед ва ҷадвали поёнро пур кунед.

### ЛАНКАБОЗӢ



Ланкабозӣ бозии маъруфи бачагони тоҷик мебошад. Ланка аз порчаи пӯсти пашмдори буз ва пораи сурби гирдшакл сохта мешавад. Сурбро ба сурати танга дар қолиб рехта, ба он як ё ду сӯрох мекунанд.

Ланкабозӣ навъҳои гуногун дорад. Навъи маъмулии он бо пойи чап рост истода, пойи ростро ба дарун қат карда, ланкаро бо буҷулаки пой задан мебошад. Баъди ҳар як зарба задани ланка, бозингар пойро як бор ба замин мемонад ва мувозинати худро нигоҳ медорад.

Ланкабозӣ ба таври гурӯҳӣ ё дунафарӣ сурат мегирад. Бачаҳо шумораи муайянеро марра қарор дода, ба бозӣ шурӯъ мекунанд. Агар дар бозӣ ланка ба замин афтад, навбати бозӣ ба бозигари дигар мегузарад. Нафар ё гурӯҳе, ки пештар ба марра расид, ғолиб дониста мешавад.

*Аз "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик"*

**маъруф** – шинохташуда, маълум
**маъмул** – расму одатшуда
**мувозинат нигоҳ доштан** – баробарвазн шуда истодан, устувор истодан
**марра** – ҳисоби охирини ягон бозӣ ё мусобиқа, ки дар аввал муқаррар шудааст

| Номи бозӣ | Асбоби бозӣ | Чанд нафар бозигар |
|---|---|---|
| | | |



1. Матн аз чанд сархат иборат аст.
2. Ба ҳар сархат номи мувофиқ интихоб кунед. (а) Шарти бозӣ, (б) Тарзи бозӣ, (в) Маълумот дар бораи бозӣ.
3. Матнро буррову равон хонед.



Ланка аз чӣ тайёр мешавад? Навъи маъмули ланкабозӣ кадом аст? Баъди ҳар як зарба бозигар бояд чӣ кор кунад? Дар ланкабозӣ кӣ ғолиб мешавад?



Дар асоси маълумоти ҷадвал дар бораи бозии футбол нақл кунед.

| Номи бозӣ | Асбоби бозӣ | Ҷойи бозӣ | Бозигарон | Шарти бозӣ |
|---|---|---|---|---|
| футбол | тӯб | майдон | 11-нафарӣ, ду даста. Ҳамагӣ 22 нафар | Ба дарвозаи рақиб гол задан |



Барои бозии футбол чӣ лозим аст? Футболро дар куҷо бозӣ мекунанд? Футболро чанд нафар бозӣ мекунанд? Шарти бозии футбол чист?



Ба монанди намуна дар асоси ҷадвали боло дар бораи футбол нависед. **Намуна:** Барои бозии футбол тӯб лозим аст.



Дар бораи як бозии дӯстдоштаатон ду ё се ҷумла нависед.

# ДАРСҲОИ 99-100



Шумо бо дӯстону ҳамсинфонатон дар танаффусҳо боз чӣ гуна бозӣ мекунед? Ба хотир оред.



## БОЗИИ «КАБКШИКОР»

Бозии кабкшикор ба шикори кабк монанд аст. Он дар майдонҳои васеъ ва заминҳои ҳамвор иҷро мешавад. Барои бозӣ ду-се тӯбча лозим аст. Дар ду тарафи майдонча дар замин хат кашида мешавад ва қоида ин аст, ки «шикорчиён» бояд аз хатти кашидашуда пеш нагузаранд.

Кӯдакон аз байни худ як нафарро роҳбар интихоб мекунанд, ки вазифаи ӯ бозиро доварӣ ва идора кардан аст. Роҳбар бозигаронро ба ду гурӯҳ тақсим карда, сардорони гурӯҳҳоро ба наздаш даъват мекунад. Сипас роҳбар ба яке аз муштҳои худ сангча ё чӯбчаеро пинҳон карда, аз сардорони дастаҳо пайдо карданашро талаб менамояд. Сардори кадом дастае, ки сангчаро ёбад, ҳамон гурӯҳ «кабк» ва дастаи дигар «шикорчӣ» мешаванд.

Пас аз ин шикорчиҳо ба қисмҳо ҷудо шуда, дар ду тарафи майдон ҷойгир мешаванд. «Кабкҳо» дар байни майдон истода, ба “донахӯрӣ” машғул мешаванд. Вақте ки бозигарон ҷойҳои худро гирифтанд, бо фармоиши роҳбар бозӣ оғоз мегардад. «Шикорчиён» аз ду тарафи майдон шинак гирифта, бо тӯбчаҳо кӯшиш мекунанд, ки «кабкҳо»-ро “шикор” кунанд. Тӯбча агар ба тани бозигари «кабк» расад, ӯ аз майдон берун шуда, дар як тараф менишинад. Ҳамин тариқ, «шикорчиён» «кабкҳо»-ро аз тарафи майдон ба он тараф ронда, бо тӯбча як-як «шикор» мекунанд. Ҳамин ки «кабк»-и охирин бо тӯбча зада шуд, як дафъаи бозӣ ба анҷом мерасад ва дар навбати дигар «шикорчиён» ба байни майдон даромада, нақши кабкро бозӣ мекунанд.

*Аз "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик"*





Бозии кабкшикор ба чӣ монанд аст? Онро дар куҷо бозӣ мекунанд? Барои бозии кабкшикор чиҳо лозим мешаванд? Дар бозӣ чанд гурӯҳ ширкат мекунад? Кабк ва шикорчиёнро чӣ тавр муайян мекунанд? Тартиби бозӣ чӣ тарз аст? Кӣ дар бозӣ ғолиб దониста мешавад?



Матнро бори дигар хонед ва ҷадвали зеринро пур кунед.

| Номи бозӣ | Асбоби бозӣ | Ҷойи бозӣ | Бозигарон | Шарти бозӣ |
|---|---|---|---|---|
| Кабкшикор | | | | |



Имлои дунафарӣ.
бозӣ, тӯбча, шикорчиён, кӯдакон, гурӯҳ, пайдо, майдон, ҷойгир, донахӯрӣ, дафъа



Курсии сеҳрнок. Як нафарро интихоб кунед. Ӯро дар назди тахтаи синф шинонед. Бонавбат ба ӯ тарзи бозии "Кабкшикор"-ро фаҳмонед. Сипас аз ӯ пурсед, ки дар бораи бозӣ нақл кунад. Агар хонанда пурра нақл кунад, ӯ ғолиб мешавад.



Дар асоси ҷадвал дар бораи бозии "Рустшавакон" нақл омода намоед. Шумо дар бораи бозӣ навишта ҳам метавонед.

| Номи бозӣ | Ҷойи бозӣ | Бозигарон | Шарти бозӣ |
|---|---|---|---|
| Рустшавакон | кӯча, ҳавлӣ | аз чор нафар зиёдтар | як нафар дигаронро мекобад |

## ДАРСИ САНҶИШИИ 1



Як бозиро аз ҷадвал интихоб кунед ва дар бораи он ба ҳамгурӯҳонатон нақл кунед.

| **Номи бозӣ** | **Ҷойи бозӣ** | **Бозигарон** | **Шарти бозӣ** |
|---|---|---|---|
| Рустшавакон | кӯча, ҳавлӣ | аз чор нафар зиёдтар | як нафар дигаронро мекобад |
| Ланкабозӣ | кӯча, майдон | ду нафар ё гурӯҳ | касе якум шуда ба марра расад |
| Футбол | майдон | 22 нафар | ба дарвозаи рақиб тӯби зиёд задан |
| Кабкшикор | майдони васеъ | аз даҳ нафар зиёд | ҳамаи кабкҳоро шикор кардан |



Ба расми зерин нигоҳ кунед ва гӯед, ки он бозӣ чӣ ном дорад ва онро чӣ тарз бозӣ мекунанд?



Матнро хонед ва бозиро бо бозиҳои дигар муқоиса кунед. Онҳо чӣ монандӣ ва чӣ фарқ дорад?

## «ИШТИБОЗӢ»

«Иштибозӣ» бозии бачагонаи тоҷикӣ мебошад. Миқдори бозигарон 6-8 кас ва мумкин аз ин зиёд ҳам шавад. Иштибозӣ бо саққочаи сангин ё сурб, ки “иштӣ” ном дорад, дар ҷойи ҳамвор мегузарад.

Иштирокчиёни бозӣ пеш аз сар кардани бозӣ чуқурчае мекобанд ва мувофиқи қуръа яке иштии худро назди чуқурча мегузоранд. Баъд аз чуқурча 4-6 метр дуртар хатте кашида мешавад. Бозигарон бо навбат иштиҳояшонро ғелонда кӯшиш мекунанд, ки иштии назди чуқурчаро зада ба чуқурча дароранд.

Касе, ки иштиро зада ба чуқурча дарорад, мувофиқи шарт миқдори муайяни донак ё чормағз мебарад. Хато кунад, ҳамин миқдор бой медиҳад. Иштибозӣ дар кӯдакон маҳорати нишонгирӣ ва чусту чолокиро инкишоф медиҳад.

*Аз "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик"*

Матнро бори дигар хонед ва ҷумлаҳое, ки ҷойи бозӣ, миқдори бозигарон, шарти бозӣ ва тартиби бозиро тасвир мекунанд муайян кунед.

Имлои дунафарӣ.
тоҷикӣ, зиёд, иштибозӣ, саққоча, иштӣ, бозӣ, қуръа, кӯшиш, чуқурча, бой, нишонгирӣ

Бо падару модар ё бибиву бобоятон суҳбат кунед. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки дар бораи ягон бозии дар кӯдакӣ иҷрокардаашон ба шумо нақл кунанд. Шумо нақли онҳоро нависед ё дар хотир гиред. Дарси оянда ба ҳамсинфонатон нақл кунед.

## ДАРСИ САНҶИШИИ 2

Дар бораи бозие, ки падару модаратон дар кӯдакиашон иҷро мекарданд, нақл кунед.

Номи бозиро хонед ва гӯед, ки ба фикри шумо онро чӣ тарз бозӣ мекунанд?

### «ЗОҒОН, ЗОҒОН»

Ин як навъ бозии анъанавии бачагон аст, ки одатан дар фаслҳои баҳору тобистон барпо мешавад. Ин бозӣ дар боғча ё майдони кушод бо иштироки 10-20 нафар духтару писар баргузор мешавад. Кӯдакон ба ду гурӯҳи баробар тақсим мешаванд. Гурӯҳи духтарон аз як тараф ва гурӯҳи писарон аз тарафи дигар. Бозигарон як нафарро барои иҷрои нақши гург аз байни худ интихоб мекунанд, ки ӯ берун аз саф дар мобайн меистад ва боқимонда ҳама нақши зоғҳоро бозӣ мекунанд. Дар байни «зоғон» ва «гург» чунин муколама сурат мегирад:

Як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегӯяд:
– Зоғон, зоғон!



Гурӯҳи дуюм:
– Қар-қар!
Гурӯҳи аввал:
– Мо метарсем.
Гурӯҳи дуюм:
– Аз чӣ?
Гурӯҳи аввал:
– Аз гург.
Гурӯҳи дуюм:
– Гург дар куҷост?
Гурӯҳи аввал:
– Дар адир.
Гурӯҳи дуюм:
– Чӣ кор карда истодааст?

Гурӯҳи аввал:

– Алаф хӯрда истодааст.

Пас аз ин муколама зоғон ҷойҳои худро бо чустию чолокӣ иваз мекунанд, то ки «гург» онҳоро дастгир накунад. Баробари ҷойивазкунии онҳо «гург» низ ба сӯйи «зоғон» медавад ва кӯшиши доштани онҳоро мекунад. «Гург» кадомеро, ки дастгир кард, оварда дар як ҷо ҷамъ кардан мегирад. Бозӣ ҳамин тавр давом меёбад. «Гург» аз ҳама бештар «зоғ»-ҳои кадом гурӯҳеро, ки дошта гирифт, он даста мағлуб дониста мешавад.

*Аз "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик"*

1. Ба монанди намуна аз матн ибораҳо ёбед.

**Намуна:** бозии анъанавӣ

2. Дар матн кадом аломатҳои китобат истифода шудаанд, муайян кунед. Онҳоро шарҳ диҳед.

3. Матнро ба ҳамнишинатон хонед.

Дунафарӣ машғул шуда, саволу ҷавоб кунед.

Бозии "Зоғон, зоғон»-ро асосан дар кадом фасл иҷро мекунанд? Бозии мазкурро дар куҷо иҷро мекунанд? Чанд нафар бояд дар бозӣ иштирок кунад? Бозигарон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд? Бозӣ чӣ тарз сурат мегирад? Дар натиҷа кадом гурӯҳ мағлуб мешавад?

Ба саволҳо ҷавоб гардонда, матн офаред.

1. Ба шумо кадом бозӣ писанд аст?
2. Барои бозӣ чӣ лозим аст?
3. Онро дар куҷо бозӣ кардан даркор аст?
4. Чанд нафар бозигар бояд иштирок кунад?
5. Бозигарон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
6. Бозиро чӣ тарз бояд иҷро кард? Тартиби бозиро гӯед.
7. Шарти бозӣ чист? Кӣ ғолиб мешаваду кӣ мағлуб?

Матни дар синф навиштаатонро хонед, ғалатҳоро якҷоя бо аҳли хонавода ислоҳ кунед. Онро дар вараќи алоҳида тозанавис кунед.

## ДАРСИ САНҶИШИИ 3



Порчаҳои зеринро хонед. Онҳо омехта оварда шудаанд. Онҳоро ба тартиби муайян ҷобаҷо кунед.

а) Бозигарон баръакс кӯшиш мекунанд, ки ба даруни давра даромада, ба “мех” даст расонанд. Муҳофизатгар “дарра” дар даст ба дарозии ресмон дар атрофи “мех” гирд гашта, барои дастгир кардани бозигарон мекӯшад. Агар якеро дастгир намояд, ӯро ба ҷойи “мех” мегузорад.

б) Кӯдакон дар майдон ба тарзи давра саф мекашанд. Довар ё сардори бачаҳо ду нафарро ба мобайни давра даъват мекунад. Яке дар маркази давра истода, вазифаи “мех”–ро иҷро менамояд, дуюмӣ муҳофизаткунандаи ӯ мебошад. Бозигаре, ки дар нақши “мех” аст, як нӯги арғамчинро дошта, нӯги дигарашро ба рафиқаш медиҳад.

в) Навъе аз бозиҳои кӯдакона. Дар ин бозӣ писарону духтарон иштирок мекунанд. Бозии “Дарра дар мех” дар майдонча иҷро мешавад ва барои бозӣ як ресмон ё арғамчини 2-3 метра лозим аст.

г) Агар бозигарон ба “мех” ҳуҷум карда, ба он даст расонанд, муҳофизатгар ва “мех” мағлуб ҳисобида мешаванд, он гоҳ ду нафари дигар ҷойҳои муҳофизатгар ва “мех”-ро иваз мекунанд.

ғ) Арғамчин “дарра” ба ҳисоб меравад. Шахси муҳофизатгар даррадор мебошад. Баробари фармони довар ё сардор бозигари муҳофизатгари “мех”, яъне даррадор, дар атрофи “мех” чарх зада, бозигаронро намегузорад ба даруни давра даромада ба “мех” даст расонанд.



**Худро санҷед!** Саволҳои зеринро ба порчаҳои матн алоқаманд кунед. Тартиби саволҳо ба тартиби аслии матн мувофиқат мекунанд.

1. Барои бозӣ чӣ қадар ресмон лозим аст?
2. Кӯдакон дар майдон чӣ тарз саф мекашанд?
3. Даррадор дар атрофи чӣ чарх мезанад?
4. Агар даррадор касеро дастгир кунад, чӣ кор мекунад?
5. Дар кадом ҳолат муҳофизатгар ва “мех” мағлуб ҳисобида мешаванд?

Имлои дунафарӣ.
баръакс, кӯшиш, ӯро, ҷой, майдон, кӯдакон, даъват, дуюм, нӯг, арғамчин, бозӣ, даррадор, яъне

Як бозии нав ихтироъ кунед. Аввал маълумотро дар ҷадвал ҷо диҳед. Сипас дар бораи он нависед.

Бозии ихтироъкардаатонро ба аҳли синф хонед ва намоиш диҳед.



# МУНДАРИЧА

**1. Ҷумла. Аз матн ҷудо кардани ҷумла**
Дарсҳои 1-2. Китоб – дӯсти мо ....................................................4
Дарсҳои 3-4. Як пиразани одӣ ....................................................6
Дарсҳои 5-6. Чаро маймун гурусна монд?..........................8
Дарсҳои 7-8. Ҷавоҳироти шоҳ ...............................................10
Дарсҳои 9-10. Хирс ................................................................12
Дарсҳои 11-12. Парчами мо ................................................14
Дарсҳои 13-14. Оли Сомон, оли тоҷик ...............................16
Дарсҳои 15-16. Ҳубӣ ................................................................18
Дарсҳои 17-18. Кӣ баодоб? ....................................................20
Дарсҳои 19-20. Хислатҳои нек ва бад ...............................22
Дарсҳои 21-22. Ҳикоя ...............................................................24
Дарсҳои 23-24. Деҳаи Лолагӣ ..................................................26
Дарсҳои 25-26. Шодии умрбодӣ ...........................................28
Дарсҳои 27-28. Ватан ҳомии ҳамаи мост ...........................30
Дарсҳои 29-30. Ватан ...............................................................32
Дарсҳои 31-32. Қадри падар ...................................................34
Дарсҳои 33-34. Рӯбоҳ ва буз ....................................................36
Дарсҳои 35-36. Хораку Хасак ...................................................38
Дарсҳои 37-38. Тирамоҳ ...........................................................40
Дарсҳои 39-40. Тоҷикистон ......................................................42
Дарсҳои 41-42. Омӯзгор ............................................................44
Дарсҳои 43-44. Меҳрнома .........................................................46
Дарсҳои 45-46. Боғу баҳор дорем ..........................................48
Дарсҳои 47-48. Тоҷикистон Ватанам. Кори лоиҳавӣ ........50
Дарсҳои 49-50. Барои чӣ шаб мешавад? ..........................51
Дарсҳои 51-52. Меҳргон – иди деҳқон ва рамзи фаровонӣ.......................................................................................53
Дарсҳои 53-54. Худро аз ҳайвоноти ваҳшӣ муҳофизат намо. Қисми якум ................................................................55

Дарсҳои 55-56. Худро аз ҳайвоноти ваҳшӣ муҳофизат намо. Қисми дуюм ........................................................57
**2. Ҳиҷо. Ҷудо кардани калимаҳо ба ҳиҷоҳо**
Дарсҳои 57-58. Ҷони нодон дар азоб ..................................59
Дарсҳои 59-60. Қавли мард ...............................................62
**3. Аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима**
Дарсҳои 61-62. Нишони давлатӣ ........................................64
Дарсҳои 63-64. Одоби меҳмонӣ ва хӯрокхӯрӣ ..................66
Дарсҳои 65-66. Эркатулфор ...............................................67
Дарсҳои 67-68. Меҳри деҳа ...............................................69
**4. Алифбо. Овоз ва ҳарфҳо**
Дарсҳои 69-70. Ватан .........................................................72
Дарсҳои 71-72. Ганҷ дар киса ............................................74
Дарсҳои 73-74. Корнамоии Зангӯлак .................................76
Дарсҳои 75-76. Мамнуъгоҳи “Бешаи палангон”. Қисми якум..................................................................................78
Дарсҳои 77-78. Мамнуъгоҳи “Бешаи палангон”. Қисми дуюм................................................................................80
Дарсҳои 79-80. Насиҳат .....................................................82
Дарсҳои 81-82. Қаламҳои ранга ........................................84
Дарсҳои 83-84. Борон аз куҷо меояд? ...............................86
Дарсҳои 85-86. Сафои об ...................................................88
Дарсҳои 87-88. Искандаркӯл .............................................90
Худро месанҷем ..................................................................92

Дарсҳои 1-2. Модари меҳрубони ман ................................94
Дарсҳои 3-4. Забони тоҷикӣ ...............................................96
Дарсҳои 5-6. Забони мо - ҷаҳони мо ..................................98
Дарсҳои 7-8. Мададгорони бобо. Қисми якум .................100
Дарсҳои 9-10. Мададгорони бобо. Қисми дуюм .............101

Дарсҳои 11-12. Чашмаяки хушбахт ..................................103
Дарсҳои 13-14. Манзара ..................................................105
Дарсҳои 15-16. Заррофачаи себдӯст ...............................107
Дарсҳои 17-18. Дар хона танҳо........................................109
Дарсҳои 19-20. Кайҳоннаварди хурдакак.........................111
Дарсҳои 21-22. Бачаи гапгир ..........................................113
Дарсҳои 23-24. Муаммо. Қисми аввал .............................115
Дарсҳои 25-26. Муаммо. Қисми дуюм ..............................117
Дарсҳои 27-28. Дар васфи мактаб ...................................119
Дарсҳои 29-30. Шуғли дӯстдошта ...................................121
Дарсҳои 31-32. Реҷаи рӯзи ман .......................................122
Дарсҳои 33-34. Кори лоиҳавӣ ..........................................124
Дарсҳои 35-36. Карашма ва Калта. Қисми аввал ...........125
Дарсҳои 37-38. Карашма ва Калта. Қисми дуюм ............127
Дарсҳои 39-40. Карашма ва Калта. Қисми сеюм ............129
Дарсҳои 41-42. Чӯҷаҳо ...................................................131

**5. Навъҳои матн ва хусусияти онҳо**

Афсонаҳои халқӣ.

Дарсҳои 43-44. Ҷуворияк. Қисми аввал..........................134
Дарсҳои 45-46. Ҷуворияк. Қисми дуюм............................135
Дарсҳои 47-48. Ҷуворияк. Қисми сеюм ............................137
Дарсҳои 49-50. Ҷуворияк. Қисми хотимавӣ .....................139
Дарсҳои 51-52. Мӯрча ва кабӯтар ...................................141
Дарсҳои 53-54. Писарбачаи зирак ...................................143
Дарсҳои 55-56. Кори лоиҳавӣ. Дар олами афсона..........145

**Шеър**

Дарсҳои 57-58. Хоҳарам Гулнор .......................................146
Дарсҳои 59-60. Манзараи зимистон ................................147
Дарсҳои 61-62. Кабк ва барф...........................................149
Дарсҳои 63-64. Озмуни мушоира. Кори лоиҳавӣ............150

Дарсҳои 65-66. Зоғи тақлидкор. Қисми аввал..................151
Дарсҳои 67-68. Зоғи тақлидкор. Қисми дуюм...................153
Дарсҳои 69-70. Зоғи тақлидкор. Қисми хотимавӣ...........155
Дарсҳои 71-72. Орзуи Далерҷон.......................................158
Дарсҳои 73-74. Кӣ чӣ тавр зимистон мегузаронад?........159
Дарсҳои 75-76. Дег “хӯрдааст” ........................................161
Дарсҳои 77-78. Худро месанҷем! ....................................163
Дарсҳои 79-80. Худро месанҷем. Саргузашти Саъба.....165
Дарсҳои 81-82. Арчаи солинавӣ ......................................166

**6. Калима. Одамон, ҳайвонот, ашё**

Дарсҳои 1-2. Ҷашни Сада.................................................168
Дарсҳои 3-4. Тасвири зоҳирии инсон ...............................170
Дарсҳои 5-6. Сухани сеҳрнок ...........................................171
Дарсҳои 7-8. Шодӣ ё Ҳодӣ...............................................173
Дарсҳои 9-10. Кори хато ..................................................174
Дарсҳои 11-12. Зимистон барои чӣ даркор аст?.
Қисми якум.......................................................................176
Дарсҳои 13-14. Зимистон барои чӣ даркор аст?.
Қисми дуюм......................................................................178
Дарсҳои 15-16. Гули аввалин.........................................180
Дарсҳои 17-18. Муколама...............................................182
Дарсҳои 19-20. Кай ман калон мешавам? .......................184
Дарсҳои 21-22. Суруди садоқат......................................185
Дарсҳои 23-24. Гармшавии ҷангал. Қисми якум.............186
Дарсҳои 25-26. Гармшавии ҷангал. Қисми дуюм............188

**7. Ҷумла**

Дарсҳои 27-28. Чаро эзорсурхак дарахтро сӯрох
мекунад?.........................................................................190

Дарсҳои 29-30. Табиати мо дар баҳор. Қисми якум.........192
Дарсҳои 31-32. Табиати мо дар баҳор. Қисми дуюм.......193
Дарсҳои 33-34. Табиати мо дар баҳор. Қисми сеюм.......194
Дарсҳои 35-36. Базми лола..............................................196
Дарсҳои 37-38. Баҳория....................................................197
Дарсҳои 39-40. Кори лоиҳавӣ. Ҳикоя дар бораи баҳор...198
Дарсҳои 41-42. Барои чӣ модарамро дӯст медорам?.....199
Дарсҳои 43-44. Модар барои Мамонти хурдакак.
Қисми якум..........................................................................201
Дарсҳои 45-46. Модар барои Мамонти хурдакак.
Қисми дуюм.........................................................................203
Дарсҳои 47-48. Модар барои Мамонти хурдакак.
Қисми сеюм..........................................................................205
Дарсҳои 49-50. Модар.......................................................207
Дарсҳои 51-52. Чароғи хонадон.......................................209
Дарсҳои 53-54. Модарнома..............................................211
Дарсҳои 55-56. Айёми иди Наврӯз..................................213
Дарсҳои 57-58. Базми гул. Кори лоиҳавӣ........................214
Дарсҳои 59-60. Иди Наврӯз..............................................216
Дарсҳои 61-62. Бӯйи хуши суманак. Қисми якум............218
Дарсҳои 63-64. Бӯйи хуши суманак. Қисми дуюм...........220
Дарсҳои 65-66. Бӯйи хуши суманак. Қисми сеюм...........221
Дарсҳои 67-68. Навиштани табрикнома..........................223
Дарсҳои 69-70. Хуш омадӣ, Наврӯзи оламафрӯз!
Кори лоиҳавӣ.......................................................................224

**8. Аломати ашё**

Дарсҳои 1-2. Мактуб.........................................................226
Дарсҳои 3-4. Либос аз кадом мавод тайёр мешавад?....228

Дарсҳои 5-6. Либосҳоям қаҳр карданд. Қисми якум .......229
Дарсҳои 7-8. Либосҳоям қаҳр карданд. Қисми дуюм.......231
Дарсҳои 9-10. Либосҳоям қаҳр карданд. Қисми сеюм.....233
Дарсҳои 11-12. Раққоса.................................................235
Дарсҳои 13-14. Боғҳои дилкушо......................................236
**9. Беҳдошт ва саломатӣ**
Дарсҳои 15-16. Саломатӣ чист?.......................................238
Дарсҳои 17-18. Талхак дандон нашустааст......................240
Дарсҳои 19-20. Бозиҳои олимпӣ чӣ гунаанд?..................242
Дарсҳои 21-22. Кори лоиҳавӣ..........................................244
**10. Аҷоиботи олам**
Дарсҳои 23-24. Динозаврҳо.............................................245
Дарсҳои 25-26. Аҳроми Хеопс.........................................246
Дарсҳои 27-28. Боғи муаллақи Бобул..............................248
Дарсҳои 29-30. Занбӯрҳои асал чӣ гуна зиндагӣ мекунанд?......................................................................250
Дарсҳои 31-32. Абрешимро чӣ тавр кашф карданд?......251
Дарсҳои 33-34. Машқҳои иловагӣ...................................252
**Хислатҳои ботинӣ**
Дарсҳои 35-36. Муҳаббати ҷасур....................................253
Дарсҳои 37-38. Бародар ва хоҳар...................................255
Дарсҳои 39-40. Аввал андеша, баъд гуфтор....................256
Дарсҳои 41-42. Ман одам ҳастам....................................258
Дарсҳои 43-44. Дӯстони қалбакӣ ....................................260
Дарсҳои 45-46. Рӯбоҳ,Сангпушт ва Мӯрча. Қисми якум..262
Дарсҳои 47-48. Рӯбоҳ,Сангпушт ва Мӯрча. Қисми дуюм.264
Дарсҳои 49-50. Марди хасис ва кулоҳдӯз.........................266
Дарсҳои 51-52. Чаро ранги Собира канд?........................269
Дарсҳои 53-54. Ба ҳеҷ кас намегӯям...............................271

Дарсҳои 55-56. Маърифатомӯзи мо.....................................273
Дарсҳои 57-58. Конфет. Қисми якум..................................274
Дарсҳои 59-60. Конфет. Қисми дуюм..................................276
Дарсҳои 61-62. Дар бораи ҳайвонот..................................278
Конфет. Қисми хотимавӣ.................................................277
Дарсҳои 63-64. Шиносоӣ...................................................279
Дарсҳои 65-66. Гурехтани Майдаяк...................................281
Дарсҳои 67-68. Моҷарои Майдаяк ва Пурхӯр.....................283
Дарсҳои 69-70. Зӯри беҳуда миён мешиканад....................285
Дарсҳои 71-72. Оқибати гапнодароӣ..................................287
Дарсҳои 73-74. Баҳори наққош.........................................289
Дарсҳои 75-76. Офтоби ҷаҳонтоб......................................290
Дарсҳои 77-78. Манзараи тобистон....................................292
Дарсҳои 79-80. Мунаққидони наврас. Кори лоиҳавӣ.......294
Дарсҳои 81-82. Хирсбачаҳо чӣ тавр ҳаётро омӯхтанд?
Қисми якум ......................................................................295
Дарсҳои 83-84. Хирсбачаҳо чӣ тавр ҳаётро омӯхтанд?
Қисми дуюм ......................................................................297
Дарсҳои 85-86. Тадбири кабк..........................................299
Дарсҳои 87-88. Чор орзу...................................................301
Дарсҳои 89-90. Дӯстӣ.......................................................303
Дарсҳои 91-92. Ҷавон ва гӯсфанд. Қисми якум.................305
Дарсҳои 93-94. Ҷавон ва гӯсфанд. Қисми дуюм.............307
Дарсҳои 95-96. Зоғ ва каргаси лофзан............................309
**11. Бозиҳои кӯдаконаи тоҷикӣ**
Дарсҳои 97-98. «Ланкабозӣ».............................................311
Дарсҳои 99-100. Бозии «кабкшикор»................................313

Дарси санҷишии 1...........................................................315
Дарси санҷишии 2...........................................................317
Дарси санҷишии 3...........................................................319

Файзулло Шарифзода, Муҳаммад Лутфуллозода,
Бунафша Ғаниева, Сафармо Куйбекова

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Муҳаррирон Ф. Ниёзов, М. Холов
Мусаҳҳеҳ М. Саидова
Рассомон З. Давлатшоева, С. Имоддинова,
Л. Қурбонова
Муҳаррири техникӣ Қ. Саъдуллоев
Тарроҳ И. Сатторов

Ба чоп 25.02.2017 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 20,5.
Адади нашр 160 000 нусха.
Супориши № 03/2017.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “ЭР-граф” ба табъ расид.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: r-graph@mail.ru